**СУХАНИ ПЕШВО**

# КОНСТИТУТСИЯИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИХТИЁР САНАДИ ИФОДАГАРИ ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДИИ ХАЛҚИ МОСТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 30-солагии қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*06.11.2024, шаҳри Душанбе*

**Ҳамватанони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар таърихи давлату миллатҳои ҷаҳон рӯйдодҳое ба вуқуъ мепайванданд, ки сарнавишт ва роҳи минбаъдаи онҳоро муайян мекунанд.

Чунин рӯйдоди муҳим дар таърихи давлатдории навини тоҷикон қабули нахустин Конституцияи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад, ки мо имрӯз 30-юмин солгарди онро таҷлил менамоем.

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ тамоми халқи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба муносибати ин санаи воқеан тақдирсозу таърихӣ самимона табрику шодбош мегӯям.

Конституцияи Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун санади ифодагари истиқлолу озодии халқи мо дар таъсиси давлатдории навини тоҷикон ва пойдориву бардавомии он нақши ҳалкунанда дорад.

Ин санади таърихӣ ва сарнавиштсоз барои гузоштани асосҳои аркони давлатдории навини тоҷикон, ноил гардидан ба сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, дастовардҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаккули озодонаи шахс заминаи мустаҳкам ва боэътимоди ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Сӣ соли амали Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит сохт, ки қонуни асосии давлати мо аз имтиҳони бисёр ҷиддии ҳаёт гузашт ва дурустии мақсаду вазифаҳо ва арзишҳое, ки Конституция ба онҳо асос ёфтааст, исбот гардид.

Тавре ки ман дар яке аз суханрониҳои худ зикр карда будам, Конституция заминаҳои ҳуқуқии истиқлол ва асосҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии моро таҳким бахшид.

Конституция сарчашмаи ташаккули низоми қонунгузории давлати муосири мо гардид ва иштироки озодонаву васеи шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар ва идораи давлат таъмин намуд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар зарфи 30 соли амали Конституция кишвари мо роҳи ниҳоят душворро тай намуд ва мардуми тоҷик барои расидан ба ин рӯзҳои босаодат ва дастоварду муваффақиятҳо масири бағоят сахту сангинро сипарӣ карданд.

Соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон зарурати дар сатҳи Конституция ба расмият даровардани давлатдории миллӣ, муайян намудани шаклу сохтори он, арзишҳои бунёдии ҷомеа, аз ҷумла, мақоми шахс ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин, асосҳои конституционии сиёсати хориҷии давлат ва арзишу принсипҳои ҷомеаи демократиро ба миён гузошт.

Маҳз Истиқлоли давлатӣ ҳамчун арзишмандтарину муқаддастарин неъмати зиндагии халқи Тоҷикистон ба қабули Конституцияи соли 1994 замина гузошт.

Мардуми Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта, яъне, дар ибтидои соҳибистиқлолӣ Конституцияи амалкунанда ва қонунҳо поймол шуда, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ фалаҷ ва дар кишвар беҳокимиятиву бенизомӣ ҳукмфармо гардида буд.

Дар муддати як сол таҳти фишори гурӯҳу доираҳои манфиатхоҳ ду Президент ва панҷ Ҳукумат ба истеъфо рафт ва ин раванд боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

Дар он марҳалаи тақдирсоз барои ба эътидол овардани вазъият, таъмин намудани суботи ҷомеа ва расидан ба ризоияту ваҳдати миллӣ зарур буд, ки сохти конституциониро барқарор сохта, қонунияту тартибот таъмин карда, ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшида шавад.

Амалисозии ин вазифаи душвору мураккаб

танҳо баъди Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олӣ оғоз гардид.

Дар масъалаи муайян намудани сохти давлатдории Тоҷикистон ман мақсади худро ҷиҳати барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар он иҷлосияи таърихӣ бо қатъият эълон кардам, зеро ин мақсаду мароми мардуми Тоҷикистон буд ва солҳои сипаришуда дурустии роҳи интихобкардаи моро собит намуданд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар он давраи мудҳиш таҳия кардани лоиҳаи Конститутсия кори осон набуд, вале масъалаи таҳияи қонуни асосии давлат ва ташаккули асосҳои конститутсионии давлатдории навин аз ҷумлаи заруратҳои муҳимтарини рӯз ба ҳисоб мерафт.

Яъне, дар баробари барқарор кардани сохти конститутсионӣ ва ҳалли вазифаҳои тақдирсоз, аз қабили қатъи ҷангу хунрезӣ, таъмини сулҳу субот, қонунияту тартибот ва сарҷамъ намудани мардуми кишвар ҳарчи зудтар таҳия ва қабул кардани Конститутсия яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа буд.

Дар Иҷлосияи XVII-уми Шурои Олӣ масъалаи таҳияи Конститутсия баррасӣ гардид ва бо роҳбарии Сарвари давлат Комиссияи конститутсионӣ таъсис дода шуд.

Дар робита ба ин, қобили таъкид аст, ки бо вуҷуди вазъияти мураккабу ноороми кишвар ва фишори гурӯҳҳои қудратталаб, аъзои комиссияи конститутсионӣ ва умуман мардуми шарафманди тоҷик дар таҳия ва қабули ин санади сарнавиштсоз иродаи устувор нишон дода, дар қонуни асосии давлат мақсаду мароми худро ифода карданд.

Дар раванди таҳияи лоиҳаи Конститутсия ҳайати комиссияи конститутсионӣ ба якчанд давлати пешрафтаи ҷаҳон бо мақсади омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи онҳо фиристода шуд.

Ҳангоми таҳияи лоиҳаи Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуданд ва меъёрҳои онҳо дар Қонуни асосии мо дарҷ гардиданд.

Дар ҷараёни таҳия ва муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия, ки қариб ду сол идома пайдо кард, мардуми Тоҷикистон фаъолона иштирок карда, зиёда аз 8,5 ҳазор пешниҳоду дархости худро ба комиссия манзур намуданд.

Тамоми пешниҳодҳои воридшуда аз ҷониби комиссияи конститутсионӣ таҳлилу баррасӣ гардида, дар раванди таҳияи матни ниҳоии Конститутсия ба эътибор гирифта шуданд.

Бояд гуфт, ки фаъолияти комиссияи конститутсионӣ якмаром набуд.

Дар баъзе масъалаҳо байни аъзои комиссия баҳсҳои доманадор ба вуҷуд меомаданд, зеро он вақт таъсири мафкураву арзишҳои даврони гузашта ҳанӯз хеле қавӣ буд.

Таҳти таъсири чунин мафкура арзишҳои нави ҷомеа, аз ҷумла, гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, баробарҳуқуқӣ ва шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла, моликияти хусусӣ, иқтисоди бозаргонӣ, соҳибкорӣ ва монанди инҳо бо душворӣ қабул мешуданд.

Ин баҳсу мунозираҳо сабаби пайдо шудани ду мавқеъ доир ба интихоби шакли идоракунии давлатӣ дар Конститутсия – яке ҷумҳурии президентӣ ва дигаре ҷумҳурии парламентӣ гардиданд.

Доир ба ин масъала ман иброз намудам, ки муқобил гузоштани ин ду шакли идоракунии давлат дуруст нест, зеро дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ҳар ду навъи ҷумҳурӣ қабул шудаанд ва бо дарназардошти хусусиятҳои таърихиву фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву анъанавии онҳо амал мекунанд.

Барои мо дар он давра ҳифзи якпорчагии Тоҷикистон, таъмин намудани амнияти мардум, сулҳу субот ва оромии ҷомеа масъалаи аз ҳама муҳим ба шумор мерафт.

Ҳамчунин, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву мафкуравии мардуми тоҷик ва барои баромадан аз ин вазъи даҳшатноки бӯҳронӣ таъсиси ҳокимияти неруманди мутамарказ, ягона ва муназзам зарур буд.

Бинобар ин, аъзои комиссияи конститутсионӣ ба хулоса омаданд, ки барои шароити Тоҷикистон ҷумҳурии президентӣ шакли мувофиқ ва боэътимод мебошад ва аксари кулли шахсоне, ки дар муҳокимаи лоиҳа иштирок доштанд, ҷумҳурии президентиро ҳамчун шакли идоракунии давлати Тоҷикистон тарафдорӣ карданд.

Дар натиҷа ҷумҳурии президентӣ

## СУХАНИ ПЕШВО

ҳамчун шакли идоракунии давлат дар лоиҳаи Конститутсия пешниҳод гардид.

Рушди минбаъдаи Тоҷикистони азизамон бори дигар исбот намуд, ки мо дар интихоби шакли идоракунии давлатамон хато накардем.

Аъзои комиссия доир ба масъалаи тарзи қабули Конститутсия низ андешаҳои мухталиф доштанд.

Баъзеҳо аз ҷониби парламент қабул кардани Конститутсияро беҳтар медонистанд ва гурӯҳи дигар ҷонибдори қабули он тавассути раъйпурсии умумихалқӣ буданд.

Вазъи сиёсии кишвар дар он давра моро водор намуд, ки лоиҳаи Конститутсия аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шавад.Зеро ин тарзи қабул далели қатъии ба халқ тааллуқ доштани ҳокимияти давлатӣ буда, устувории Конститутсия ва амали бевоситаи меъёрҳои онро таъмин намуда, қувваҳои гуногуни сиёсиро аз имконияти ҳар лаҳза ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он маҳрум месохт.

Тавре борҳо хотиррасон карда будам, вакилони Шурои Олӣ ба Конститутсияи ҳамонвақта ҳатто дар як рӯз якчанд маротиба тағйирот ворид мекарданд, ки онҳо баъзан хилофи ҳамдигар буданд.

Парламенти онрӯза ба бозичаи дасти гурӯҳу неруҳои манфиатҷӯй ва қудратталаб табдил ёфта буд.

Дар чунин шароит ба назар гирифтани майлу иродаи мардум, ки аз тариқи раъйпурсӣ изҳор мешавад, барои тамоми неруҳои сиёсӣ ва ҳар як фарди ҷомеа қатъӣ ва ҳатмӣ мегардад.

Шашуми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ 94,4 фоизи шаҳрвандон иштирок намуда, 87,6 фоизи онҳо ба тарафдории қабули Конститутсия овоз доданд.

Ошкоро ва ҳаматарафа баррасӣ гардидани лоиҳаи Конститутсия, ба муҳокимаи мардум пешниҳод шудани он ва ниҳоят, аз тариқи овоздиҳии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсия далели қатъии дар асоси меъёрҳои демократии аз ҷониби умум эътирофшуда қабул гардидани ин санади тақдирсоз мебошад.

Ҳамчунин, хотиррасон менамоям, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалин қонунҳои асосие мебошад, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Конститутсияи Тоҷикистон анъанаҳои давлату давлатдории тоҷиконро инъикос карда, ҳамчунин, кӯшишу талошҳои фарзандони огоҳи миллати тоҷикро дар роҳи расидан ба истиқлолу озодӣ ва давлатдории миллӣ амалӣ гардонид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳое мебошад, ки онҳо барои таҳкими давлатдории муосири мо заминаи устувор гузоштанд.

Аввалан, ғояҳои башардӯстонаи Конститутсия инъикоскунандаи суннатҳои пурғановати халқи тоҷик буда, аз фарҳанги ниёгони ориёии мо, анъанаҳои давлатдории халқамон ва мероси бузургони таъриху фарҳанги миллатамон сарчашма мегиранд.

Дуюм, ин санади олии ҳуқуқӣ Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона эълон намуд.

Конститутсия дар назди ҷомеа вазифаҳои муҳимтаринеро гузошт, ки ташкили ҳокимияти давлатии муосир, низоми мукаммали ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Сеюм, бори нахуст дар сатҳи Конститутсия муқаррар гардидани тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат воситаи муҳимтарини ҳимояи конститутсионии сохти давлатдории муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Чорум, Конститутсияи Тоҷикистон дар асоси арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро аз ҷониби давлат кафолат додааст, ки ин баёнгари воқеан ба ҷомеаи мутамаддини муосир пайвастани Тоҷикистон мебошад.

Панҷум, таъмин намудани рушди устувори ҷомеа ва амалӣ гардидани ҳуқуқҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон, ки дар Конститутсия пешбинӣ гардидааст, имкон медиҳад, ки сатҳу сифати зиндагии мардум мунтазам баланд бардошта шавад.

СУХАНИ ПЕШВО

Шашум, дар Конститутсия мустақилияти ҳокимияти судӣ эътироф гардидааст, яъне, танҳо суди мустақил ва беғараз метавонад бо роҳи амалӣ кардани адолати судӣ манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ҳуқуқ ва арзишҳои шахс ва шаҳрвандро таъмин намояд.

Ҳафтум, волояти Конститутсия нисбат ба тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Яъне, Конститутсия санади олии ҳуқуқӣ мебошад ва ягон санади дигари ҳуқуқӣ наметавонад Конститутсияро тағйир диҳад ё бар хилофи меъёрҳои он қабул карда шавад.

Ҳаштум, дар асоси принсипу меъёрҳои конститутсионӣ оид ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол ташаккул ва рушд ёфт.

Нуҳум, дар заминаи Конститутсия волояти қонун, ки муносибати давлатро бо ҷомеа дар асоси эътирофи манфиатҳо таъмин менамояд, устувор гардид ва пойдории адолати иҷтимоӣ таъмин карда шуд.

Даҳум, бори нахуст ин ҳуҷҷати олии сиёсиву ҳуқуқӣ барои ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мусоидат намуд.

Ёздаҳум, дар Конститутсия фаъолияти озоди иқтисодӣ, гуногунии сиёсиву мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, озодии эътиқод, сухан, матбуот, гуногуншаклии моликият ва дигар арзишҳо, ки далели равшани мавҷуд будани низоми демократӣ дар мамлакат мебошанд, ифода ёфтаанд.

Ин ва дигар арзишҳои Конститутсия боиси аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ аз ҷумлаи панҷ конститутсияи беҳтарини давлатҳои узви Созмони амният ва ҳамкории Аврупо эътироф шудани Конститутсияи Тоҷикистон гардидааст.

Дар робита ба ин, боз як нуктаи муҳимро таъкид бояд кард, ки қабули Конститутсия роҳро барои оғози ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ҳамвор сохт.

Дар натиҷаи татбиқи самараноки меъёрҳои конститутсионии зикршуда, Тоҷикистон аз соли 2000 ба марҳалаи рушди устувор ворид гардида, солҳои охир афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоби миёна беш аз 8 фоиз таъмин шуда истодааст.

Чунин сатҳи афзоиш дар арсаи байналмилалӣ нишондиҳандаи баланди суръати рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Дар баробари кафолати ҳуқуқу озодиҳо дар Конститутсия вазифа ва уҳдадориҳои шаҳрвандони Тоҷикистон низ муқаррар карда шудаанд.

Аз ҷумла, мутобиқи моддаи 10-уми Конститутсия давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои кишварро риоя ва иҷро намоянд.

Ҳамчунин, мутобиқи муқаррароти моддаи 42-юми Конститутсия ҳар шахс вазифадор аст ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд.

Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлол, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст.

Қобили зикри хос аст, ки дар Конститутсия, ҳамчунин, масъулияти фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар дар моддаи алоҳида зикр гардидааст.

Бояд гуфт, ки амалӣ гардидани ҳуқуқу озодӣ, инчунин, вазифаҳои инсон ва шаҳрванд аз сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум вобастагӣ дорад.

Мо соли 2024-ро ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудем, зеро ҷавҳари маърифати ҳуқуқиро риояи меъёрҳои Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ ташкил медиҳад.

Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, дар навбати худ, барои бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар нақши калидӣ дорад.

Ҳадаф аз иқдоми мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Ҳамчунин, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром ба Конститутсия, риояву иҷрои қонунҳо ва таъмин намудани волояти қонун низ аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, ҳадафи асосии баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба он равона шудааст, ки эътирофу эҳтиром, риоя ва иҷрои қонун ба ҳукми одату анъана

табдил ёбад. Зеро тавре равандҳои рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ собит месозанд, танҳо ҷомеае ба пешрафту тараққиёт ноил шуда метавонад, ки дар он Конститутсия ва қонунҳо бечунучаро риоя ва иҷро шуда, волоияти қонун ҳамчун арзиши муҳимми давлати ҳуқуқбунёд таъмин гардад.

Бинобар ин, омӯзиши Конститутсия ва қонунҳо дар давлати ҳуқуқбунёд масъалаи меҳварии ҷомеа мебошад ва аз ҷониби тамоми қишрҳои ҷомеа бояд амалӣ карда шавад.

Бо ин мақсад, зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳиву маърифатӣ, шарҳу тафсири илмиву оммавии меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо бо иштироки олимон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мутахассисон ва дар ин замина ташкилу баргузор намудани барномаҳои махсус тавассути воситаҳои ахбори омма васеъ ба роҳ монда шаванд.

Аз ин лиҳоз, ба омӯзиши Конститутсия ва қонунҳо дар вазорату идораҳо, корхонаву муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, аз ҷумла, муассисаҳои таълимӣ бояд эътибори ҷиддӣ зоҳир гардад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Тавре зикр гардид, дар барпо кардани давлатдории навини тоҷикон ва расидан ба ваҳдати миллӣ Конститутсия нақши муҳим дорад.

Албатта, расидан ба ваҳдати миллӣ натиҷаи ақлу хиради миллати бостонии тоҷик мебошад ва ба имзо расидани санади муҳимму таърихӣ – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима гузошт, нақши арзишманд бозид.

Имрӯз таҷрибаи сулҳофаринии миллати фарҳангсолори тоҷик ба мактаби ибратомӯзи ҳалли низоъҳои дохилидавлатӣ мубаддал гардидааст.

Шароити пуртазоди замони муосир ва бозиҳои геосиёсӣ, таҳдиди ғояҳои хатарбор ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ, шиддат гирифтани муборизаҳои мафкуравӣ, рақобатҳои иттилоотӣ ва дигар хатарҳои ҷаҳони имрӯза тамоми афроди ҷомеаро водор месозанд, ки ваҳдати миллиро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Ман ҳамеша таъкид менамоям ва итминони комил дорам, ки мардуми фарҳангсолору тамаддунсози мо ба қадру қимати ваҳдат ва сулҳу субот мерасанд ва намегузоранд, ки андешаву ғояҳои ифротиву бегонаи хатарзо мафкураи ҷомеаи моро таҳти таъсир қарор дода, суботу оромии кишвар ва ваҳдати миллиамонро халалдор созанд.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки ваҳдати миллӣ барои халқи мо неъмати бебаҳо, арзиши муқаддас, омили оромиву осудагӣ, рамзи ҳувияту худогоҳӣ, кафили бақои давлату давлатдорӣ ва саодати наслҳои имрӯзу оянда мебошад.

Имрӯз халқи саодатманди тоҷик дар шароити сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар ҷодаи амалисозии ҳадафҳои созандаи худ бо қадамҳои устувор пеш меравад.

**Ҳамватанони азиз!**

Рушди устувори ҷомеа, хусусан, дар давлатҳое, ки дар марҳалаи тараққиёт қарор доранд, талаб мекунад, ки меъёрҳои Конститутсия пайваста такмил дода шаванд.

Ин, дар навбати худ, ба рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Такмили Конститутсия, ҳамчунин, ба густариши минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ташаккулёбӣ ва таҳкими асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он ва мукаммалу самаранок гардидани низоми мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд.

Чунин амал, ҳамчунин, заминаи зарурии ҳуқуқиро барои кафолати риояву ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муҳайё месозад.

Конститутсияи Тоҷикистон солҳои 1999, 2003 ва 2016-ум тавассути раъйпурсии умумихалқӣ такмил дода, ба он тағйиру иловаҳои муҳимму зарурӣ ворид карда шуданд.

Тағйиру иловаҳои соли 1999 дар асоси Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон амалӣ гардид.

Ин тағйиру иловаҳо асосан ба ташкил ва фаъолияти парламенти касбӣ дахл дошта, дар натиҷа боби сеюми Конститутсия дар таҳрири нав қабул гардид.

Бо дарназардошти тағйиру иловаҳои соли 1999 сохтори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргун гардида, он ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар иборат аз ду палата таъсис дода шуд.

Соли 2016 ба Конститутсия доир ба шакли

**СУХАНИ ПЕШВО**

идоракунии давлат, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷалби васеи шаҳрвандон ба идоракунии давлатӣ меъёрҳои хеле муҳим ворид карда шуданд.

Такмили низоми ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани масъулияти аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, аъзои Ҳукумат ва судяҳои мақомоти судӣ низ аз ҷумлаи меъёрҳои муҳимми соли 2016 ба Конститутсия воридгардида мебошанд.

Дар маҷмуъ, тағйиру иловаҳое, ки се маротиба бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия ворид карда шуданд, мазмуну муҳтаво ва меъёрҳои онро такмил дода, ба рушди устувори минбаъдаи кишвар мусоидат намуданд.

Конститутсия асоси низоми қонунгузории мамлакат буда, дар заминаи он қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ қабул карда мешаванд.

Санадҳои зикршуда соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва сохтору фаъолияти давлатро ба танзим дароварда, ба рушди босуръату устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии мамлакат мусоидат мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар Конститутсия принсипу арзишҳои низоми ҳуқуқии кишвар сабт гардиданд. Яъне, дар ин санади олӣ ҳамчун сарчашмаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоси низоми нави қонунгузории мамлакат гузошта шуд ва дар заминаи ин ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ қонунгузории нави давлати Тоҷикистон ташаккул ёфт.

Конститутсия ҳамчун санади олии сиёсиву ҳуқуқӣ дар таҳкиму такмили ҳокимияти давлатӣ, ташкилу фаъолияти он, низоми мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо нақши калидӣ дорад.

Чунин ҳамкорӣ дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад.

Ин принсип яке аз арзишҳои ҷаҳони мутамаддин буда, имкон медиҳад, ки шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ мустақилона фаъолият ва ҳамкорӣ намоянд.

Солҳои сипаришуда нишон доданд, ки чунин тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ ба манфиати халқ ва фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ мебошад.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Аҳаммияти таърихии Конститутсия дар он зоҳир мегардад, ки ин санади муқаддаси давлати соҳибихтиёр истиқлолу озодии Тоҷикистонро ба расмият дароварда, шакли идораи давлатро муайян намуд.

Конститутсия, ҳамчунин, барои ташкил ва таҳкими низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошт ва омили таъминкунандаи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ гардид.

Ин санади таърихӣ, инчунин, асосҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҷомеа ва давлати Тоҷикистонро муайян намуда, низоми мукаммали ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар кард ва механизми амалигардонии онҳоро кафолат дод.

Бо гузашти сӣ сол аз қабули ин санади тақдирсоз мо бо сарбаландӣ ва ифтихор гуфта метавонем, ки роҳи интихобкардаи халқи Тоҷикистон, яъне, барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҷавобгӯйи мақсаду маром ва ормону ҳадафҳои мардуми шарафманди мо мебошад.

Яъне, бунёди ҷомеаи муосири озоду демократӣ, дастовардҳои имрӯзаи Тоҷикистон, рушди бонизому устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум ба мо маҳз дар натиҷаи татбиқи бомароми меъёру муқаррароти Конститутсия муяссар гардид.

Итминони комил дорам, ки Конститутсия ҳамчун санади роҳнамову сарнавиштсози таърихӣ барои рушди минбаъдаи Тоҷикистони соҳибистиқлол садсолаҳо хизмат хоҳад кард.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахши идона бори дигар тамоми мардуми шарафманди Тоҷикистон ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистон – санади тақдирсози ҷомеа ва давлат – самимона табрик мегӯям.

Орзумандам, ки дар хонадони ҳар як фарди мамлакат сулҳу амонӣ, хушбахтӣ ва саодати рӯзгор ҳамеша пойдор бошад.

Бигзор, Конститутсия ҳамчун яке аз муқаддасоти миллии мо барои истиқлолу озодии давлату давлатдории мустақили тоҷикон, пешрафти устувори он, кафили доимии амнияту суботи кишвар ва зиндагии орому осудаи мардуми Тоҷикистон хизмат намояд.

**Саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**

**С. ЯТИМОВ,**
**профессор**



# НАҚШИ ШАХС ДАР ТАЪРИХ



Саҳми инсон дар таърих аз умдатарин масъалаҳои омӯзиш, таҳқиқ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ мебошад. Ва аз Дунёи Қадим то ба имрӯз мавзуи баҳс интихоб шудааст: магар инсон таърихро офаридааст ё таърих аз хосияти фавкулодаи қонунмандии тараққиёт ва рушду инкишоф бархӯрдор аст?

Дар ҳар сурат, назария ва амалияи тақдири кишварҳои олам омили инсониро ҷузъи муайянкунандаи бунёди давлат ва такондиҳандаи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, рушди давлатдорӣ, эътироф менамояд. Софокл таъкид мекунад: **«Дар дунё қуввахои бузург бисёранд. Аммо бузургтар аз Инсон дар табиат дигар неруе нест. Ӯ дар олам ғолибона қадам мезанад. Тамоми намуди қувваҳоро тавассути ақлу фаросати одамӣ паси сар карда. Лекин боз зӯрии Ақли Инсон дар он аст, ки ояндаро хушмандона пешгӯӣ карда метавонад».**

Омӯзиши сифатҳои шахсият воситаи муҳимми дарки воқеияти имрӯз ва ояндабинии чараёни рушди ҷомеа мебошад. Ба хотири он ки тибқи таъкиди нобиғагони классик, **«таърих чизе нест, ба ҷуз фаъолияти ба мақсад нигаронидашудаи инсон».**

Ҳамзамон, бояд донист, ки сарчашмаи асосии мақсадгузорӣ, на шуури инсон, балки раванди воқеаҳои ҷамъиятӣ, олами объективӣ мебошад ва шахсро барои ҷуръат, тасмимгирию амал такон медиҳад. Сафарбар менамояд. Воқеият аст, ки ниёз ба амалро ногузир мегардонад.

Аз лиҳози дигар, ба таъбири академик И. Ковалченко, **«ҳар насли таърихии инсоният дар давраи мушаххаси замон аз захираҳои таъйингардидаи моддӣ ва маънавие бархӯрдор аст, ки системаи муносибатҳои истеҳсолӣ, сиёсӣ, ва мадании давр онро фароҳам овардааст. Ва ин насл ҳангоми**

**фаъолият қодир аст, фақат аз ҳамин захираҳо истифода намояд. Фаъолияти худро ташкил кунад.**

**Дуруст аст, ки дар натиҷаи амали мақсаднок ин захира ва ин имконот метавонанд такмил ва муносибатҳо тағйир ёбанд, аммо амал кардан, танҳо ва фақат дар доираи ана ҳамин имкониятҳо ва ана ҳамин захираҳо сурат гирифта метавонад».**

Яъне, фаъолияти раҳбари сиёсии ҷомеа, ки бо амри тақдир масъулияти сарвари миллат ба дӯши ӯ меафтад, дар доираи ду омил – моддӣ ва маънавӣ маҳдуд аст.

Таҳлил, баррасӣ ва арзёбии шахсияти раҳбари сиёсӣ аз он ҷиҳат ҳам қобили таваҷҷуҳ аст, ки сарфи назар аз замон ва мушкилоти рӯ ба рӯйи ҷомеа, фазилати ӯ муҳитсоз ва омили ташаккули навъи боварӣ, эътимод, ахлоқ ва маънавиёти табақаҳои гуногуни ҷомеа мегардад.

Яке аз самтҳои омӯзиши сифати шахсияти раҳбар, инъикоси фаъолияти ӯ дар ҳолати динамикӣ – қудрати пешрафт, ҳалли мушкилот ва сарнавишти сиёсии ҷомеа, ки новобаста аз иродаи зимомдори мамлакат арзи вуҷуд кардааст, маҳсуб мегардад.

**Насли мо шоҳиди сиёсати амалии Сарвари кишвар дар мушкилтарин даврони давлатдории тоҷикон, охири асри XX ва нимаи аввали асри XXI аст.**

Ман, ҳамчун шаҳрванд, шоҳиди воқеӣ ва иштирокдори раванди сиёсати амалӣ зери раҳбарии Қаҳрамони миллати тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастам.

**Аз ин лиҳоз, барои мо арзишмандии табиат ва нақши шахсияти Раҳбар дар тулуи мушкилнафаси давлатдории миллӣ, шароити ниҳоят сангини гирдоби таърихӣ, даврони тақдирсоз, қонунмандии ҷараёни тараққиёти ҷамъиятии замон чун оина равшан аст.**

Волотарин сифати роҳнамо дар қудрати қабули қарор ва амалӣ кардани он дар чаҳорчӯбаи таъмини суботи миллӣ ва рушду тараққиёти мамлакат аён мегардад.

Нақшаи ба ниёзҳои мардумӣ ҷавобгӯ, тахассусмандона ва дақиқ пешбинигардидаи зина ба зина ба эътидол овардани вазъи мамлакат, нишонаи аслии ин сиёсат ба ҳисоб меравад.

**Бузургтарин фоҷиа барои мардумони олам низоъ бар мабнои динӣ – мазҳабӣ ва миллӣ – маҳалгароӣ ба шумор меравад. Бо ангезаҳои умқӣ ва носолими руҳиву равонӣ, ки хосияти ҳамагонии қишрҳои васеи мардумиро касб мекунад, ҳаллу фасли чунин даргириҳо аз мушкилтарин вазифаҳои сарварони кишвар, ҳатто наслҳо мегардад. Ҳамасрони мо шоҳиди чунин воқеаҳои хуношоми тулонӣ дар Сурия, Ироқ, Яман, Сомали, Судон ва даҳҳо кишвари дигари олам мебошанд. Хирадмандии роҳбари давлат, дараҷаи олии тавони ҳаллу фасли мушкилоти инсонӣ, ки дар қазияи фалокати миллати тоҷик зуҳур гардид, аз сифатҳои олӣ ва фарққунандаи Сарвари Тоҷикистон мебошад.**

Дар баробари ин, дар шароити хазинаи холии давлат, кӯшиши умдаи ҳукумат – масъалаи бо нон таъмин кардани аҳолӣ буд.

Тавассути қабули қарорҳои ғайримаъмулӣ ба мардум заминҳои корам тақсим карда шуд. Дигар чораҳои фавқулодаи наҷот аз гуруснагӣ ва касалиҳои марбут ба ин вазъ руҳдода, батадриҷ амалӣ гардиданд.

**Роҳбари давлат муътақид аст, ки мавҷудияти инсон дар ҷомеа хосияти мухтор надорад. Маҳсули фазо, муҳит, вазъият ва воқеият аст. Рушди инсониро масъалаи ҳаётан муҳим ва замонати тараққии устувори имрӯзу ояндаи миллат эълон ва дар ин самт миллиардҳо сомонӣ сарф кард.**

Чунин назария ва усули кор раванди мақсадноки стратегӣ гирифт.

Давлат бо тамоми неру кӯшиш мекунад, ки наврасону ҷавонони мамлакат бо тарбия ва таълими босифат фарогир бошанд. Дар бораи қонунҳои тараққиёти табиат, ҷамъият ва тафаккур тасаввуроти аниқ дошта, роҳ ва усули истифодаи онҳоро омӯзанд. Агар воқеияти объективӣ ба фазои субъективӣ таъсиррасон бошад, субъект низ мебояд ба ҳолати объективии ҷомеа таъсиргузор, фазосоз, аз ҳама муҳим, омил будани худро ба намоиш гузошта тавонад.

## 16-УМИ НОЯБР - РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Зарурат ба таъкид аст, ки Илм, Дониш ва Маърифат аз ниёзҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаи башарӣ ҳастанд.**

**Кӯшиши Сарвари кишвар, ки мо солҳо шунидем ва дидем, таъкиди он нуктаест, ки «сафарбар кардани тамоми неруи инсонӣ ба самти ягона – рушди донишу маърифат мебошад. Давроне хушбахт ҳисобида мешавад, ки бузургтарин фатҳ – расидан ба қуллаҳои дониш эътироф гардад» (Анри Сен–Симон).**

**Яке аз нишонаҳои хирадмандии Роҳбари давлат ҷиддан ба инобат гирифтани пешомадҳои фавқулода ва ғайриинтизори иқтисодӣ, иҷтимоии дохилӣ ва омилҳои берунии хосияти табиӣ ва геополитикидошта маҳсуб мегардад.**

**Муносибати Сарвари давлат дар ин маврид, аз дидгоҳи диалектикӣ бархӯрдор аст. Ӯ ба воқеият аз мавқеъ ва вусъати тағйирёбӣ, дигаргуншавӣ, инчунин, эҳтимоли таъсиррасонӣ ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон менигарад.**

**Ба ақидаи ӯ, инсон дар ҷаҳони бесарусомонӣ ва пешгӯинашаванда, бояд низоме коркард ва роҳандозӣ кунад, ки манфиатҳои миллат ва давлатро ҳимоя карда тавонад. Ҷомеаро дар ҳолати рушд ва ҷавобгӯ ба талаби замон нигоҳ дорад.**

**Ба андешаи мантиқии Роҳбари давлат, дар баробари омили ирсият, инсон маҳсули муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Тарбият, муҳит, донишу маърифат, таҷриба ва таҳлили муқоисавии таҳаввулоти зиндагӣ ва хулосаи дуруст баровардан аз он, барои ташаккули шахсият таъсири муайянкунандагӣ доранд.**

**Таҳлили назария ва амалияи сиёсии Сарвари кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки идеали асосии ӯ сохтани давлати миллӣ тавассути тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ бар пояи баланд бардоштани некуаҳволии мардум аст.**

**Мо эҳсос мекунем, ки ақидаҳои мазкур аз ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва эътиқодмандии бунёдии ин шахсияти бузург сарчашма мегиранд.**

Солҳо, мутобиқ ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, ман Сардори давлатро дар сафарҳо ҳамроҳӣ кардаам.

**Барои донистан, ӯ на танҳо одамонро ба ҳузури худ мепазирад, балки борҳо пеши мардум меравад, то шахсан ба аҳвол, кору бор ва рафти зиндагиашон шинос шавад.**

**Ҳар як сухану амалаш барои он такрорнашаванда ва ҷолиби таваҷҷуҳанд, ки натиҷаи таҳлили таҷрибаи зиндагӣ буда, дарбаргирандаи ниёзҳои рӯзафзун ва тағйирёбандаи талаботи ҷамъиятист.**

**Мо ҳангоми иҷрои вазифа эҳсос мекунем, ки Сарвари кишвар нисбат ба мавқеъ, супориш ва вазифаҳогузориҳои худ итминони комил дорад. Аз рӯйи зинаҳои ташаккул, камолоти давлат, пуштибонии мардуми одӣ аз ин сиёсат муътақид аст, ки роҳи интихобкардааш дуруст ва адолатхоҳона аст.**

**Эътиқодмандии Президент ба ормону орзуҳои худ аз асоси воқеӣ бархӯрдор мебошад. Он бар шуурнокии ҳақиқӣ, дарки воқеии вазъ дар дохили мамлакат, минтақа ва кишварҳое, ки тақдири Тоҷикистон бо онҳо алоқамандӣ дорад, асос ёфтааст.**

**Аз диди Роҳбари давлат, офарандаи таърих инсон аст. Ҳар шахс бояд масъулияти худро дар назди ҷамъият барои имрӯз ва оянда эҳсос кунад. Вазифаҳои худро донад. Онро бо дарки масъулият ва кулли имконоти руҳиву равонӣ ва ҷисмонӣ иҷро намояд.**

Дар Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона кишваре буд, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлол ба мушкилтарин шароити сиёсӣ-ҳарбӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ гирифтор шуд.

Аз лиҳози қаламрав, мавқеи ҷуғрофӣ, релеф, захираҳои замини корам, канданиҳои фоиданок, дар мавқеи ғайри қобили муқоиса бо дигар давлатҳо қарор дорад.

Дар ин маврид, **Сарвари кишвар воқеиятро дарк карда, таъкид менамоянд, ки имконоти тараққиёт ва пешрафти Тоҷикистон танҳо дар канданиҳои фоиданок ва мавқеи ҷуғрофиёии он нест. Аз захираҳои маънавӣ, ақл, фаросат, дониш, тахассусмандӣ ва дараҷаи рушди илму маърифат – захираҳои инсонӣ, иродатмандии саросарии миллӣ вобастагӣ дорад.**

## 16-УМИ НОЯБР - РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Роҳбари давлат ба хирад ва касбият чун муҳимтарин воситаҳои истеҳсолот ва такомули давлатдории миллӣ муносибат мекунад. Неруи аслии инсонро на дар мавҷудияти одии ҷисмонӣ, балки дар моҳияти ҷаҳонбинӣ ва руҳи ӯ ба инобат мегирад. Баҳо мегузорад.**

**Борҳо ман шоҳиди он будам, таъкид мекарданд, ки ягона маҳаки шинохти инсон – дарки манфиатҳои миллӣ, мувофиқати кору амали ӯ дар лаҳзаҳои барои давлат ҳалкунанда ва ҳаётан муҳим аён мегардад. На дар сухан ва шиорпардозӣ.**

Ҳангоме ки мо дар бораи шахсияти Сарвари кишвар андеша мекунем, роҳи тайнамудаи ӯро дар зиндагӣ ба ёд меорем.

**Ӯ дар оилаи деҳқон таваллуд ва бузург шудааст. Тамоми зинаҳои ҳаёти худро дар миёни мардуми одӣ дар меҳнат, заҳмат, омӯзиш ва андӯхтани донишу таҷриба сипарӣ кардааст.**

**Хулосаи мо ин аст, ки бузургтарин устоди Роҳбари давлат таҷрибаи рӯзгор аст.**

Ҷомеа ҳамчун ҷузъи табиат дар давраҳои муайян, ҳассос ва хатарзои таърихӣ қудрати худро ба намоиш мегузорад. Таҷрибаи асрҳои аср дар хазинаҳои ирсии маънавиёти миллӣ маҳфуздоштаро аз худ нишон медиҳад.

Ҳамзамон, шахсияти бузург падидае нест, ки ба тарзи алоҳида, мухтор худро ҳамчун қаҳрамони фардӣ муаррифӣ кунад. Не. Баръакс. Шахсияти бузург онест, ки тамоми қудрати хешро барои хизмат ба ниёзҳои мардум равона кардааст.

**Аз ҷумлаи сифатҳои инфиродии Роҳбари давлати Тоҷикистон, ки мавриди эътирофи умум гаштаанд, волотарин мақом дар байни аҳли сухан дорад. Болотарин манзалат дар иҷрои қавлу амал ӯрост. Ба ҳамин васила, шуҳрату шарафу обрӯ касб кард. Мардум ӯро Пешво хонд.**

Шахсияти гениалӣ ормон, мақсад ва ниятҳои худро дар он шароит амалӣ мекунад, ки чунин нақш ба хислати маънавиёти мардумӣ ва муҳити зиндагӣ созгор ояд.

**Эҳёи миллат барои Роҳбари давлат аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, бо супориши ӯ китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров нашр ва ба ҳар як хонадони тоҷик туҳфа карда шуд. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсиро чун қуръони Аҷам эътироф ва китоби рӯйимизии ҳар фарди ватанпарвар эълон кард.**

**Таҳлили сифатии фаъолони ба саҳнаи сиёсии солҳои навадуми асри гузашта воридшуда – яке аз фоҷиабортарин давраи таърихии миллати тоҷик, нишонгари он аст, ки бидуни чунин шахсияти бузурге мисли Эмомалӣ Раҳмон, расидани миллати парокандагашта ба сулҳу субот ва таъсиси давлати ягонаи соҳибистиқлол ва ба пайроҳаи рушд раҳнамун сохтани он, ғайриимкон буд.**

**Ҳамзамон бо ин, мо ҷонибдори он ақида ҳастем, ки зуҳуроти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти фавқулодаи сиёсӣ дар таърихи миллати тоҷик, падидаи ғайриинтизор нест. Ӯ ифодакунандаи рушду камол, хираду андешаи таърихии миллати тоҷик дар роҳи Истиқлоли давлатӣ, маҳсули асрҳост, ки дар нақши ин абармарди сиёсат таҷассум ёфт. Эҳёгари ормону орзуҳои миллат дар ҳазораи ахир гашт.**

**Ҷойи сипос, хотиррасонӣ ва таъкид аст, ки дар муддати зиёда аз се даҳсолаи ахир, тахти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимоти назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дар масъалаи таъсис, рушд, инкишоф ва ҳимояи сохти давлатдории миллӣ коркард ва роҳандозӣ гардид.**

Аз худ кардан, инкишоф додан ва амалӣ намудани ин таълимот аз муҳимтарин вазифаҳои наслҳои имрӯзу фардо, ҳамчун замонати пойдорӣ, субот ва тараққии миллӣ мебошад.

Хотирот шакли ифодаи мавқеи шахсӣ аст.

Мо ҳамасрон, ҳамкорон, ҳамсафон ва шоҳидони даврони ҳокимияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастем.

Рӯзу моҳу солҳо моли таърих мешаванд.

Чун воқеият шакли субъективии дарки ҳастист, бидуни шубҳа, дар бораи шахсиятҳои фавқулодаи таърихӣ низ, садсолаҳо тафсир ва тавсифномаҳо идома хоҳанд ёфт.

Ин зуҳуроти одӣ ва маъмулии таҷрибаи

таърихи инсоният аст.

**Насли охири асри XX ва оғози нимаи аввали асри XXI мушоҳидачии фаъоли заҳматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати амалии давлатдорӣ – ташкил ва раҳбарии ҳукумат, пешбурди кори соҳаҳои ҳаётан муҳим ва тақдирсози сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат, коркард ва роҳандозии соҳаҳои ҳаётан муҳимми давлатдорӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, амниятӣ, мудофиавӣ, илм, маориф ва фарҳанг мебошад.**

**«Тасдиқ мегардад, ки истеъдод ва зуҳуроти шахсияти фавқулодаи таърихӣ хосияти модарзодӣ дорад». Ин хулосаи Гегел низ дар сифатҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеияти истисноӣ нест.**

**Агар бунёдгузори давлати тоҷикон нобиғагии худро дар сиёсат ба аҳли башар нишон дода бошад, шахсияти ӯ низ барои мо ба ҳамин дараҷа омӯзанда аст.**

Аммо ҳақиқати таърихиро бояд эътироф намуд.

То замони Истиқлол тадқиқоти мустақили мукаммали бунёдии ба низом даровардашудаи академӣ нисбат ба таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва нав аз ҷониби олимони маъруфи тоҷик, рус, шуравӣ ва байналхалқӣ анҷом ёфта буд.

**Нобиғагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки дар натиҷаи тадқиқи мавод ва таҷрибаи таърихӣ, махсусан воқеияти талхи солҳои аввали мустақилият дар ҳаёти халқи тоҷик, муборизаҳои шадиди геополитикии муосир ва зарурати ҳаётии ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, бо таълифи асар ва суханрониҳои андешамандонаи дар умқи фикр сайқалдида, консепсияи Истиқлоли давлатӣ, масъалаҳои хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро илман коркард ва ба ҳамватанон пешкаш кард.**

**Дар рафтор, гуфтор ва зиндагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун инсон ман шахсияти поктинат, одӣ, хоксор, фурӯтан, хушсуҳбат, нектабиат, ҳимматбаланд, фарди доно ва роҳбари тавоно, фасеҳгуфтор, марди худогоҳу ватандӯст, эҳёгари анъана ва бузургии ниёкон, таърихофарин, пайвандгари тоҷикон, ангезандаи руҳи миллӣ, муҳофизи Ватан, масъулиятшинос, руҳбахш, пуркору накукору пурсаъю қарин ба одамони меҳнатӣ ва дардошноро дарёфтам.**

**Ӯ воқеан, меҳнатдӯст ва заҳматқарин аст.**

**Дар шоҳидӣ ва пеши назари мо садҳо, ҳазорҳо амале ба намоиш гузошт, ки ӯро ҳамчун ҷавонмард, фарзанди баруманди ин сарзамин, ҷонфидо ба хотири сулҳу субот, ваҳдат, якпорчагии Ватан, обрӯ, манзалат ва тақдири таърихии миллат ва давлати тоҷикон муаррифӣ кард.**

Масъулияти таъмини амнияти мамлакат, ки солҳо ба дӯши банда гузошта шудааст, воқеан, ҳамарӯза сайқали дониш, таҷриба ва касбиятро тақозо мекунад.

**Бояд эътироф намуд, ки Роҳбари давлат ҳангоми баррасӣ, таҳлил ва арзёбии маълумот, дараҷаи баланди истеъдоди фитрӣ, тавони расидан ба моҳияти масъала, дарк кардани тазоде, ки аз аломатҳои зоҳирии маълумот ба қонунмандӣ ва умқи падидаи ҷолиби таваҷҷуҳ мебарад, муносибат мекунад.**

**Дар қабули қарор иродатмандӣ, солорӣ ва мустақилияти омӯзанда аз худ нишон медиҳад. Моро низ ба чунин муносибат ба ҳама гуна далел водор месозад.**

**Хирад ва таҳаммулпазирии Роҳбари давлат бо вуҷуди серталабӣ, дар муносибат бо аъзои Ҳукумат, роҳбарони дараҷаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дар лаҳзаҳои ҳассос, мураккаб ва гоҳо нобарории иҷрои вазифаҳои хизматӣ, барои ҳама гуна сатҳҳои мақомот намунаи барҷастаи омӯзиш, таҷрибаандӯзӣ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ аст.**

**Дар бораи роҳ, усул, маърифат, назокат, муоширát ва фарҳанги волои идории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон месазад тадқиқоти тахассусмандонаи академии шоистаи илмӣ ба анҷом расад. Ва он ҳамчун мактаби раҳбарии давлатдории миллии намунаи ибрат мавриди истифодаи наслҳо қарор гирад.**

**Бознашр аз "Ҷумҳурият"**

**Нуриддин САЙФИДДИНЗОДА,**
**нозири калони раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**лейтенанти калони адлия**

# АФЗАЛИЯТҲОИ ШАКЛИ ИДОРАИ ПРЕЗИДЕНТӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

Ҳар як халқу миллат дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули давлатдории худ низоми муайяни идоракунӣ ва ташкили ҳокимияти давлатиро бо тартиб ва махсусиятҳои таърихию фарҳангии хеш интихоб намуда, онро бо дарназардошти манфиатҳои умумимиллии шаҳрвандон, таҳкими арзишҳои фарҳангӣ, ғояҳои демократӣ ва таъмини сулҳу пойдории умумимиллӣ мустаҳкам менамояд.

Таҳлили ташкили ҳокимияти давлатӣ ва тарзи баамалбарории он дар ҳамаи марҳилаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки падидаи шакли идоракунӣ аз ташкили ҳокимияти монархиявӣ оғоз гардида, то ба имрӯз ба тобишҳои гуногуни сиёсиву ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ гардидааст.

Дар низоми имрӯзаи давлатдорӣ шакли идоракунии монархиявӣ бо дарназардошти муносибатҳои кунунии идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ тарзу воситаҳои ба худ хосро интихоб намуда, дар шакли монархияи парлумонӣ ташаккул ёфтааст.

Бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба миён омадани институтҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд шакли идоракунии давлатӣ низ такмил ёфта, хусусиятҳои нави ба худ хосро интихоб кард.

Маҳз омилҳои болозикр асос гардиданд, ки кишварҳои мутараққии сайёра аз шакли куҳнашудаи идоракунӣ, яъне, монархиявӣ ба шакли муосири идоракунӣ - ба шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ, ҳамчун навъи муосири идоракунии давлатӣ, гузаштанд ва ин шакли ташкили ҳокимияти давлатӣ, ки дар он халқ сарчашмаи асосии ҳокимият дониста мешавад, мавқеи муҳим ва асосиро соҳиб гардидааст.

Ҳоло кишварҳои шакли идоракуниашон ҷумҳуриявиро вобаста ба тартиби ташкили ҳокимияти давлатӣ ба ду гурӯҳ: ҷумҳурии президентӣ ва ҷумҳурии парлумонӣ ҷудо менамоянд, ки ҳар яке аз ин шаклҳои идоракунии ҷумҳуриявӣ аз ҳамдигар бо тартиби таъсиси ҳокимият ва тарзи амалисозии он тафовут доранд.

Таърихи таъсисёбӣ ва ташаккули институти ҷумҳурии президентӣ нишон медиҳад, ки он марҳилаи дурударози таърихиро тай накарда, ба мазмуни кунуниаш дар ду садсолаи охир ба миён омадааст. Агар мо ба пайдоиши институти президентӣ назар афканем, он бори нахуст соли 1787 ҳангоми қабули Конститутсияи ИМА таъсис ёфтааст. Минбаъд дар ибтидои асри XIX ба ин таҷрибаи ИМА мамолики Амрикои Лотинӣ ва қитъаи Аврупо таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Зарурат ва аҳаммияти таъсиси институти президентӣ ва афзалияти он дар низоми идоракунии давлатӣ ҳанӯз дар кишвари ИМА бо далоили сегона: «озодӣ», «худидора» ва «ташаббус» муайян мегардад, ки ин мафҳумҳо нишонаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро дар худ таҷассум месозанд.

Ҳоло кишварҳои мутараққии ҷаҳонӣ шакли идоракунии ҷумҳурии президентиро бо дарназардошти як қатор афзалиятҳои хос қабул ва ба конститутсияҳои хеш ин шакли идоракуниро мустаҳкам намудаанд. Афзалиятҳои ин сохти идоракунӣ чунин мебошанд:

**- Ҳамчун мансаби олии идоракунии давлатӣ, ки бевосита аз ҷониби халқ интихоб карда мешавад.**

**- Президент идоракунии давлатро дар кишварҳои дорои шакли ҷумҳуриявӣ ба**

**муҳлати муқаррарнамудаи Конститутсия ба амал мебарорад.**

**- Дар ҷумҳуриҳои президентӣ - Президент дорои ваколатҳои васеи конститутсионӣ буда, салоҳиятҳои хешро бевосита аз халқ тавассути интихобот мегирад.**

**- Президент тибқи Конститутсия ҳомии Конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлоли миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии миллат ва мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад.**

**- Шакли идораи президентӣ ба ҳайси ниҳоде, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро муайян менамояд ва ҳуқуқи муаррифӣ намудани давлатро дар дохил ва хориҷи мамлакат дорад.**

Бо дарназардошти чунин афзалиятҳо ва нақши босазо доштани он дар таъмини қонуният ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба махсусиятҳои чунин шакли идоракунӣ авлавияти хосса дода мешавад.

Институти президентӣ, чӣ тавре ки таҷрибаи таърих нишон медиҳад, ба шакли идоракунии давлатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ғайр аз сохти подшоҳӣ, қобили қабул аст.

Таъсиси ин падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар қаламрави собиқ давлати Шуравӣ ба солҳои охири мавҷудияти он мувофиқ омад. Гарчи масъалаи дар Иттиҳоди Шуравӣ таъсис додани институти президентӣ ҳанӯз дар маъракаи муҳокимаи Конститутсияи соли 1936 пайдо шуда буд, вале он вақт чунин таклифро роҳбарияти ҳизбию давлатии Шуравӣ номақбул ва барои сохтори шуравӣ зарарнок дониста буданд.

Дар оғози соли 1990 гузариш ба низоми идораи президентӣ дар давлатҳои Шуравӣ хеле оромона ва дар муҳлати начандон тӯлонӣ ба вуқуъ пайваста буд. Афкори ҷамъиятӣ дар чунин ақида буд, ки ин падида воситаи хеле муҳимми ташкилу амалӣ гардонидани ҳокимияти олии давлатӣ, нуқта ва ё маркази пайванди ҳокимияти қонунбарорӣ, иҷроия ва судӣ мебошад.

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон баъди пароканда шудани Иттиҳоди Шуравӣ дар бунёди давлатдории навин шакли идораи ҷумҳурии президентиро ҳадафи олии хеш қарор дода, чун дигар давлатҳои пасошӯравӣ барои ташкили чунин шакли идоракунӣ заминаҳои ташкилию ҳуқуқиро фароҳам овард.

Дар таҷрибаи давлатдории миллии мамлакатамон таъсиси мансаби олии ҳокимияти давлатӣ-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як ҷониб падидаи нави ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бошад, аз ҷониби дигар ин шакли идоракунӣ дар амалисозии ҳадафу ормонҳои ҳазорсолаи миллати тоҷик, ки эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоиро пеша гирифтааст, заминаи боэътимод мегузошт.

Бо чунин ҳадафҳои созанда дар кишвари мо таъсиси Институти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои сиёсию ҳуқуқии Эъломияи Истиқлоли ҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 "Дар хусуси дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Эъломияи Истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон", изҳороти Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон дар бораи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 ба расмият даровардa шуданд.

Бо эътимоди қавӣ метавон гуфт, ки таъсиси мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи ниҳоят шадиди таърихӣ, хусусан, низоъҳои дохилӣ ба миён омадааст, аз ҷаҳду талош ва иродаи қотеи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад ва ҳамин шакли идоракунӣ бо сарварии Пешвои муаззами миллат тавонистааст, хатари нобудшавии миллати тоҷикро дар охири қарни гузашта пешгирӣ карда, давлати нав ба мустақилият ноилгардидаро ҳифз намояд.

Миллати саодатманди тоҷик бо ҷонибдорӣ аз чунин шакли идоракунӣ 6-уми ноябри соли 1994 нахустин Конститутсияи миллӣ ва Президенти худро тариқи овоздиҳии шаффофи демократӣ қабул ва интихоб намуда, таҳкими чунин шакли идоракуниро дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам намуданд. Ҳамин тариқ, баъди қабули Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идораи президентӣ расман ҷорӣ гардида, таҳкими ҳуқуқии он бо меъёрҳои конститутсионӣ кафолат дода шуд.

Тибқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои шакли идоракунии президентӣ бевосита таҳким ва таҷассум карда шуданд. Чунончи ҳамчун Намояндаи Олии халқ аз номи халқи Тоҷикистон баромад намудани

Президент дар дохил ва хориҷӣ кишвар; дар асоси тақсим ба се шохаи ҳокимият ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ; ҳамчун сарвари давлат ва сардори ҳокимияти иҷроя ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд будан; кафили Истиқлоли миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо будан ва риояи иҷрои қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳодати ин гуфта мебошад.

Раванди минбаъдаи давлатдории миллии мо нишон дод, ки шакли идораи президентӣ дар кишвари соҳибистиқлоламон ба мавқеъ ва манзалати Роҳбарияти Олии давлат иртиботи қавӣ дошта, таъмини афзалиятҳои ин шакли идоракунӣ, таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҷорӣ намудани ҳадафу ормонҳои миллӣ дар ҳаёти воқеӣ маҳз аз хиради олии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад. Зеро дар ҷодаи барқарор намудани сулҳу ваҳдат ягонагии қавлу амали Сарвари давлат боис шуд, ки мо дар фазои амну осоиш зиндагии шоиста дорем. Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ бо фазилати сиёсатмадориву давлатдории Роҳбари кишварамон дар Тоҷикистон ҳамбастагии миллӣ ба вуҷуд омада, эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ боло рафт ва Ватани азизамон ба шоҳроҳи созандагӣ баромада, ба як давлати амнтарину рӯ ба тараққӣ табдил ёфт.

Бузургтарин сиёсатмадорони ҷаҳон хиради воло, гуфтори шево, ҷасорату мардонагӣ, ҳимматбаландӣ, дӯст доштани Ватану забону миллат, ташаббусҳои оқилонаву одилонаи Сарвари маҳбуби моро тавсиф намуда, аз он пайравӣ менамоянд.

Мо аз вусъати ободкориҳо ва фазои орому осудаи кишвари худ, ки тӯли 30 сол ба он шарафёб гардидем, ифтихор мекунем. Аз таҷдиду бунёди роҳу пулҳо, нақбҳо, роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори соҳаи маориф, таъсиси донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои усули сохти муосир то ислоҳот дар соҳаҳои гуногун ва рушди бонизоми кишвари азизамон ҳама аз файзи сиёсати созандаи Пешвои миллат муяссар гардиданд.

Яке аз махсусиятҳои муҳимми шакли идоракунии президентӣ дар кишвари мо аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доштани он бармеояд. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нави таърихӣ, бо дарназардошти ҳадафҳо ва вазифаҳои давлати соҳибистиқлол, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, таъмини сулҳу суботи ҷомеа, ваҳдати миллӣ, худшиносии миллӣ ва пешрафти ҳаёти ҷомеа сурат гирифтанд.

Дар ҳамин асно, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин қонунҳои муҳимми танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шакли қонунҳои мукаммал ва дар шакли пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда ба парлумони кишвар пешниҳод гардиданд.

Метавон кодексҳои мурофиавии гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии иқтисодӣ, оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф», «Дар бораи танзими ҷашну маросим», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», «Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии баъзе маблағҳои онҳо», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардa ва маблағгузории терроризм» ва ғайраро ба ин ташаббусҳо шомил намуд.

Ҳамин тавр, таҷрибаи идоракунии давоми се даҳсолаи сипаришуда нишон медиҳад, ки бanaқшагирӣ ва пешбинии сиёсии ниҳоди президентӣ муваффақияти идоракунии пайгиронаро таъмин намуда, барои дуруст муайян намудани афзалият дар ҳалли мушкилиҳои ҷомеа таъсири калидӣ мерасонад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 6-уми ноябри соли ҷорӣ зимни суханронии хеш ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: “Рушди минбаъдаи Тоҷикистони азизамон бори дигар исбот намуд, ки мо дар интихоби шакли идоракунии давлатамон хато накардаем”.

**Марҷона МУЗАФФАРЗОДА,**
**унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# АСОСИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии хеш бахри рушди муносибатҳои меҳнатӣ як қатор тадбирҳоро андешид, ки ин соҳаи барои халқу кишвар ҳаётан муҳим сол то сол пеш рафта истодааст. Бешубҳа, рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа ва умуман, ояндаи дурахшони Ватан аз вазъи ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ вобастагии калон дорад. Дар таърихи муносибатҳои меҳнатии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ, давлатдории тоҷикон бо татбиқи сиёсат ва бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки ин ҳама дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд.

Солҳои 90-ум, новобаста аз мураккабии замон ва авҷи низоъҳои сиёсию ҳарбӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз нав сурат гирифт ва дар самти ташаккули заминаи қонунгузории шарикии иҷтимоӣ қадамҳои муайян гузошта шуд, ки аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд.

Моҳи апрели соли 1992 лоиҳаи Конститутсия аз тарафи Суди Олӣ ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта шуда, тавассути ахбори омма пахн гардид, вале сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ин равандро муддате боздошт.

Моҳи ноябри соли 1992 баъд аз интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон, Раиси Комиссияи конститутсионӣ таъйин гардиданд. Барои лоиҳаи Конститутсияро тайёр намудан Гурӯҳи корӣ созмон дода шуд. Гурӯҳи корӣ лоиҳаи Конститутсияро дар моҳи апрели соли 1994 барои муҳокима ба ҳайати комиссия пешниҳод намуд.

Президиуми Шурои Олӣ лоиҳаи Конститутсияро 13 апрели соли 1994 интишор кард. Ҳамзамон, Президиум комиссияи конститутсиониро ваколатдор кард, ки фикру ақидаҳои шаҳрвандонро оид ба Конститутсияи пешниҳодшуда то моҳи июни соли 1994 ба инобат гирад. Лоиҳаи Конститутсия дар воситаҳои ахбори омма 21-22 апрели соли 1994 нашр шуд. Лоиҳа аз 10 боб ва 100 модда иборат буд, ки айни ҳол сохтори Конститутсияи амалкунандаро ташкил медиҳад.

6 ноябри соли 1994 аввалин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд ва ин санад дар таҷлили давлати навини мо рӯйдоди сарнавиштсоз буд.

Барои баррасии мавзуи мазкур аввал асосҳои конститутсионии соҳаро таҳлил менамоем, чунки бахри танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ заминаҳои ҳуқуқии рушди соҳаро фароҳам гузошт.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатии мамлакат ва мутаносибан дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ дар ҷойи аввал меистад. Волоияти он бар дигар санадҳои ҳуқуқии дар сатҳи миллӣ қабул мешуда, натанҳо дар маъхазҳои илмӣ ва таълимӣ, балки дар сатҳи қонунгузорӣ низ эътироф шудааст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни волоияти олии ҳуқуқидошта, аз ҷумла, ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ-меҳнатии инсон пешбинӣ, ғоя, муқаррарот ва меъёрҳои умдаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз қабили муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мустаҳкам шудаанд.

Мутобиқи муқаррароти қисми 2-и моддаи

## БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ

1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, сиёсати пешгирифтаи он ба фароҳам овардани шароит барои ҳаёти арзандаи инсон, фароҳам овардани инкишофи озодонаи инсон ва рушди инсон равона карда шудааст. Аз як тараф давлат бояд ба инсон барои ташаккулёбии шахсияти ӯ, гирифтани маълумот, касбомӯзӣ, ёфтани кор ва таъмин кардани худ ва оилааш кумак расонад, аз тарафи дигар, дар ҳолати ба амал омадани ягон муаммо, давлат бояд инсонро аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳимоя карда, ба ӯ як андозаи муайяни воситаҳоро барои ҳаётгузаронӣ пешниҳод намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва субъекти мушаххаси ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамеша бо ҷаҳони муосир дар иртибот буда, бахри рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва роҳандозӣ намудани муносибатҳои мутақобилан судманд тамоми имкониятҳоро дар ихтиёр дорад. Дар қисми 3-и моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд».

Хусусан, сухан дар бораи санадҳои қабулкардаи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, ки дар шакли Конвенсия ва Тавсияҳо ба танзими одилонаи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамоянд ва эътирофи 51 Конвенсия ва 22 Тавсияи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнатро аз ҷониби Тоҷикистон пазироӣ шудааст, меравад.

Дар ҳақиқат, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо вобаста мавқеъ ва нақши Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат бағоят назаррас аст. Айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо Конвенсия (Созишнома) ва Тавсияномаҳои ТБМ-ро эътироф намудааст, аз ҷумла, тибқи моддаи 35-и Конститутсия ҳар кас ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ба музд ба андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат ҳуқуқ дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки устувор ва доимӣ будани меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳия ва қабул намудани қонунҳо шароит фароҳам овард, ки дар соҳаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат як қатор қонунҳои муҳимми муносибатҳои меҳнатӣ, хусусан, танзимкунандаи шарикии иҷтимоӣ қабул шуданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 1992, № 725 «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаю шартномаҳои коллективӣ» қабул карда шуд, баъдан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2006, №202 «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» дар таҳрири нав қабул гардид. Ҳамчунин, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки феълан дар кишвар амал мекунад, дар он Фасли IV бо номи "Шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат", бобҳои нав - боби 29 - "Коллективи меҳнатӣ ва шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат", боби 30 - Тартиби бастани созишнома байни тарафҳои шарикии иҷтимоӣ", боби 31 - "Шартномаи коллективӣ" ва боби 32 - "Назорат ва бақайдгирии созишнома ва шартномаҳои коллективӣ" ҷой дода шудаанд, ки меъёрҳои он ба институти шарикии иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд.

Ҳамзамон, маҷмуи маводи қонунгузорӣ ва машваратӣ оид ба танзими шаклҳои шарикии иҷтимоӣ таҳия карда шуд. Дар байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои корфармоён оид ба бастани созишномаҳои генералӣ комиссияҳо ташкил шуда, ба кор шуруъ намуданд.

Ҳамин тавр, дар тӯли 30 соли фаъолияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои мукаммал қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки дар танзими ҳуқуқҳои муносибатҳои инкишофи шарикии иҷтимоӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, муносибатҳои навини шарикии иҷтимоиро ба роҳ мондаанд.

Хулоса, новобаста аз мураккабиҳову мушкилоти замони гузариш, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолии давлатамон ба амал омада буданд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатиро ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар тахти назорат ва пуштибонии худ қарор дод ва дар ин самт пешрафт кард.

**Муборак ЯҲЁЕВА,**
**сармураббии ширхоргоҳ-кӯдакистони №127-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе**



# НАҚШИ ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ КОРМАНДОНИ КӮДАКИСТОНҲО

Одоби муошират дар системаи маориф нақши муҳим мебозад, зеро омӯзгор ва тарбиятгар пешоҳангу пешбарандаи афкори ҷомеа буда, бояд санъати хуби суханронӣ, қобилияти фикррронӣ ва вобаста ба талаботи вазъият маҳорати ҳалли масъалаҳоро дошта бошад. Омӯзгор бояд қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатиро донад ва дар таъмини иҷрои онҳо масъул бошад.

Донишу маҳорату кордонӣ, одоби муошират ва таҷрибаи шахсони масъул (яъне, мудир, сармураббӣ) дар зинаи аввали таҳсилот бояд аз зердастон якчанд зина болотар бошад. Пас, чунин шахсон метавонанд, фаъолияти дурусти аҳли коллективи муассисаи томактабӣ ва таълиму тарбияи кӯдаконро дуруст роҳандозӣ намоянд. Масалан, роҳбари муассисаи томактабӣ ва сармураббӣ ҳар рӯз бо мураббиҳо, ёрдамчиёни онҳо, кормандони хоҷагӣ, падару модарон, тарбиятгирандагон ва намояндагони дигар мақомот дар муошират мебошанд. Агар ин муоширатҳо аз рӯйи одоби педагогӣ гузаронида шавад, онҳо, албатта, ба мақсадҳои худ ноил хоҳанд гашт. Мудир ва сармураббии кӯдакистон дар навбати аввал бояд ҳамаи кормандонро омӯзанд, кадоме аз онҳо чӣ гуна хислат, дараҷаи донишу таҷриба, фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ, вазъи саломатию зиндагӣ доранд, сипас, ҳамаи инро ба инобат гирифта, бо онҳо муошират дуруст намоянд.

Дар вақти таҳлили машғулиятҳо мудир ва ё сармураббӣ бояд баъди аз машғулият баромадан, дар охири рӯзи корӣ мураббиро даъват намоянд ва аввал фикрҳои худи ӯро оид ба машғулияташ шунаванд. Баъд аз муваффақиятҳо сухан оғоз намоянд ва оид ба камбудиҳо ба мураббӣ ва ё дигар кормандон маслиҳату тавсияҳо диҳанд ва хуб мебуд, агар баъди тавсияҳо чунин таъкид намоянд:

-Агар кӯшиш кунӣ, машғулияти минбаъдаат боз ҳам беҳтар мешавад.

Ҳамин тавр, нақши сухан дар муошират хеле бузург аст. Бо сухани хуб, таъсирбахш ва дуруст ҳар як шахс, хусусан, сармураббӣ метавонад, аз бисёр вазъият ба осонӣ бароядва масъалаҳои ба миён омадаро ба хубӣ ҳал намояд. Сухани баҷо-як навъи тарбия аст, ки метавон одамонро ба роҳи дуруст ҳидоят намуд.

Дар васфи сухан, сухандонию суханварӣ ва қудрати сухан аҳли адаб шеърҳо ва гуфторҳои ҷолиб доранд. Масалан, шоири классик Абдураҳмони Ҷомӣ гуфтааст:

**Ба сухан зинда шавад номи ҳама,**
**Ба сухан пухта шавад хоми ҳама…**

Дар ҷойи дигар шоири тоҷик Ҷумъа Қуввват гуфтааст:

**Сухан гоҳе газад монанди ору,**
**Сухан гоҳе бигирад ҷои дору.**

Ҳангоми ба мураббиён тавсия додан, доимо мо онҳоро таъкид менамоем, ки одоби муоширатро дар ҳар лаҳза риоя намоянд, чунки кӯдакон тақлидкоранд ва агар мураббӣ хушрафтор бошад, кӯдакон низ пайрави ӯ хоҳанд шуд. Мо метавонем, таъсири бад доштани суханҳои бадро ба кӯдакон ҳам таъкид кунем, то ки онҳо ба ин суханҳо одат накунанд.

Ҷиҳати дучор нашудани кӯдакон ба ин ҳолат барои мураббӣ шеъри шоири тоҷик Эгами Назрулло «Чӣ ганда?»-ро истифода бурдан бамаврид аст:

**Чӣ гандаву чӣ ганда?**
**Феълаки ганда ганда.**
**Баҳудаву беҳуда,**
**Ҳар лаҳза ханда ганда.**
**Чӣ гандаву чӣ ганда?**
**Заҳраки ғунда ганда.**
**Аз ин ҳама дар олам,**
**Як гапи ганда ганда.**

Барои он ки сармураббӣ сухандон бошад ва ҳар суханро дар ҷойи худ кор фармуда тавонаду ба мураббиён доимо маслиҳатҳои самарабахш дода

тавонад, бояд ӯ доимо худомӯзӣ кунад. Ба ғайр аз дастурҳои методӣ, аз адабиёти илмию бадеӣ ва нашрияҳо маводи гуногунро мунтазам мутолиа намояд, аз техникаву технологияи ҳозира истифода бараду донишу таҷрибаи худро сайқал диҳад.

Дар давоми фаъолият, хусусан, мудирони кӯдакистонҳо ё сармураббиён ба бисёр вазъиятҳои педагогию психологӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Аз ин гуна вазъият касе ба осонӣ мебарояд, ки ӯ донишу таҷрибаи кофӣ дошта, миёни ҳайати корӣ ва падару модарон намуна буда, сазовори боварист ва суханаш таъсирбахш мебошад.

Чанд мисол меорем, ки барои баромадан аз ҳолати ҳамсон бамаврид ҳастанд:

**Вазъияти якум (рафтори дуруст)**

-Вақте ки сармураббӣ вориди гурӯҳи давраи миёнаи томактабӣ гашт ва дид, ки вақти қабули кӯдакон аст. Мураббӣ бошад, дар курсӣ нишаста, тез-тез нақшаи корӣ менависад. Ин ҳолатро 2 маротиба мушоҳида карда будааст. Маротибаи якум чизе намегӯяд, аммо бори дувум ин ҳолатро дида, ба мураббӣ мегӯяд:

-Саида Азизовна, агар бемалол бошад, баъди тамом шудани машғулиятҳо ба назди ман дароед.

Ҳамин тавр, баъди тамом шудани машғулиятҳо мураббӣ ба назди сармураббӣ медарояд.

Сармураббӣ аввал суханро аз аҳволпурсӣ оғоз намуда, баъди он ба мақсади аслӣ мегузарад:

- Саида Азизовна, барои чӣ шумо бори дуюм аст, ки нақшаи кориатонро дар вақти қабули кӯдакон менависед? Оё шумо медонед, ки бе нақшаи корӣ ва бе тайёрӣ мураббӣ барои ба гурӯҳ даромадан ҳуқуқ надорад? Шумо, ку мураббии хуб ҳастед. Чӣ сабаб аст, ки шумо чунин рафтор кардед?

- Муаллима, мебахшед, ду рӯз боз дар маҳаллаи мо барқ нест. Ман рӯзона ҳангоми хоби кӯдакон низ фурсат наёфтам, ки нақшаи кориамро нависам. Сабабаш ҳамин, - гуфт мураббӣ.

- Саидаҷон, ман боварӣ дорам, ки шумо аз уҳдаи ҳама кор мебароед. Кӯшиш кунед, ки чунин ҳолатҳо набошад. Агар мудир фаҳманд, хуб намешавад. Шумо мураббии ботаҷриба ҳастед, ҳамаи корҳоятон бояд намуна бошад. Майлаш, аз паи коратон равед, ба шумо муваффақият мехоҳам, - таъкид намуд сармураббӣ.

Ҳамин тавр, масъала роҳи ҳалли худро ёфт. Бо шарофати рафтори дурусти сармураббӣ ва одоби муоширатро нигоҳ дошта тавонистани ӯ. Агар дар ҳамин вазъият сармураббӣ рафтори нодуруст кунад, масъала акси ҳол хоҳад шуд.

**Вазъияти дуюм (рафтори нодуруст)**

Сармураббии кӯдакистон чун ҳаррӯза ҳамаи гурӯҳҳоро аз назар мегузаронад. Ҳамин ки вориди гурӯҳи давраи миёна шуд, мебинад, ки вақти қабули кӯдакон мураббӣ кӯдаконро ба ҳоли худ гузошта, нақшаи корӣ менависад. Сармураббӣ дар ғазаб шуда, дар назди кӯдакон ба мураббӣ чунин мегӯяд:

- Барои чӣ ту дар вақти қабули кӯдакон нақша менависӣ? Чанд маротиба шуд, ки ту ҳамин хел рафтор мекунӣ. Одам ҳастӣ ё не? Ман ҳозир рафта, ин корҳои туро ба мудир мерасонам, беодоб! Ана, баъд мебинӣ, мудир мегӯяд, ки "аризаатро навису баромада рав!"

Мураббӣ низ чунин рафторро дида, баробари сармураббӣ дод зада, фазои кориро халалдор мекунад ва ба руҳияи таълимгирандагон таъсири бад мерасонанд.

Ҳамчунин, чанд муоширати мураббӣ ва модари як кӯдакро мисол меорем.

**Вазъияти якум (рафтори дуруст)**

Модаре назди мураббӣ омада мегӯяд:

- Ман барои шикоят омадаам.

- Аз чӣ шикоят доред? - мепурсад мураббӣ.

- Барои чӣ шумо ҳар рӯз писарчаи маро ҷазо медиҳед, ӯро дар кунҷе рост мемонед? Кӣ ба шумо ҳуқуқ додааст, ки бо писари ман чунин рафтор кунед? Ӯ писари ягонаи ман аст. Мудиратон канӣ? Ман ба ӯ ҳам шикоят мекунам.

- Мебахшед, модари Суҳробҷон. Писари шумо эркагӣ мекунад, ба машғулиятҳо гӯш намекунад, дигаронро ҳам гӯш кардан намемонад, ба ин рафтори нодурусташ дигаронро низ халал мерасонад. Ман бояд ба ӯ аввал одобу рафтори дуруст омӯзам, баъд таълим диҳам. Ман бо шумо дар ин масъала чанд бор ҳамсуҳбат шуда будам. Биёед, ҳардуямон Суҳробҷонро тарбия намоем. Ӯ бачаи ҳушёру зирак аст. Зуд одатҳои бадашро мепартояд. Агар ба ӯ ман рафтори дуруст омӯзонаму шумо ӯро "чӣ коре хоҳӣ, кардан гир" гӯед, заҳмати кашидаи мо натиҷа намедиҳад.

Ҳамин замон сармураббии кӯдакистон меояд. Вай салом дода, мепурсад:

- Чи гап?

Модар мегӯяд, ки "муаллима, мудиратон ҳаст? Ман ба он кас гап дорам".

- Ҳоло мудирамон нестанд, марҳамат, ба назди

ман дароед, - мегӯяд сармураббӣ.

Модар ба сармураббӣ низ оид ба масъала шикоят мекунад.

- Модари азиз! Фарзанди шумо фарзанди мо низ ҳаст. Ман медонам, ки шумо фарзандатонро бо мақсади таълиму тарбияи дуруст гирифтан ва ба мактаб омода шудан овардаед. Барои он ки ин мақсади хуби шумо амалӣ гардад, бо мураббии фарзандатон ҳамкорӣ кунед ва бо ҳам ӯро тарбияи дурусту якхела диҳед, ана, баъд мебинед, ки чӣ тавр кӯдак тағйир меёбаду ислоҳ мешавад. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар».

Модар аз рафтори дурусти мураббӣ ва сармураббӣ қаноатманд шуда, мегӯяд:

- Раҳмат, муаллима барои маслиҳатҳоятон. Ман, албатта, бо мураббии писарам ҳамкорӣ мекунам.

Ҳамин тавр, масъалаи мазкур роҳи ҳалли мусбати худро меёбад. Ин ҳам бошад, бо шарофати одоби муоширатро дуруст ба роҳ мондани мураббӣ ва сармураббӣ ба даст омад.

**Вазъияти дуюм (рафтори нодуруст)**

Модаре ба назди мураббӣ барои шикоят кардан меояд ва ба ӯ мегӯяд:

- Барои чӣ ту писари маро ҳар рӯз ҷазо дода, дар кунҷе мемонӣ? Ту ба ин кор ҳуқуқ надорӣ. Ту худат кӣ? Ман ба ту ҷазодиҳиро нишон медиҳам.

Мураббӣ низ рафтори дағалонаи модарро тоқат накарда, мегӯяд:

-Эй, писари шумо намемонад, ки ман машғулият гузарам. На худаш гӯш мекунад ва на дигаронро гӯш кардан мемонад. Охир, ман чӣ кор кунам? Барои ислоҳ шудан ба ӯ ҷазо додам. Ӯ ҳушёр нест, девона аст, мисли худат.

Модар боз ҳам дар ғазаб шуда, мегӯяд, ки ман аз болои ту шикоят мекунам. Ҳамин замон сармураббӣ меояд.

- Худаш чӣ гап? Чӣ дар ин ҷо омада, доду фиғон мекунӣ, ба кӯдакат чӣ шудааст? Ин ҷо кӯча нест, ки чизе хоҳӣ, гуфтан гирӣ. Ба мо ин хел волидон даркор нестанд. Ба куҷое, ки хоҳӣ, рафта арзу дод кардан гир, фаҳмидӣ? Ин ҷо як бачаи ту танҳо нест, сесад кӯдак аст, - бо қаҳр мегӯяд сармураббӣ.

Модар аз ин рафтори сармураббӣ низ дар ғазаб шуда, мегӯяд:

- Ман рафта, аз болои ҳардуятон шикоят мекунам. Ин ҷо корхона ё девонахона?

Ҳамин тавр, модар аз рафтори нодурусти мураббӣ ва сармураббӣ кӯдакашро аз боғча гирифта меравад. Яъне, масъала манфӣ ҳал мегардад.

Чӣ тавре ки мебинем, дар ҳалли тамоми вазъият нақши ҳалкунандаро сухани нарми роҳбарият мебозад. Дар чунин ҳолатҳо онҳо бояд кӯшиш намоянд, ки ҳамаи рафтор нисбат ба коргарашон дар чорчӯбаи қонун бошад.

Маъмурияти муассиса бояд коллективи меҳнатиро ҳамчун як оила тарбия намояд ва кору фаъолияти ҳар яки онҳоро одилона баҳо диҳад. Барои корҳои хубашон онҳоро қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонад. Барои баланд бардоштани савияи дониш, маҳорати касбӣ ва таҷрибаи бой ҳар як мудир, сармураббӣ ва мураббӣ бояд худомӯзӣ кунад.

Агар масъулон доимо биомӯзанд, ҷаҳонбиниашон васеъ, донишашон зиёд ва таҷрибаашон бой мегардад. Ҳангоми суҳбатҳо, мушоҳидаҳо ва ба касе чизеро фаҳмонидан дар санъати суханварӣ душворӣ намекашанд. Ҳар як сухан бояд асоснок, дуруст, дар доираи қонун ва таъсирбахш бошад, то ки натиҷаи дилхоҳе дода тавонад. Маъмурияти муассисаҳои томактабиро лозим аст, ки ҳам раванди таълиму тарбия, ҳам корҳои ташкилию методӣ, ҳам корҳои хоҷагию муҳосибиро нағз донанд ва корҳои худро дар ин самтҳо дуруст ба роҳ монад.

**Дигар шаклҳои кор, ки донишу таҷрибаи ӯро ғанӣ мегардонад:**

***-иштирок кардан дар семинару курсҳои такмили ихтисос;***

***-бевосита иштирок дар озмунҳои касбӣ;***

***-доимо мутолиа намудани нашриёҳои даврӣ, адабиёти методию илмӣ ва бадеӣ;***

***-ташкил кардан ва гузаронидани вохӯриҳо бо адибон ва соҳибтаҷрибаҳои соҳа;***

***-иштирок дар чорабиниҳои гуногуни ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ;***

***-дар муассисаи худ ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо;***

***-ҳамкории дуруст бо кумитаи падару модарон;***

***-ба корҳои эҷодию навоварӣ машғул шудан;***

***-омӯхтан ва тарғиби таҷрибаи пешқадам.***

Хулоса, дар ҳар як лаҳзаи ҳаёт, ҳам дар хона, ҳам дар ҷойи кор ва ҳам дар дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ мо дар муошират ҳастем. Ҳамон шахсе бурд карда метавонад, ки дар ҳама ҷо кору гуфтор ва рафтораш як хел бошад, одоби муоширатро нигоҳ дошта тавонад, зеро ба сухани педагогҳо ҳама вақт, дар ҳама ҷо ҳамагон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва баъзеҳо ба онҳо зуд баҳо медиҳанд.

**Саёҳат ҲАЛИМОВА,**
**омӯзгори мактаби №65-и**
**ноҳияи Рӯдакӣ**

# МАГАР ҶАЛБИ ХОНАНДА БА ДАРС ОСОН АСТ?



Рушди воситаҳои технологияи иттилоотӣ ва саросарӣ шудани шабакаҳои телевизионӣ, дастрас будани имкониятҳои телевизионҳои моҳворай тафаккури кӯдакону наврасонро торафт васеътар сохтааст. Вақтҳои охир барои мо-омӯзгорон кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ хеле душвор шуда истодааст. Барои он ки наврасони имрӯза нисбат ба наврасони панҷ ё даҳ сол пеш хеле фарқ мекунанд. Наврасони ҳозира нисбатан доно, зиракиву кунҷков ва аз ҳама хуб, мушоҳидакор ҳастанд. Дар рафти дарс онҳо баъзе суолҳое медиҳанд, ки мо - омӯзгоронро дар ҳайрат мегузоранд.

Дар ҳақиқат, солҳои охир дар замони рушди илму техника диққати хонандагонро ба дарс ҷалб намудан каме душвор гардидааст, чунки дар бештари хонаи тоҷикистониён телефони мобилӣ, планшет ва компютеру ноутбук дида мешавад ва кӯдакону наврасон ҳангоми истифодаи онҳо, бо ҳар гуна барномаву бозиҳои шавқовару ҷалбкунанда ва хотирмон рӯ ба рӯ мешаванд, ки хондани дарси анъанавӣ барояшон на он қадар шавқовар метобад. Ҳарчанд мо - муаллимони синфҳои ибтидоӣ роҳҳои гуногуни таълимии ба урфу одати мо наздиктарро истифода мекунем, аммо ҳамчун омӯзгор эҳсос мекунам, ки роҳҳои анъанавӣ камтаъсир шудаанд.

Имрӯз замоне фаро расидааст, ки мо -муаллимон барои бештар ҷалб кардани кӯдакону наврасон ба дарс ва таълим бояд роҳҳои таълимии гуногуни давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонро дар мактабҳо мутобиқ ба манфиатҳои миллии худ ҷорӣ намуда, истифода бибарем ва то тавонем, ҷалби талабагонро ба дарс зиёд намоем. Мо-омӯзгорон агар чунин усулҳоро истифода набарем, шояд дар марҳилаҳои баъдӣ таваҷҷуҳи бештари хонандагони синфҳои ибтидоиро то дараҷае аз даст бидиҳем. Барои он ки мо-омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ҳарчанд дар мактаб онҳоро ба хондани дарсҳои анъанавӣ маҷбур бисозем, аммо вақте хона рафта, тариқи телефон, планшет, ноутбук ва компютер барномаҳои гуногуни шавқовари таълимиро мебинанд, кӯшишҳоямон бенатиҷа мемонад.

Дуруст аст, ки онҳо ҳангоми гузаштани дарсҳои анъанавӣ дар мактаб хондану навиштанро то қадри имкон меомӯзанд, аммо саводи лозимаеро, ки мо - муаллимон интизорем, намегиранд. Вобаста ба ин, хеле хуб мешавад, мо-омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми гузаштани дарс, амалу усулҳои шавқоварро истифода барем, то ки ба воситаи он саводи шогирдонамонро боло бардорем ва аз он қаноатманд бишавем.

Доир ба ин, дар ин нигориши худ якчанд усули пешқадами замони муосирро мисол меорам, то ки дигар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз он истифода баранд ва дар самти ҷалби бештари хонандагон ба дарс ва шавқовар шудани дарсҳояшон боз ҳам муваффақтар бошанд.

**Аввалан, дар рафти дарс ба хонандагон ягон ҳикояи шавқовар ва қиссаҳои ҷолиб бигӯед**, чунки онро дар хотир нигоҳ доштан осонтар аст, барои он ки сохтори муайян дорад. Ҳамзамон, ҳангоми дарс гуфтан аз воситаҳои аёнӣ, ба монанди тасвирҳои гуногун, харитаҳо, диаграммаву моделҳо ва рӯнамову наворҳои хурди фаннӣ бештар истифода кунед, ин барои боқувват кардани зеҳни хонанда хеле муассир мебошад.

**Дувум, маҳдудияти вақт ва захираҳо**. Яъне, ба хонандагон ягон вазифа, ба монанди мисолу масъала ва ё чизи дигар диҳед ва барои ҳалли он вақти кӯтоҳ ҷудо кунед, то ки онҳо дар вақти муайяншуда вазифаи додаатонро иҷро намоянд, бигузор хато ҳам бошад. Инчунин, ба хонандагон мисолу масъалаеро пешниҳод кунед, ки фикрронии онҳоро ба маротиб зиёд ва зудиҷрошаванда намояд. Ҳамчунин, дар баробари ин, ба хонандагон мисолу масъалаеҳоро пешниҳод кунед, ки ҳалли онҳо каме душвор бошад, то ки онҳо дар ҳалли он ранҷ бикашанд.

**Сеюм, додани саволҳои ҷолиб.** Мо-муаллимон саволҳоеро бояд интихоб кунем, ки ҳангоми ҷавоб талаб кардан хонанда аз он донише бигирад ва фикрашро татбиқ ё шарҳ дода тавонад. Ҳангоми дарс мисолу масъала ё чизи дигари шавқовари ҳаҷвӣ пешниҳод кардан бамаврид аст. Ин ба шумо кумак мекунад, ки диққати хонандагонро ба худ ҷалб созед ва дар хотираи наврас зуд ҷой мешавад. Барои боз ҷалби таваҷҷуҳи зиёди талабагони худ, дар рафти дарс бозиҳои гуногуни усулҳои амалиро истифода карда, талабагонро ба ин раванд ҷалб намоед.

Агар тавонед, ба хонандагони худ саволҳои эҳсосӣ пешниҳод кунед ва кӯшиш намоед, онҳо онро ба эҳсос ҷавоб гардонанд ва шумо ҳам барои тақвияти ҷавоби онҳо худатон низ ба эҳсос сухан кунед. Ин аз он ҷиҳат хуб аст, ки наврасро барои тобишҳои гуногуни зиндагӣ, ба монанди ғусса ва нишот дар оянда тайёр месозад.

Ин усулҳои пешниҳодшуда то қадри имкон метавонад, таваҷҷуҳи хонандагони синфҳои ибтидоиро ба дарс ва омӯзгор ҷалб созад ва завқи онҳоро ба хондану аз худ кардани дониш зиёд намояд. Бо чунин равиш мо-омӯзгорон дар дарсҳои худ, ҳатто, аз воситаҳои технологияи иттилоотӣ низ истифода бурданамон шоиста ва саривақтӣ мебошад!

Педагогони шинохта ҳамеша таъкид кардаанд, ки дар раванди таълими ибтидоӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсил, тарбия ва инкишофи шахсияти мактабиёни хурдсол бағоят аҳамияти калон дорад, чунки тарбия ва таълим дар хурдӣ нақшест бар санг. Дарс дар ташаккули сифатҳои муфиди кӯдакон неруи таконовари беҳамтост. Ҳангоми ҳар дарс вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ ба дараҷаи муайян иҷро карда мешаванд. Бинобар ин, ҳар дарс бояд тибқи дархости принсипҳои илмӣ, системанокӣ, дастрасӣ, шуурӣ ва фаъолнокӣ, баҳри устувор азхуд кардани донишҳо бо дарназардошти ба инобатгирии хусусиятҳои инфиродии талабагон тақдим карда шавад. Дарс дар омӯзиши маводи барномаи таълимӣ мавқеи муайян дорад. Дар китоби дарсии "Педагогика" барои донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ хеле хуб дарҷ шудааст, ки дар раванди дарс ба зимми дархостҳои нишондодашуда, эҷодкорӣ ва навовариҳои муаллим илова гардад, ба бурдбориҳои зиёд умед бастан мумкин аст, чунки аз ин хотир «дарсро асари эҷодии муаллим» гуфтаанд.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, дотсенти ДМТ,**
**Алишер РАҲИМЗОДА,**
**директори Институти математикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика**

# МАВОДИ ДАРСИИ БА САЛОҲИЯТНОКӢ АСОСЁФТА

## Қисми 2. (Анҷом)

Дар шумораи гузашта (№10), мо дар бахши аввали мақола тахти унвони **"Методи пешниҳоди курси математика барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ"** дарҷ карда будем, ки навиштаи мазкур аз ду қисм иборат аст. Дар қисми якум нуқтаи назар доир ба китобҳои дарсии амалкунанда, аҳаммияти таълими математика дар тарбияи ахлоқии инсонро ёдрас шуда будем. Дар қисми дуюми мақола бошад, мо мақсад дорем, ки доир ба фарқияти китобҳои дарсии нав аз китобҳои дарсии амалкунанда чанд сухане гуфта бошем. Дар ин ҷо мебинем, ки маводи таълимие, ки алҳол барои синфи 5 аз математика омода карда шудааст, аз маводҳои қаблӣ чӣ фарқ дорад ва ба хонанда чиро тавсия медиҳад.

**Маҷмуаи маводи таълимии синфи 5 аз се қисми алоҳида иборат аст:**

**1) Китоби дарсӣ;**

**2) Дафтари хонанда;**

**3) Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор.**

Ҳар яке аз ин қисмҳоро дар алоҳидагӣ таҳлил мекунем ва устодону муаллимон, хусусан, омӯзгорони ҷавонро бо сохту мазмуни онҳо ошно месозем.

**I. Китоби дарсӣ.** Китоби мазкур дар асоси омӯзиши ба салоҳиятҳо асосёфта навишта шудааст. Ин гуна рукнҳои асосёфта чорто ҳастанд:

1. **Инкишофёбанда, яъне он:**

-ба рушди салоҳиятҳои асосӣ (муошират, ҳамкорӣ, эҷодкорӣ, ҳалли мушкилот) дар байни фанҳо, синфҳо ва масъалаҳо мусоидат мекунад;

- дар доираи ҳар як фан омӯзиш на танҳо аз мавзуъҳо, балки дар асоси рушди салоҳияти хонандагон (дониш, малака, муносибат ва татбиқ дар ҳаёти воқеӣ) ба нақша гирифта мешавад;

- омӯзиш ҳамчун масири рушди афзоиши дониш, малака ва арзишҳои хонандагон маънидод карда мешавад;

- ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва фанниро дар байни синфҳо пайгирӣ мекунад, тадриҷан ба ҳар як салоҳият такя карда, онро амиқтар мекунад;

- омӯзгор ба хонандаи ба “дараҷаи баланд” инкишофёфта (то замони хатми мактаб, инчунин, дар охири ҳар як марҳилаи омӯзиш) биниши мукаммал дошта метавонад.

**2. Хонандамеҳвар, яъне:**

- дар маркази диққат на ҳадафҳои омӯзгор, балки натиҷаҳои омӯзиш гузошта мешаванд;

- омӯзиши фаъол ва ба пурсиш асосёфтаро таъмин менамояд;

- ба эҳтиёҷоти хонандагон, ки тариқи арзёбии ташаккулдиҳанда муайян шудаанд, ҷавоб медиҳад;

- барои ҳама донишомӯзон имконоти баробар ва одилонаро фароҳам меорад, то дар сатҳи зарурӣ ба раванди таълим машғул шаванд;

- эҳтиёҷи ҳамаи толибилмон, аз ҷумла, хонандагони дорои имконоти махсусро баррасӣ мекунад.

**3. Ба ниёзҳои фардӣ ва тафриқакунӣ мутобиқгардида, яъне:**

- тафовут дар сатҳи салоҳиятҳо ва сатҳи азхудкунии хонандагонро эътироф мекунад ва онро тавассути омӯзиши тафриқакунӣ (вазифаҳо ва равандҳо) ҳал мекунад;

-шавқу рағбат, муносибат ва самтҳои хонандагони алоҳидаро ба назар мегирад;

-барои овоз ва интихоби хонандагон фазо фароҳам меорад;

-барои чандирии роҳҳои омӯзиш ва таълим ба натиҷаҳои интизоршаванда имкон медиҳад.

**4. Вобаста ба ҳаёти воқеӣ, яъне:**

-донишомӯзонро барои истифода бурдани салоҳиятҳои худ (дониш, малака ва муносибат) дар ҳолатҳои воқеии ҳаёт омода месозад;

-донишомӯзонро ба ҷойи кор ва ҷомеаи асри 21 омода мекунад;

-аз вазъиятҳои мушкили (саволҳо, супоришҳо) ба ҳаёти воқеӣ мутобиқ истифода мебарад;

-вазъиятҳои проблемавии байнифаннии ба ҳаёти воқеӣ мутобиқро истифода мебарад;

-ба таҷрибаҳо ва манфиатҳои воқеии хонандагон такя мекунад.

Дар ибтидои китоби дарсӣ бо воситаи рамзҳо ва расмҳо тартиб ва тарзи омӯхтани китоб ба нақша гирифта мешавад. Ҳар як мавзуи дарсӣ ё фасл аз бандҳои зерин иборат аст:

**- Кӯшиш мекунем;**

**- Мушоҳида мекунем;**

**- Хулоса мебарорем;**

**- Татбиқ менамоем;**

**- Мулоҳиза мекунем.**

Тавре ки дар қисми аввали мақола таъкид кардем, мо ба таълими ташаккулдиҳанда такя мекунем ва дар аввали дарс дар назди хонанда шароит барои андешаронӣ ташкил мекунем. Ин вазъият бояд донишомӯзро ба мушкилӣ рӯ ба рӯ кунад ва ба ҳалли масъала ё проблемаи гузошташуда равона созад. Дар ибтидо ӯ кӯшиш мекунад, ки проблемаро дарк кунад, роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ намояд. Ҳолатҳои ҷузъии ҳалли масъаларо тадқиқ намуда, дар асоси он ба хулоса меояд, қонуниятҳо ва шояд формулаҳои худро мебарорад, онҳоро дар амал месанҷад ва дар ҳаёти воқеӣ татбиқ мекунад. Ҳамин тавр, хонандагон худашон ба ошкор сохтан ё "кашф кардан"-и чизи нав, қонуни нав меоянд ва номи мавзуъро низ дар якҷоягӣ мегузоранд. Дар ин маврид меҳвари асосӣ хонанда ба ҳисоб меравад ва омӯзгор аз болои корҳои онҳо назорат мебарад. Китоби дарсӣ хонандагонро ба он раҳнамо месозад, ки дар рафти дарс иштироки ҳар яки онҳо муҳим аст, онҳоро мебояд, фаъолона фикр кунанд, дар баҳсҳо ширкат варзанд ва хулосаи худро нависанд. Агар муваффақ нагаштанд, аз ин шарм надоранд, зеро ба воситаи он андешаронии онҳо ташаккул меёбад. Дар ин ҷо муҳим мубодилаи байни хонандагон мебошад. Дар ҳар як дарс онҳо вақти зиёдеро барои кор дар гурӯҳҳо, аз ҷумла, дунафара сарф мекунанд. Дар ин ҳолат онҳо якҷоя бо ҳам кор карданро меомӯзанд ва ба навбат фикри худро баён месозанд, ҳамдигарро бо эҳтиром гӯш мекунанд ва ба хулосаи умумӣ меоянд. Дар баробари ин, дар кори гурӯҳӣ онҳо кори якдигарро месанҷанд ва ба ҳамдигар кумак мерасонанд. Дигар ин ки бо машғул шудан ба ҳалли масъалаҳои математикӣ, хонандагон дар дигар салоҳиятҳо низ инкишоф ёфта метавонанд. Масалан, саволҳои инфиродӣ дода, бо воситаи онҳо қонуниятҳоро мушоҳида мекунанд, хулоса мебароранд ва ба дониши худ аз рӯйи меъёрҳои ҳадафҳои гузошташуда, баҳо медиҳанд. Муҳимаш он аст, ки онҳо дар бораи манфиатҳои воситаҳои нави математикӣ дар ҳаёти хеш ва дар ҷомеа фикр мекунанд ва ҳар чиро, ки меомӯзанд, метавонанд дар зиндагии хеш татбиқ кунанд.

**II. Дафтари хонанда** тарзе тартиб дода шудааст, ки хонанда тавонад, вақти хешро барои навиштани беҳуда сарф накунад, балки барои ҷавоб гардонидан ба саволҳои гузошташуда, дар сатрҳо ҷавобҳои худро нависад, ҳалли мисолу масъалаҳоро мухтасар баён намояд. Он хонандаро ба фаъолияти фикр кардан, андешаҳои худро баён сохтан, бо овози баланд муҳокима кардан, хулоса баровардан ва ғайра, роҳнамоӣ мекунад. Дар ҳар дарс хонанда ба кори гурӯҳӣ машғул мешавад. Онҳо дар коллектив кор карданро меомӯзанд. Фикри худро бо навбат баён мекунанд, андешаи ҳамсинфонашонро мешунаванд ва худро аз рӯйи ҳадафҳои додашуда баҳо медиҳанд.

Ҳар як мавзуи дарсӣ ё фасл дар дафтари хонанда бо китоби дарсӣ мувофиқат дорад ва чунин бандҳоро фаро мегирад:

**1. Кӯшиш мекунем.** Хонанда омӯзишро аз вазъият барои андешаронӣ аз ҳаёти воқеӣ оғоз менамояд. Ӯ бояд хонандаро барои ҷавоб додан ба саволҳое, ки дар ин банд ба миён гузошта мешаванд, роҳнамоӣ мекунад.

**2. Мушоҳида мекунем.** Хонанда ҳамсинфони худро мушоҳида мекунад, дар бораи чӣ гуна амал кардани қоидаҳо, хосиятҳо ва усулҳои ҳалли масъалаҳо хулоса мебарорад ва онро менависад.

**3. Хулоса мебарорем.** Хонанда хулосаи

худро бо забони математикӣ таҳия мекунад ва дуруст будани онро дар амал месанҷад.

**4. Татбиқ мекунем.** Пас аз баровардани хулоса, хонандагон бо воситаи мисолу масъалаҳо, инчунин, муҳокима рондан бо ҳамсинфон мубодила мекунанд.

**5. Мулоҳиза мекунем.** Омӯзишро бо аз назар гузарондан ва мулоҳиза кардан атрофи ҳадафҳои фасл, ки амалӣ гаштаанд ва минбаъд болои кадоме аз онҳо бояд кор кардан лозим аст, идома медиҳанд. Дар дафтари корӣ хонанда дар канори рости саҳифа бо рамзҳои зерин дучор меояд, ки минбаъд роҳнамои кори ӯ мегарданд:

“?”- саволи калидии фасл, “!”- ғояи калидӣ ё андешаи калидии фасл, “  “- таъриф, қоида ё хосияти муҳим, “”- сари вақт иҷро кардани супориш, “” - кор ё муҳокима дар гурӯҳҳои дунафара.

**III. Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор аз 2 қисм иборат аст.**

Рақамҳои тартибӣ бо фаслҳои китоби дарсӣ мувофиқ карда шудаанд. Дар аввали ҳар фасл барои омӯзгор дар зери мафҳумҳои омӯхташуда тавсия дода мешавад, ки дар охири фасл ӯ бояд аз хонандагон аз бар кардани салоҳиятҳои: **а) фаҳмиш, б) маҳорат, в) дониш**ро интизор шавад. Барои бо ин қисм ошноӣ пайдо кардан мо яке аз фаслҳо (дарсҳо)-ро аз “Тавсияҳо барои омӯзгор" пешниҳоди хонандагон менамоем:

## ФАСЛИ 2.5. КАСРҲОИ БАРОБАР

**Маълумот барои омӯзгор:**

**Интизориҳо аз хонандагон пас аз гузаштани ин фасли боб:**

**Дониш:** хонандагон:
- мафҳуми касрҳои баробарро медонанд;

**Маҳорат:** хонандагон метавонанд:
- ҳар гуна касрро ба воситаи касри ба он баробар ифода кунанд.

**Саволи калидӣ:** Чӣ тавр касрҳои гуногун баробар шуда метавонанд?

**Ғояи калидии фасл:** Барои ҳосил кардани касри баробар ҳам сурат ва ҳам махраҷ бояд ба як адади нобаробари сифр зарб ё тақсим карда шаванд.

Раванди намунавии дарс барои фасл: тахминан 3-4 соат барои фасл.



Омӯзгор силсилаи дарсҳоро аз саволи муқаддимавӣ оғоз менамояд.

Шумо дар фасли гузашта чӣ чизи нав омӯхтед?

**Кӯшиш мекунем**



Омӯзгор ё яке аз хонандагон масъала барои андешарониро бо овози баланд мехонад, хонандагон дар маводҳояшон мушоҳида мекунанд. Сипас, омӯзгор кори гурӯҳиро раҳнамоӣ мекунад. Мақсади ниҳоӣ: тартиб додани саволҳо барои фасли додашуда.

**Вазъият барои андешаронӣ**

Бибӣ ду кулчақанди якхела барои Сулаймон ва Машраб тайёр кард. Ӯ як кулчақандро пора кард, ки ҳамин вақт ҳамсоя даромад. Бибӣ аз бобо хоҳиш кард, ки кулчақанди дуюмро бибурад.

Бобо аз Сулаймону Машраб хоҳиш кард, ки аз рӯйи адолат баробар кулчақанд хӯранд ва каме кулчақандро барои фардо гузоранд. Вақте ки бачаҳо диданд, ки бибӣ кулчақандро ба шумораи ҷуфти ҳиссаҳо буридааст, аммо бобо онро ба шумораи тоқи ҳиссаҳо буридааст.

Оё писарбачаҳо метавонанд, миқдори баробари кулчақандҳои худро хӯранд? Мисол оред, ки ин чӣ тавр мумкин аст.

**Супориши 1.** Кори гурӯҳӣ. Ҳамчун намуна расме кашед, ки чӣ тавр бибию бобо ду кулчақандро буридаанд. Ҳангоми расмкашӣ ду кулчақандро тавре ба ҳиссаҳо чудо кунед, ки ҳар як писарбача аз ҳар як кулчақанд андозаи якхела ба даст орад. Ягона қоида ҳангоми тақсим кардан ин аст, ки андозаи ҳиссаҳои як кулчақанд гуногун буда наметавонад. Агар ин дар кӯшиши аввал натиҷа надиҳад, усули дигарро истифода баред.

Оё шумо роҳи "буридани" ҳар ду кулчақандро пайдо кардаед, то писарон ҳиссаи якхелаи кулчақандро ба даст оранд? Агар ин тавр бошад, шумо ин амалро чӣ тавр иҷро кардед? Агар не, чаро шумо ин корро карда натавонистед? Вазъият барои андешарониро муҳокима кунед, фикрҳои худро мубодила намоед ва онҳоро нависед.

Дар дафтари корӣ давраҳои холӣ дода шудаанд. Хонандаҳо нишондодҳоро пайравӣ карда, кӯшиш мекунанд, онҳоро ҷудо созанд. Агар ин корро карда натавонанд, омӯзгор набояд ба онҳо ҷавоби дурустро диҳад, балки онҳоро ба баёни саволҳои худи онҳо равона созад.

**Супориши 2.** Кори фардӣ. Дар иҷрои супориш барои шумо чӣ мушкил буд? Фикр кунед ва мушкили худро нависед.

**Супориши 3.** Кори гурӯҳӣ. Мушкилотеро, ки ҳангоми андешаронӣ дар бораи вазъият ҳар як узви гурӯҳ дошт, муҳокима кунед. Онҳоро умумӣ кунед ва 2-3 мушкили асосиро бо ҳамсинфон мубодила кунед.

**Супориши 4.** Кори фардӣ. Шумо дар ин фасл чиро донистан мехоҳед, то мушкилоти худро равшан созед ва аз уҳдаи иҷрои ин супориш бароед? Фикр кунед ва саволҳоеро, ки ба онҳо ҷавоб додан мехоҳед, нависед.

**Супориши 5.** Кори гурӯҳӣ. Саволҳои ҳар як узви гурӯҳро муҳокима кунед. Онҳоро умумӣ гардонед ва бо ҳамсинфон 1-2 саволи асосии худро мубодила кунед.

**Саволи калидӣ**: Пас аз он, ки хонандагон саволҳои худро тартиб доданд, омӯзгор бо саволи калидии фасл онҳоро шинос мекунад.

Дар дафтари худ саволи калидиро нависед, ки дар ин фасл шумо ба он ҷавоб пайдо мекунед: "Дар ин фасл мо мефаҳмем, ки чӣ тавр касрҳои гуногун баробар шуда метавонанд".

Агар шумо дарсро пас аз марҳилаи «Кӯшиш мекунем» ба анҷом расонед, ба хонандагон **вазифаи хонагии** зерин дода мешавад: Рафиқи шумо касал шуда, дар дарсе, ки шумо бо марҳилаи «Кӯшиш мекунем» кор кардед, иштирок накард. Вай аз шумо хоҳиш мекунад, он чизеро, ки дар дарс омӯхтед, фаҳмонед. Шумо чӣ мегуфтед? Як сархатро нависед.



Омӯзгор бояд ба хонандагон иҷозат диҳад, ки ҷавобҳои дурустро дар ҷойҳои холӣ худи онҳо нависанд.

**Мушоҳида мекунем**

**Ба хотир оред:**

**Адади ҷуфт-** ададест, ки ба 2 тақсим мешавад.

**Адади тоқ-** ададест, ки ба 2 тақсим намешавад.

**Супориши 6.** Кори дунафара.

Дар хотир доред: андозаҳои кулчақандҳо баробаранд. Андозаи ҳиссаҳо (қисмҳо) аз миқдори ҳиссаҳо вобаста аст.

Мушоҳидаҳои худро нависед. Фарз мекунем, ки бобо кулчақанди худро ба 3 ҳисса бурида, ҷудо кардааст (3 адади тоқ аст). Чӣ мешавад, агар Сулаймон ин кулчақандро гирифта, онро ба ҳиссаҳои хурдтар тақсим кунад? Дар дафтари худ ба ӯ ёрӣ расонед, то ҳар яке аз се ҳиссаро ба ду қисми баробар тақсим намояд:

> Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, то ба хотир биёранд, ки андозаи қисмҳои кулчақандро чӣ муайян мекунад, дар сурате, ки худи кулчақандҳо андозаи якхела доранд (аз рӯйи шумораи қисмҳои як кулчақанд).
>
> Акнун хонандагон дар гурӯҳҳои худ, бояд кулчақандро аз се ҳисса дубора ба ним ҳисса ҷудо кунанд (яъне ҳар як ҳисса бояд ба ду ҳисса тақсим шавад).



**Мушоҳида кунед:**

Шумораи умумии ҳиссаҳо (қисмҳо) чандто? ***[Ҷавоб:** се ҳисса**]***.

Бо кадом каср бутунро нишон додан мумкин аст***? [Ҷавоб:** $\frac{3}{3}$**]***

Шумораи умумии ҳиссаҳои нав ба чанд баробар аст? ***[Ҷавоб:** шаш ҳисса**]***.

Кадом каср бутуни ҳосилшударо нишон медиҳад? ***[Ҷавоб:** $\frac{6}{6}$**]***.

**Баробарии ҳосилшударо бо истифода аз касрҳо нависед. *[Ҷавоб:*** $\frac{6}{6}$***]***.

**Супориши 7. Кори дунафара.**

Акнун фарз мекунем, ки бибӣ кулчақанди худро ба 2 ҳисса бурида ҷудо кардааст (2 адади ҷуфт аст). Машраб ин кулчақандро гирифт ва бояд ҳиссаҳоро ба шумораи ҳиссаҳои кулчақанди Сулаймон бурида ҷудо кунад. Машраб кулчақанди худро чӣ тавр бурида метавонад? **Ҷавоб:** ба ӯ лозим аст, ки дар умум ***6*** дона дошта бошад. Барои ин, ӯ бояд ҳар ду ҳиссаро ба ***3*** ҳисса ҷудо кунад.



**Мушоҳида кунед:** Мушоҳидаҳои худро нависед.

Шумораи умумии ҳиссаҳо (қисмҳо) чандто буд? **[Ҷавоб: 2 -то]**

Кадом каср метавонад бутунро нишон диҳад? **[Ҷавоб: 2:2].**

Шумораи умумии ҳиссаҳои нав чанд аст? ***[Ҷавоб: 6 ].***

Оё бутун тағйир ёфтааст? Ё бутуни аввала ба бутуни нав баробар аст? ***[Ҷавоб:*** бутун тағйир наёфт, бутуни аввала 1 ба бутуни нав баробар аст***]***.

**Ин баробариро бо истифода аз касрҳо нависед *[Ҷавоб:*** $\frac{2}{2} = \frac{6}{6}$ ***].***

> Агар шумо дарсро пас аз марҳилаи «Мушоҳида мекунем» ба анҷом расонед, ба хонандагон чунин **вазифаи хонагӣ** дода метавонед: дар дафтарҳоятон мушоҳидаҳоятонро ҷамъбаст кунед.



**Хулоса мекунем**

**Супориши 8. Кори дунафара.** Ба кулчақанди Сулаймон назар андозед.



> Хонандагон кӯшиш мекунанд, то ҷойҳои холиро пур кунанд.

Касрҳои баробарро, ки тамоми кулчақандро нишон медиҳанд, нависед (***Ҷавоб:*** $\frac{3}{3} = \frac{6}{6}$)



**Касрҳои баробар** касрҳои якхелаанд, вале тавассути ҳиссаҳои андозаҳояшон гуногун нишон дода шудаанд.

Вақте ки кулчақандро ба ҳиссаҳои зиёдтар тақсим кардед, бо сурат ва махраҷи касри якум чӣ рӯй дод?

Сурат: ***Ҷавоб: 6***

Махраҷ: ***Ҷавоб: 6***

Тағйироти сурат ва махраҷро якбора нишон диҳед: Ҷавоб: $\frac{2 \cdot 3}{2 \cdot 3} = \frac{6}{6}$

**Супориши 9. Кори дунафара.**

**Баргашта фикр кунед:** тасаввур намоед, ки ҳиссаҳои кулчақанд аз нав бо ҳам часпиданд ва тақсимоти аввала барқарор шудааст. Пас, бо сурат ва махраҷи касри дуюм, ҳангоми шакли пештараро гирифтан, чӣ рух медиҳад?

Оё шумо метавонед ин тағйиротро ба таври математикӣ нависед?

Сурат: ***6 : 2 = 3***

Махраҷ: ***6 : 2 = 3***

Тағйироти сурат ва махраҷро якбора нишон диҳед: Ҷавоб: $\frac{6:2}{6:2}=\frac{3}{3}$

**Оё акнун шумо омодаед, то ба саволи калидии «Чӣ тавр касрҳои гуногун метавонанд баробар бошанд?» ҷавоб диҳед? Ғояи калидиро нависед.**

Хонандагон кӯшиш мекунанд, то худашон ҷойҳои холиро дар қоида пур кунанд

**Ғояи калидӣ:** **Барои ҳосил кардани касри баробар ҳам сурат ва ҳам махраҷ бояд ба як адади ғайринулӣ *зарб* ё *тақсим* карда шаванд.**

**Супориши 10. Кори фардӣ. Биёед, месанҷем:**

Ба кулчақанди Машраб назар кунед. Касри баробарро, ки тақсимоти нави кулчақандро нишон медиҳад, ёбед. Касрҳои баробарро нависед:





***Ҷавоб:*** $\frac{6:2}{6:2}=\frac{3}{3}$.

**Оё қоидаи шумо дуруст амал кард?** Дар акси ҳол баргардед ва онро ислоҳ кунед.

Агар шумо дарсро пас аз марҳилаи «Хулоса мекунем» ба анҷом расонед, ба хонандагон чунин **вазифаи хонагӣ** дода метавонед: дастовардҳои худро мувофиқи ҷадвали ҳадафҳое, ки шумо бояд дар охири ин банд ба даст оред, баҳо диҳед ва ҳалли масъалаҳо барои татбиқро оғоз намоед: муайян кунед, кадом ҳадафҳоро ноил гаштед, кадомашро ҳоло не.

## Муроҷиат мекунем

**Супориши 11. Кори фардӣ.**

Ҳадафҳоеро, ки шумо бояд дар охири фасл ба даст оред, баррасӣ кунед:

Омӯзгор ба хонандагон барои худро мустақилона баҳо додан вақт медиҳад. Агар онҳо баъзе ҳадафҳоро пурра ба даст оварда бошанд, дар назди онҳо рамзи V-ро мегузоранд. Дар назди ҳадафҳое, ки нисфи онро аз худ карданд, 1/2 менависанд ва дар назди ҳадафҳое, ки тамоман ба даст наовардаанд, катакро хат мезананд.

***Дар охири фасл шумо:***

| ***медонед:*** | ***метавонед:*** |
| --- | --- |
| -мафҳуми касрҳои баробарро | -ҳар гуна касрро ба воситаи касри ба он баробар ифода кунед. |

**Шаҳноза АХМЕДОВА,**
**саромӯзгори алгебра ва геометрияи**
**Коллеҷи тиббии ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд**

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ГЕОМЕТРӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

Мақсади ин таҳқиқот аз рӯйи масъалаи геометрии додашуда бо истифода аз ҳосила ёфтани қиматҳои калонтарин ва хурдтарини функсия мебошад. Дар раванди ҳалли ин масъала истифодаи барномаи компютерӣ хеле муфид аст. Дар ин кор мо тасмим гирифтем, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои геометрӣ барномаи Maple 18-ро истифода барем. Ин таҳқиқот дар дарсҳои амалӣ хеле зарур ва муфид аст, зеро аз ҳалли чунин масъалаҳо бо татбиқ намудани элементҳои математика дар геометрия ва истифодаи технологияи информатсионӣ дар раванди таълим барои донишҷӯён ё хонандагон хеле бамаврид ба ҳисоб меравад.

Расми 1. Қадамҳои ҳалли масъалаи геометрӣ бо истифода аз барномаи компютерӣ:




Аз расми боло бармеояд, ки барои ҳалли як масъалаи геометрӣ бо истифодаи ҳосилаи функсия ва технологияи информатсионӣ ё ин ки барномаи компютерии Maple 18 бояд се қадами асосиро иҷро намуд. Дар қадами якум аз рӯйи шарти масъала, шарти кӯтоҳ ва нақшаи онро бояд тасвир намуд, яъне, аз рӯйи матни масъала маълумотҳои ададии додашудаи онро бояд навишт. Дар қадами дуюм бошад, бо ёрии элементҳои таҳлили математикӣ дар ин маврид ҳосилаи функсияи яктағйирёбандаро бояд истифода намуд. Дар қадами дуюм аз рӯйи шарти масъала функсияи яктағйирёбандаро сохта, сониян, аз он ҳосила мегирем ва нуқтаҳои критикии онро қайд намуда, қиматҳои калонтарин ё хурдтарини функсияро аз рӯйи масъалаи додашуда меёбем, ҳамаи ин қадамҳоро дар расми 2 нишон медиҳем:

Расми 2. Ҳалли пурраи масъалаи геометрӣ бо истифода ҳосилаи функсия




Пас аз иҷрои ин амалиёт барои санҷидани натиҷаҳои ниҳоии ин масъалаҳо барномаи компютерии Maple 18-ро истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад. Маълумоти умумӣ ва тартиби иҷроиши ин амалҳоро ба тавri назария ва амалия дар поён баён мекунем.

Барномаи Maple яке аз барномаҳои машҳур дар байни истифодабарандагон, донишҷӯён, устодони донишгоҳҳо, муҳандисон, муҳаққиқон, аспирантон ва унвонҷӯён буда, онро кормандони соҳаи илм, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода мебаранд. Бо истифода аз барномаи Maple ҳамаи амалиёти вобаста ба математика, физика, омор, молия ва ғайра, додашударо татбиқ намудан имконпазир мебошад.

Ин барнома дар мавриди сохтани барномаҳо, инчунин, дар созиши барномаҳо дар интерфейс кор мекунад. Барои кор кардан дар ин муҳит тарзи дохилкунии ифодаҳои алгебравӣ, функсияҳои математикӣ ва баъзе қисматҳои барномаро бояд донист. Ҳамаи намудҳои барномаи Maple, алалхусус, намудҳои Maple 10,11,12,13,14, инчунин, Maple 18 забони барномарезии васеъ доранд, ки дар он тартиб доданро низ навиштан мумкин аст. Масалан, дар ин барнома сохторҳо, сиклҳо ва операторҳои воридкунию натиҷабарорӣ ва ғайраҳоро ба кор омода сохтан мумкин аст. Барномаи компютерии Maple 18, инчунин, метавонад ҳамчун ҳисоббарор (калкулятор) хизмат кунад, зеро дар он ҳамаи ҳисобкуниҳои одию муҳандисӣ ҷой дода шудаанд, ки дар расми 3 нишон дода шудааст.

## ГЕОМЕТРИЯ

Расми 3. Ҳисобкуниҳои одию муҳандисӣ дар барномаи Maple 18




Ҳисобкуниҳои одию муҳандисӣ дар муҳити барномаи Maple 18 дар чапи интерфейси барномаи Maple бо номи «Expresson» ҷой дода шудааст, ки аз он метавон дар амалҳои арифметикӣ ва аз функсияҳои математикӣ истифода кард.

Дар барномаи Maple 18 ҳамаи қисмҳои математика ва математикаи олӣ, ба монанди қисмҳои алгебраи хаттӣ (“Linear Algebra”), алгебраи векторӣ (“Vector Calculus”), геометрияи аналитикӣ (“Geometry”), графики функсияҳо (“Plots”) ва («Plottools»), элементҳои комбинаторика (313) воридкунии функсияи математикӣ дар барнома, аз руйи тағйирёбандаи x ҳисоб кардани ҳосилаи функсия, ёфтани нуқтаҳои критикии функсия, яъне, ҳалли муодилаи алгебравӣ, аз рӯйи тағйирёбии ҳосилаи функсия ҳисоб намудаи қиматҳои функсия (қиматҳои калонтарин ва хурдтарин), санҷиши натиҷаҳои бадастоварда (“Combinatorics”), математикаи дискретӣ («Discrete Mathimatiks»), назарияи гурӯҳҳо («Group Theory»), назарияи графҳо («Graph Theory»), функсияҳои математикӣ (“Mathimatical functions”), назарияи ададҳо («Number Theory») ва ғайраҳо, ҳамаи ин фармоишҳо дар феҳристи (меню)-и асосии барнома бо номи “Tools” ҷойгир карда шудаанд. Ҳангоми кор бо ин функсияҳо фармоиши “Tools”-ро ба кор омода сохтан лозим аст.

Барои ворид кардани ҳосилаи функсия дар барномаи Maple 18 функсия diff истифода бурда мешавад. Намуди умумӣ ва тарзи навишти ин функсия дар барномаи Maple 18 чунин аст:

diff (a, x1, x2, …, xn) diff (a, [x1,x2,x3,…,xn])

Diff (a, x1, x2, …, xn) Diff (a, [x1,x2,x3,…,xn])

Дар ин ҷо a ифодаи алгебравии дифференсиронидашаванда, x1, x2, …, xn- қатори тағйирёбандаҳо, ки аз рӯйи онҳо ҳосилаи функсия ёфта мешавад. Функсияи Diff дар намуди умумӣ рамзӣ навишта шуда, маънои онро дорад, ки аз рӯйи он ҳосилаи функсия ба таври математикӣ ҳисоб карда мешавад. Ҳосилаи функсия, инчунин, аз рӯйи тартиби додашуда ҳисоб карда мешавад:

-ҳосилаи тартиби якуми функсияи f(x) дар барномаи Maple 18 бо фармоиши diff (f (x);

-ҳосилаи тартиби дуюм бо воситаи фармоши diff (f(x), x$2), тартиби сеюм бо фармоиши diff (f(x), x$3) ва ғайраҳо. Қадам ба қадам ҳалли як масъалаи геометрӣ бо истифодаи ҳосилаи функсия ва татбиқи он дар барномаи компютерии Maple 18 оварда шудааст (расми 4).

Расми 4. Ҳалли як масъалаи геометрӣ бо ёрии ҳосилаи функсия дар муҳити барномаи Maple 18




Аз расми 4 маълум гардид, ки барои ҳалли масъалаи геометрӣ бо ёрии ҳосилаи функсия дар муҳити барномаи Maple 18 бояд панҷ қадамро иҷро кард. Ҳамаи ин қадамҳоро дар ҳалли масъалаҳои мушаххас дида мебароем.

Маълум аст, ки барои ҳалли масъалаҳо хонандагон ё донишҷӯён бояд якчанд амалиёти таълимиро донанд ва онро татбиқ карда тавонанд. Барои ташхиси салоҳияти донишҷӯ ё хонанда оид ба донистани амалиёти таълимии зарурӣ истифодаи компютер шароити хуб фароҳам меорад. Ҳоло мо як намунаи якчанд масъалаҳои геометриро бо татбиқи ҳосилаи функсия ҳал менамоем ва барномаи компютерии Maple 18-ро татбиқ мекунем.



**Масъалаи №1.** Ҳаҷми калонтарини параллелепипеди росткунҷа ёфта шавад, агар периметри асоси он 12 дм буда, баландии он ба яке аз тарафҳои асос баробар бошад.

**Ҳал:** Азбаски асоси параллелепипед росткунҷа аст, пас периметри онро ифода мекунем ва аз рӯйи формулаи ҳисоб кардани ҳаҷми параллелепипед функсияи яктағйирёбандаро тартиб медиҳем: *Pасос*=12

$$2\,(a+b)=12$$
$$a+b=6$$
$$c=a$$
$$b=6-a$$
$$a>0$$
$$V=a\cdot b\cdot c\to max$$
$$V=a\cdot\ 6-a\ \cdot a=a^{2}\cdot\,(6-a)=-a^{3}+6a^{2}$$
$$V'\ a=-3a^{2}+12a=-3a(\ a-4).$$

Аз рӯйи ҳосилаи функсия нуқтаҳои критикии онро муайян мекунем. Барои ин муодилаи $=-3a(\ a-4)$-ро ҳал мекунем:

$$a(\ a-4)=0$$
$$a=0$$
$$a-4=0$$
$$a=4$$
$$b=6-4=2$$
$$c=4.$$

Пас аз ёфтани қиматҳои лозимӣ, ин қиматҳоро ба формулаи ҳаҷми параллелепипеди росткунҷа мегузорем ва ҳаҷми онро, ҳисоб мекунем:

$V=a\cdot b\cdot c=4\cdot 2\cdot 4=32см^{3}$

Расми 5. Қадам ба қадам ҳал кардани масъалаи 1 дар муҳити **Maple 18**




Ҷавоб: 32 см

**Масъалаи №2.** Тарафҳои паҳлуӣ ва асоси хурди трапетсия ба ҳамдигар баробар буда, ҳар кадоме онҳо 50 см дарозӣ доранд. Дарозии асоси калони трапетсияро ёбед, ки барои он масоҳати трапетсия калонтарин бошад.

Д.ш.а. *ABCD* трапетсия.

*AB=CD = BC=50 см* тарафҳои паҳлуи *ABCD,*

*AD* - асоси калони трапетсияи *ABCD.*

AD ёфта шавад, ки барои он $S_{ABCD}$ калонтарин бошад.

**Ҳал:**



**ГЕОМЕТРИЯ**

Аз рӯйи шарти масъала дар трапетсияи *ABCD,* тарафҳои *AB=BC=CD=50* (см) мебошад, пас трапетсияи *ABCD* баробарпаҳлу аст.

Бигузор $AD=x$(см) бошад, он гоҳ $AE=FD=(x-50)/2$, азбаски $AD=x$(см) он гоҳ ифодаи алгебравиро тартиб медиҳем: $AD=(x-50)/2\cdot 2+50=x$

Ифодаҳои дар боло бударо истифода намуда, h- баландии трапетсияи *ABCD*, $BE=FC$=h-ро меёбем:

1) Дар $\Delta AEB$ кунҷи $E=90°$ аст. Баландиро ба воситаи h ифода намуда, аз рӯйи теоремаи Пифагор ҳосил мекунем:

$$AB^2=AE^2+BE^2$$

$$50^2=\left(\frac{x-50}{2}\right)^2+h^2$$

$$50^2-\left(\frac{x-50}{2}\right)^2=h^2$$

Ифодаи ҳосилшударо, табдил медиҳем:

$$2500-\frac{(x-50)^2}{4}=h^2$$

2) Аз рӯйи шарти масъала, $S_{ABCD}$ калонтарин бошад, барои ин ҳосилаи функсияро меёбем:

$$S_{ABCD}=\frac{a+b}{2},\ h=\frac{AD+BC}{2},\ EB=\frac{x+50}{2}.$$

$$h=\sqrt{2500-\frac{(x-50)2}{4}}=\sqrt{\frac{10000-(x-50)2}{4}}=\sqrt{\frac{10000-x^2+100x-2500}{4}}=\frac{\sqrt{7500-x^2+100x}}{2}.$$

Функсияи яктағйирёбандаро ҳосил мекунем. Азбаски $SABCD\rightarrow max$, мебошад, пас функсияи $S(x)$ -ро нисбат ба экстремум таҳқиқ мекунем:

$$Sx=\frac{x+50}{4}\cdot\sqrt{7500-x^2+100x}.$$

3) Ҳосилаи функсияи $S(x)$ -ро меёбем:

Аз рӯйи ҳосилаи зарб $(uv)'=u'\cdot v+u\cdot v'$ истифода бурда, меёбем:

$$S'x=\left(\frac{x+50}{4}\right)'\cdot\sqrt{7500-x^2+100x}+\frac{x+50}{4}\cdot\left(\sqrt{7500-x^2+100x}\right)'=$$

$$\frac{1}{4}\cdot\sqrt{7500-x^2+100x}+\frac{x+50}{4}\cdot\frac{2(-x+50)}{2\sqrt{7500-x^2+100x}}=$$

$$\frac{\sqrt{7500-x^2+100x}}{4}+\frac{x+50}{4}\cdot\frac{2(-x+50)}{2\sqrt{7500-x^2+100x}}=\frac{\sqrt{7500-x^2+100x}}{4}-$$

$$\frac{x+50}{4}\cdot\frac{x-50}{\sqrt{7500-x^2+100x}}=\frac{\sqrt{7500-x^2+100x}}{4}-\frac{x^2-50^2}{4\sqrt{7500-x^2+100x}}=$$

$$\frac{7500-x^2+100x-x^2+2500}{4\sqrt{7500-x^2+100x}}=-\frac{x^2-50x-5000}{2\sqrt{7500-x^2+100x}}.$$

Нуқтаҳои критикии функсияро меёбем: $f'x=0$.

$$-\frac{x^2-50x-5000}{2\sqrt{7500-x^2+100x}}=0$$

$$\frac{x^2-50x-5000}{2\sqrt{7500-x^2+100x}}=0.$$

Соҳаи қиматҳои имконпазири функсия:

$$7500-x^2+100x>0$$

$$-x^2+100x+7500>0.$$

нулҳои функсияро меёбем:

$$x^2-100x-7500>0$$

$$x_1=-50$$

$$x_2=150$$

$$D\ (S\ (x))=(-50;150)$$

$$x=-50$$

Решаи $x=-50$ бегона буда, дар ҷавоб онро намегирем:

$x=100$ нуктаи критикии функсия $S\ (x)$ ба ҳисоб меравад

$$S'\,x=\frac{0-0-5000}{2\sqrt{7500-0+0}}=\frac{5000}{2\sqrt{7500}}=>0$$

$S'\,(105)<0$. Азбаски аломати ҳосилаи функсия аз «+» ба «-» тағйир ёфт, пас, қимати калонатрини ин функсия дар фосилаи [100; 150) ба 100 баробар мешавад. Пас, асоси калони трапетсияи ABCD, яъне, $AD=x=100$ см аст.

Расми 6. Қадам ба қадам ҳал кардани масъалаи 2 дар муҳити Maple 18




Ҷавоб: *AD*=100 *см*

**Масъалаи №3.** Дар секунҷаи росткунҷаи гипотенузааш 24 см ва яке аз кунҷҳояш 60° росткунҷа чунин дарун кашида шудааст, ки асосаш дар гипотенуза мехобад. Дарозии тарафҳои росткунҷа чӣ гуна бошад, то масоҳати он калонтарин бошад? Дода шудааст.

ABC-секунҷаи росткунҷа $\angle B=60°$,

BC=24 см-гипотенуза

$\Delta\ ABC$

$S\ A_1B_1C_1D_1$-?

$x,y$–? (тарафҳои росткунҷаи $A_1B_1C_1D_1$)

**Ҳал:** Аз рӯйи шарти масъала дар секунҷаи ABC росткунҷаро тасвир мекунем. Порчаи $A_1B_1$ нисбат ба гипотенуза параллел тасвир ва охирҳои порчаи $A_1B_1$-ро бо нуктаҳои $C_1$ ва $D_1$ пайваст намуда, росткунҷаи $A_1B_1C_1D_1$-ро дар секунҷаи ABC ҳосил мекунем.

Тарафҳои росткунҷаи $A_1B_1C_1D_1$ мувофиқан бо $x$ (см) ва $y$ (см) ифода мекунем.

Агар $\angle A=60°$ бошад, пас $\angle C=30°$ мешавад, зеро секунҷаи додашудаи ABC - секунҷаи росткунҷа аст.

Чӣ хеле ки аз шарти масъала маълум аст, BC=24 см - гипотенузаи секунҷаи ABC мебошад.

1) Дар $\angle B_1C_1C$: $\frac{CC_1}{BC_1}=ctg\ 30°$- мувофиқи таърифи котангенси кунҷ дар секунҷаи росткунҷаи ABC аст.

$$\frac{CC_1}{x}=\sqrt{3}\ CC_1=\sqrt{3}*x$$

*2)* Дар $\Delta\ A_1\ DA$, мувофиқи таърифи тангенси кунҷи дар секунҷаи росткунҷаи ABC тасвир ёфта:

$$tg\ 60°=\frac{A1D1}{AD1}$$

$$24 -\sqrt{3} * x - \frac{\sqrt{3}}{3} * x = y$$

$$y = \frac{72-3\sqrt{3x}-\sqrt{3}*x}{3} = \frac{72-4\sqrt{3x}}{3}$$

$$24 = \sqrt{3x} + y + \frac{\sqrt{3}}{3} * x$$

$$S(A_1B_1C_1D_1) = x \cdot y = x \cdot \frac{72-4\sqrt{3x}}{3}$$

$$\frac{72-4\sqrt{3x}}{3} = S(x) = \frac{1}{3}(72x - 4\sqrt{3} * x^2.$$

Ҳамин тавр функсияи якътағйирёбандаро ҳосил намудем, ки дар ин ҷо $x > 0$ $y > 0$ аст. Аз рӯйи функсияи додашуда ҳосилаи онро меёбем, ки дар поён оварда шудааст:

$$S' x = (72 - 4\sqrt{3} * 2x) = \frac{1}{3}(72 - 8\sqrt{3} * x).$$

$S' x = 0$ - ҳангоми ба сифр баробар намудаи ҳосилаи функсия, нуқтаи критикии онро ҳисоб мекунем:

$$72 - 8\sqrt{3} * x = 0$$

$$8\sqrt{3} * x = 72$$

$$x = \frac{72}{8\sqrt{3}} = \frac{9}{\sqrt{3}} \cdot \frac{\sqrt{3}}{3} = \frac{9\sqrt{3}}{3} = 3\sqrt{3} \text{ (см)}$$

$$У = \frac{72 - 4\sqrt{3} * 3\sqrt{3}}{3} = \frac{72-36}{3} = 12 \text{ (см)}$$

Расми 7. Қадам ба қадам ҳал кардани масъалаи 3 дар муҳити Maple 18




Ҷавоб: $3\sqrt{3}$ *см ва* 12 *см*

**Назира БАРОТОВА,**
**омӯзгори математикаи**
**Литсейи инноватсионии шаҳри Душанбе**

# БОЗИҲОИ МАТЕМАТИКӢ МАГАР ШАВҚОВАРАНД?



Бозиҳои математикӣ дар дарс яке аз манбаъҳои асосии самаранокии фанни омӯхташаванда ба шумор рафта, дар дохили дарс, мавзуъҳои алоҳида, корҳои беруназсинфӣ, дарсҳои кушод ва дигар намуди машғулиятҳо ҳамчун манбаи асосии ташкили бозиҳо истифода мешаванд. Илова бар ин, ингуна бозиҳо яке аз воситаҳои хуби таълиму тарбияи хонандагон низ ба шумор рафта, бо мақсади мустаҳкам намудани донишҳои гузашта ва равнақ додани қобилияти ҳозирҷавобӣ барои дарсҳои оянда хонандагон истифода бурда мешаванд.

Ҳамзамон, бозиҳои математикӣ ва шавқоварии раванди дарсҳои математика барои мактаббачагон, хусусан, хонандагони дар зинаи якуми таҳсилот таҳсилкунанда зарур мебошанд, зеро онҳо барои арифметика базаи фундаменталӣ мегузоранд ва он бояд мустаҳкам бошад. Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки бозӣ низ як навъи дарс ба шумор рафта, барои гуногунрангӣ ва қолабшиканӣ кардани дарсҳои дилгиркунанда ҷиҳати риояи мақсадҳои мусбат ва лаҳзаҳои фароғатии хонандагон гузаронида мешавад. Дигар ин ки бозӣ ва машқҳои шавқангез давоми раванди омӯзиш буда, барои ба фанни математика шавқу ҳавас пайдо кардан ва бартараф намудани хатоҳои хонандагон ёрӣ мерасонад ва малакаю маҳорати ҳисобкунии онҳоро инкишоф медиҳад.

Моҳияти тарбиявии бозиҳои математикӣ хеле калон аст, зеро ин амали омӯзгор хонандагонро барои боинтизом шудан раҳнамун сохта, ҳамзамон, ҳар як бозӣ фикр кардан, мустақил будан, ҳозирҷавоб шудан, лаёқатманд будан, иҷрои ҳатмии қоидаҳоро риоя кардан ва ғалаба карданро дар бозӣ меомӯзонад. Инчунин, бачаҳое ҳастанд, ки

бисёр шармгин мебошанд, дар ин раванд метавон қобилиятҳои гум кардани хислатҳои зишти равониро зиёд намуда, дарачаи сухандонӣ ва суханварии онҳоро низ сайқал додан мумкин аст.

Мунтазам гузаронидани бозиҳо ва машқҳои шавқовар дар хонандагон ҳисси коллективона кор карданро тарбия намуда, онҳоро барои ба саволҳо пурра, дақиқ, саривақт ва ба овози баланд ҷавоб додан водор мекунад.

Бояд гуфт, ки дар китобҳои дарсӣ бозиҳое ҷой дода шудаанд, ки барои иҷрои онҳо дар барномаи таълимии фанни математика барои синфҳои ибтидоӣ соатҳои алоҳида ҷудо нашудаанд. Ба хотири баланд бардоштани саводи мантиқӣ ва математикии хонандагон аз ҳисоби дарсҳои такрорӣ ё мисолу масъалаҳои маъмулӣ барои чунин бозиҳо соатҳои алоҳида ҷудо кардан ба нафъи хонандагон мебошад. Тавре ки қайд кардем, бозиҳо ин давоми ҳар як дарс мебошанд ва аз ин ҳисоб дар охири дарс ё дар байни дарс, баъд аз фаҳмонидани мавзуи нав ё оид ба дарсҳои гузашта, баъди ҳалли мисолу масъалаҳо гузаронида шаванд ҳам, аз натиҷаи мусбат орӣ нестанд.

Агар хонандагон ҳангоми бозӣ аз як тараф лаҳзаи истироҳатию фароғатиро гузаронанд, аз тарафи дигар дониши худро мустаҳкам намуда, мустақил ва ташкилкунандаи ҳар гуна бозиҳо мегарданд.

Ба хонандагони синфҳои 1-4 барои гузаронидани бозиҳо рӯзҳои аввал 4-6 дақиқа сарф карда шавад, баъдтар ин вақтро ба 5-10 дақиқа мебояд дароз кард. Барои босамар будани бозиҳо асбобҳои аёнӣ, варақҳои ребусӣ, сканворд ва филвордҳои математикии осонро тайёр намуда, истифодаи онҳоро мавқеи аввалиндараҷа додан мувофиқ ба мақсад аст.

Оид ба интихоби мавзуи бозӣ масъалаҳои махсусро интихоб кардан шарт нест, балки ҳамон мавзуъҳое мувофиқи мақсад мебошанд, ки на фақат худи бозиҳо ҳатто, номи онҳо низ барои хонандагон ғайриодӣ бошанд. Метавон бозиҳоро чунин номгузорӣ кард: «Занҷирчаи ададӣ», «Сафи рақам ва ададҳо», «Кӣ зудтар меёбад?», «Кӣ рафт ва кай омада буд?», «Ман як ададро дар хотир гирифтам», «Ҳисобро аз кадом адад сар кунӣ, ба ҳамон адад тамом кун», «Квадрати шавқовар» ва монанди инҳо.

Барои дурусттар шарҳ додан ва интихоби бамавриди бозиҳо намунаи мисолҳои шавқоварро барои хоҳишмандон пешниҳод мекунем, шояд барои омӯзгорони ҷавон ҳамчун маводи методӣ ба кор оянд.

1. Бозингар ҳангоми бозӣ кардан мушоҳида намуд, ки дар қафояш 5 ҷуфт ва дар пешаш 7 нафар бозӣ доранд. Чанд нафар дар бозӣ иштирок доранд?

**(Ҷавоб: 18 нафар).**

2. Фотима соати 9:19 аз хона баромада, соати 14:39 ба хона баргашт. Фотима чанд соат дар берун буд?

**(Ҷавоб: 5 соату 20 дақиқа).**

3. Ба синфхонаи математика барои дарс то нисфирӯзӣ 150 нафар хонанда барои 6 соати дарсӣ даромаданд. Дар давоми ҳар як дарс синфхона чанд нафарӣ хонанда дошт?

**(Ҷавоб: 26 нафарӣ).**

4. Нуҳ сар гӯсфанд дар 3 рӯз 27 дарза алафро мехӯранд. Чанд дарза алаф лозим аст барои хӯрдани 5 гӯсфанд дар панҷ рӯз?

**(Ҷавоб: 25 дарза).**

5. Салмон ба бозор рафта, дар 5000 сомонӣ асп харид ва дид, ки нархи асп боло рафтааст ва аспро гашта, бар ивази 6000 сомонӣ фурӯхт. Баъди каме гаштан фикр кард, ки пиёда гаштан намехоҳад ва аспро ду бора ба 7000 сомонӣ харида, ба 8000 сомонӣ фурӯхт. Салмон дар натиҷаи ин хариду фурӯш чӣ қадар фоида ба даст овард?

**(Ҷавоб: 2000 сомонӣ).**

6. Хонаи кирм дар баландии 15 метр ҷойгир аст. Кирм аз сатҳи замин ҳар рӯз 5 метр боло шуда, 3 метр ба поён меғеҷад. Кирм дар чанд рӯз ба хонааш мерасад?

**(Ҷавоб: Дар 8 рӯз).**

Чунин шакл бозиҳои математикӣ барои рушди тафаккури ҳисоббарории насли наврас, васеъ шудани донишҳои риёзии онҳо ва бедор намудани ҳисси эҷодкорияшон муфид буда, шавқи таълимгирандагонро ба омӯзиши фанҳои дақиқ зиёд мегардонад.

**БИОЛОГИЯ**

**Дороб МАҲМАДОВ,**
**омӯзгори фанҳои география ва биологияи мактаби №3-и ноҳияи Дарвози ВМКБ**



# ИЛМАТ БА АМАЛ ЧУ ЁР ГАРДАД...

**Даъвати мутахассиси соҳа ҳангоми гузаштани мавзуи «Афзоиши нашвии рустанӣ бо воситаи навда» дар дарси биологияи синфи 5**

Биология ҳамчун фанни омӯзиши табиати зинда бо шаклу усулҳои таълими махсус аз дигар фанҳо фарқ мекунад. Дар бахшҳои гуногуни биология (растаниҳо, ҳайвонот ва одам) объектҳои муайян ва тағйироти мураккаби табиати зинда омӯхта мешавад, ки он бо истифода аз шаклҳои махсуси воситаҳои таълим (экскурсия, корҳои озмоишӣ, корҳои беруназсинфӣ, беруназдарсӣ) амалӣ гардонида мешавад. Барои он ки омӯзиши биология дар мактаб самараи хуб диҳад, пеш аз ҳама, заминаи моддии таълимӣ: кабинети муҷаҳҳази биология, гӯшаи зиндаи табиат, қитъаи таълимӣ-таҷрибавии назди мактабӣ лозим аст.



Вобаста ба ин, мо мақсад гузоштем, ки барои дар амал татбиқ намудани донишҳои андӯхтаи худ ва дар ин замина, баланд бардоштани салоҳиятҳои хонандагон ҳангоми таълими мавзуи «Афзоиши нашвии рустанӣ бо воситаи навда» аз усули даъвати мутахассис истифода барем.

Дар минтақаи мо боғпарвари номдор Розибек Абдухолиқов зиндагӣ мекунад, ки дар масъалаи боғдорӣ ва пешбурди корҳои селексионӣ маҳорату малакаи махсус ва таҷрибаи хеле зиёд дорад. Корҳои босифат анҷомдодаи ӯро ҳамчун мутахассиси соҳаи мазкур тӯли солҳои зиёд дида, ният кардам, ки ӯро ба яке аз дарсҳоям даъват кунам, то ки маҳорату малакаи доштаашро дар соҳаи боғдорӣ ба хонандагон нишон диҳад. Бо Розибек Абдухолиқов дар ин бора ҳамсуҳбат шуда, мақсадамро баён кардам. Ӯ низ нияти маро бо хушнудӣ пазируфт ва ваъда дод, ки ҳатман иштирок мекунад.

Ман ҳам фурсатро аз даст надода, Розибек Абдухолиқовро дар яке аз дарсҳоям, ки мавзуи «Афзоиши нашвии рустанӣ бо воситаи навда» буд, даъват кардам.

Дар оғоз, чун анъана аз хонандагон вазифаи хонагиро пурсида, дар бораи мавзуи нав «Афзоиши нашвии рустанӣ бо воситаи навда» маълумоти умумӣ додам. Сипас, ба толибилмон эълон кардам, ки дар дарси имрӯзаи мо яке аз мутахассисони варзидаю ботаҷрибаи диёрамон дар самти афзоиш додани растаниҳо бо усули пайвандкунӣ Розибек Абдухолиқов иштирок дорад ва ӯ мехоҳад, ки дар мавзуи имрӯза гузаштаи мо дар амал нозукиҳои афзоиш бо пайвандро ба шумо фаҳмонида, чӣ гуна гузаронидани пайвандкуниро нишон диҳад.

Пас аз муаррифӣ Р. Абдухолиқов бо асбобу анҷоми зарурии пайвандкунӣ: корд, болғача, теғча, фоначаи тахтагӣ, фоначаи оҳанӣ ва ресмон ба тахтаи синф баромад. Баъди салом додан ба хонандагон ӯ дар кадом ҳолат ва барои кадом кор истифода бурдани асбобу анҷомҳои овардаи худро як-як шарҳ дод. Баъдан таъкид намуд, ки ҳангоми гузаронидани корҳои пайвандкунӣ ба техникаи бехатарӣ диққати ҷиддӣ додан яке аз шартҳои асосии кор мебошад.

Барои боз ҳам шавқовар ва бомаврид гузаштани дарс мо ҳамроҳии хонандагон ба саҳни ҳавлии мактаб баромада, фаъолиятҳои пай-

вандкунии мутахассисро аз наздик, дар амал мушоҳида намудем.

Баъди нишон додани усулҳои пайвандкунӣ аз тарафи мутахассис ва марди поксиришту ботаҷриба, хонандагон, ҳамчунин, фаъолиятҳоро ичро намуданду ба саволҳои додаи худ ҷавобҳои мушаххас гирифтанд. Аз шарҳу баён ва амалан иҷрои корҳои Розибег Абдухолиқов маълум гашт, ки пайвандкунӣ кори нозук буда, маҳорат ва эҳтиёткории хосро тақозо мекардааст. Ҳар лаҳза ҳангоми кореро анҷом додан, Р. Абдухолиқов ба хонандагон нозукии пайвандкуниро мефаҳмонд ва таъкид менамуд, ки ба чуқурии кафиш дар такпайванд, баробарии пести такпайванд бо пайвандпест, интихоб ва омодакунии қаламча, дараҷаи маҳкамии бастани ҷойи пайванд ва чӣ тавр пӯшондани пайванд бо плёнка диққат ҷиддӣ бояд дод.

Пас аз кори амалӣ мо ҳамроҳи боғдори пуртаҷриба ба синфхона баргаштем ва байни мутахассис ва хонандагон мубодилаи афкор сурат гирифт. Дар рафти он боғдори соҳибтаҷриба ба саволҳои зиёди хонандагон дар бораи аҳаммияти пайванд дар ҳаёти одамон, усулҳои гуногуни пайвандкунӣ, нигоҳубини растании пайвандкардашуда ва бартарии маҳсулоти растаниҳои пайвандкардашударо ба иқтисодиёти ҳар як оила маълумоти муфид дод.

Мавсуф қайд кард, ки мақсад аз пайванд кардан баланд бардоштани маҳсулнокӣ, сифати меваву растаниҳо ва ба даст овардани фоидаи бештари иқтисодӣ аз меҳнат мебошад. Ӯ барои тақвияти суханонаш мисол овард, ки дар деҳаҳои мо анҷири маҳаллии навъи “Сурхак” васеъ паҳн шудааст, ки дар муқоиса маҳсулнокиаш паст ва солҳои охир дар бозор талаботаш кам мебошад. Арзиши як килои чунин навъи анҷир 10-15 сомониро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, анҷири навъи “Сафедак” бошад, маҳсулнокиаш ду маротиба баландтар буда, дар бозор серталаб мебошад ва як килои он аз 25 сомонӣ то 35 сомонӣ арзиш дорад. Агар мо корҳои пайвандкуниро дуруст ва сари вақт ба роҳ гузошта, анҷири “Сафедак”-ро ба анҷири “Сурхак” пайванд кунем, лаззат ва ҳосилнокии он боло рафта, бозоргузар мешавад. Бо ҳамин роҳ метавонем, ки ба иқтисодиёти оилаамон фоидаи калон биорем.

Дар поёни дарс хонандагон ба Розибек Абдухолиқов барои пешниҳоди усул ва нишон додани таҷрибаи баланди худ изҳори ташаккур намуда, ба ӯ як китоб тақдим намуданд. Баъдан ба талабагон супориш дода шуд, ки дар хона ҳамроҳи падару модар дар дарахтони наздиҳавлигии худ корҳои пайвандкуниро гузаронида, аз натиҷааш дар дарси оянда маълумот ва ё эссе нависанд.



Чунин шакли баргузории дарс барои шавқовар ва фарогирии ҳамаи хонандагон ба ҷараёни таълим, инкишоф додани қобилияти эҷодӣ ва касбии хонандагон мусоидат менамояд. Инчунин, дар хонандагон мустақилият, худифодакунӣ, маҳоратҳои худидоракунӣ, муошират кардан, муқоисакунӣ, таҳлилкунӣ ва баҳодиҳиро ташаккул медиҳад. Илова бар ин, ба хонандагон имкон медиҳад, ки дониши назариявии андӯхтаашонро дар амал татбиқ намоянд ва ба хонандагоне, ки дар интихоби касб ба мушкилиҳо дучор мешаванд, кумак расонад.

Ин таҷриба нишон дод, ки даъвати мутахассис (эксперт) ба дарс дар хонандагон на танҳо рушди донишҳои илмӣ-амалӣ, балки ба онҳо имкон медиҳад, ки мақсади мавзуъро беҳтар дарк намоянд ва дар оянда шахси меҳнатдӯсту нававар ба воя расанд. Бинобар ин, ба ҳамкорони худ тавсия медиҳам, ки аз ин усули таълими замонавӣ самаранок истифода баранд.

**Усули таълимӣ инҳо мебошанд:**

1. **Даъвати мутахассисони соҳа.**
2. **Мавҷуд будани тамоми шароит.**
3. **Аз наздик дидани кори мутахассис ва ҳамроҳи ӯ иҷро намудани корҳо барои пайдо намудан ва инкишоф додани салоҳиятҳои техникии хонандагон.**

**Мулловосӣ КАРИМОВ,**
**Одил НАЗАРОВ,**
**омӯзгорони химияи Литсейи №4**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

# ТАҶРИБАИ ЛАБОРАТОРӢ ҲАМЧУН МЕТОДИ МАХСУС ВА САМАРАНОКИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ



Иҷрои таҷрибаҳои лабораторӣ аз фанҳои химия ва физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёна имкон медиҳад, ки хонандагон ба омӯзиши ин фанҳо шавқ пайдо кунанд. Тавассути як таҷрибаи лабораторие, ки омӯзгор мегузаронад, дар зеҳни хонандагон нисбат ба фанни таълимӣ ва омӯзгори он меҳри хосса пайдо мешавад. Дар ин мақола назокати корҳои лабораториро манзур менамоем.

Таҷриба хусусиятҳои хос ва фарқкунанда дорад. Методи таҷриба се вазифаро иҷро мекунад: **таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ.**

Таҷрибаи химиявӣ вазифаҳои гуногуни тарбиявӣ (меҳнатӣ, иқтисодӣ, маданӣ, мантиқӣ, эстетикӣ, экологӣ ва ғайра) ва инкишоф (фикрронӣ, ҷаҳонбинӣ, эҳсосӣ, мустақилӣ ва ғайра)-ро иҷро мекунад. Дар раванди гузаронидани таҷрибаи химиявӣ дар баробари зиёд шудани саводнокии хонандагон, инчунин, баъзе мафҳумҳои асосӣ доир ба мавзуъ, ки ба иҷрои таҷриба алоқаманд мебошанд, инкишоф меёбанд. Дар вақти иҷрои таҷрибаи химиявӣ хонандагон бояд қоидаҳои техникаи бехатариро ҳатман риоя кунанд ва бояд бо миқдори ками модда кор кунанд. Пеш аз оғози таҷрибаи лабораторӣ аз ҷониби омӯзгор ба хонандагон доир ба риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ дастурамал фаҳмонида ва имзои онҳо дар дастурамали махсус қайд мешавад, зеро риояи нодурусти техникаи бехатарӣ метавонад оқибатҳои манфӣ ба бор орад. Таҷрибаи химиявӣ сарчашмаи маърифат ба ҳисоб рафта, вазифаҳои методӣ ва воситаи таълимӣ дорад.

1. **Вазифаи методӣ**. Ин вазифа дорои се шохаи дигар мебошад:

**- маърифати объектҳои химиявӣ;**

**- ҳалли проблемаҳои мактабӣ;**

**- санҷиши фарзияи мактабӣ.**

**2. Вазифаи воситаи таълим.** Ин вазифа низ дар навбати худ зербанд дорад:

**- тадкиқотӣ;**

**- мустаҳкамкунӣ;**

**- инкишофдиҳӣ;**

**- татбиқи дониш ва маҳорат;**

**- тасдиқи донишҳои ҳақиқӣ.**

Фанни химия, ки худ фанни таҷрибавист, тавассути таҷрибаҳо омӯзиши он шавқовар мегардад ва пурра омӯхтани он бе иҷрои таҷриба имконпазир нест. Чуноне кимиёшиноси асримиёнагии форсу тоҷик Ҷобир ибни Хайён (721 – 815) мегӯяд: “Агар ту хоҳӣ, кимиёгариро ёд гирӣ, бояд бештар корҳои таҷрибавӣ гузаронӣ”. Инчунин, олими рус М. В Ломоносов менависад: “Ман як таҷрибаро аз ҳазор мулоҳиза боло медонам”.

Дар рушд ва инкишофи илми химия саҳми олимони Машриқзамин ниҳоят бузург аст. Закариёи Розӣ дар баробари оне, ки падари химияи назариявӣ мебошад, дар самти таҷрибаҳои химиявӣ низ фаъолияти назаррас дорад. Маҳз ин фарзонафарзанди миллати тоҷик дар таърихи илми ҷаҳонӣ яке аз таъсисдиҳандаҳои аввалин лабораторияҳои химиявӣ ба ҳисоб меравад. Розӣ асбобҳоеро, ки дар озмоишгоҳи кимиёӣ истифода карда буд, тасвир кардааст, ки онҳо чунинанд: бута (тигел), комагирак (шипси), микроз (қайчӣ), сухон (сӯян), шишаи ғунҷоишӣ (колба), қиф, ҳован (ӯғурча), ҳаммоми обӣ, истакони кимиёӣ ва ғайра. Бута-зарфи гудозиш ва гарм кардани моводи гуногун мебошад.

Олими аврупоӣ Ҳ. Зингер дар бораи лабораторияи таъсисдодаи Закариёи Розӣ чунин менависад: “Лабораторияе, ки пас аз ҳазор сол дар Аврупо таъсис ёфт, аз лабораторияи таъсисдодаи Закариёи Розӣ чандон фарқе надошт”.

**Дар химияи мактабӣ чунин намуди таҷрибаҳо мавҷуд аст:**

**1. Таҷрибаи химиявии намоишӣ.**

**2. Таҷрибаи лабораторӣи химиявӣ.**

**3. Кори лабораторӣ.**

**4. Кори амалӣ.**

**5. Практикуми лабораторӣ.**

**6. Таҷрибаи химиявии хонагӣ.**

Таҷрибаи намоиширо худи муаллим иҷро мекунад. Дар кабинетҳои химия мизи махсусе дар бари мизи омӯзгор мавҷуд аст, ки он мизи намоишӣ ном дорад ва барои гузаронидани таҷрибаҳои намоишӣ пешбинӣ шудааст. Таҷрибаи намоишӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

**-фаҳмонидани моҳияти ҳодисаи химиявӣ;**

**-ба хонандагон нишон додани асбобҳое, ки барои гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ заруранд ва маълумот дар бораи ҳар яки онҳо;**

**-фаҳмонидани роҳҳои дурусти иҷрои корҳои озмоишӣ ва шиносоии хонандагон бо қоидаҳои техникаи бехатарӣ.**

Маҳз донистани қоидаҳои техникаи бехатарӣ яке аз омилҳои асосӣ барои гузаронидани корҳои озмоишӣ мебошад.

Талаботи таҷрибаи химиявии намоиширо бори аввал В.Н. Верховский муайян кардааст, ки онҳо чунинанд:

**- ҳама дида тавонанд;**

**- дастрас будани аёният;**

**- аз нигоҳи техникӣ дуруст иҷро кардан;**

**- бехатарӣ барои муаллим ва хонанда;**

**- методикаи муътадили таҷриба;**

**- эътимоднокӣ (бехатоӣ)**

**- фаҳмонидани моҳияти таҷриба;**

**- дурустии натиҷа;**

**- кӯтоҳмуддатӣ;**

**- техникаи одии иҷро;**

**- тайёрии пешакӣ барои гузаронидани озмоиш. Омӯзгор пеш аз иҷрои таҷрибаи химиявии намоишӣ бояд таҷрибаро якчанд маротиба худаш гузаронад ва вақти гузаронидани таҷрибаро ба ҳисоб гирад.**

Таҷрибаи намоишии химиявӣ имкон медиҳад, ки моҳияти ҳодисаи химиявӣ пурра омӯхта шавад. Таҷрибаи лабораторӣ имкон медиҳад, ки хосияти объектҳои алоҳидаи химиявӣ аз худ шавад, он гоҳ паҳлуҳои гуногуни кори лабораторӣ омӯхта мешавад.

## ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

Агар машғулияти амалӣ маҳорат ва малакаро инкишоф диҳад, практикум дониш ва маҳорати ҷамъбастӣ ҳосил мекунад. Озмоиши химиявии хонагӣ шавқу ҳаваси хонандагонро барои маълумотгирии фаъол зиёд мекунад.

**Таҷрибаи химиявӣ ду паҳлу дорад:**

**а) дидашаванда;**

**б) диданашаванда.**

Дар баъзе мавридҳо гузаронидани таҷриба ва фаҳмонидани он мушкил нест. Дар мавридҳои дигар гузаронидани таҷриба осон аст, аммо фаҳмонидани он душвориҳоро




пеш меорад. Дар мисоли таъсири кислотаи нитрат бо металлҳо, (гузаронидани таҷриба осон аст, аммо вобаста ба консентратсияи кислота ва фаъолнокии металл оксидҳои гуногун ҳосил мешаванд, ки шарҳ доданаш каме душвор аст) инро метавон мушоҳида кард.

**Дар расми зерин таҷзияи гидрооксокарбонати мис II (малахит) оварда шудааст.**

Барои таҷзияи малахит мо бояд қоидаи дуруст таҷзия кардани онро донем. Аввал бо найчаи озмоишӣ (пробирка)-и тозаи хушке, ки дорои найчаи газгузар аст, миқдори зарурии малахитро мегирем ва баъдан онро ба чангаки сепоя (штатив) ба таври уфуқӣ маҳкам мекунем. Сипас, дар найчаи озмоишии дигар маҳлули гидрооксиди калсийро гирифта, нӯги найчаро ба он мегӯтонем, баъдан бо чароғаки спиртӣ ҳамаи атрофи найчаи озмоишие, ки мо дар он малахитро гирифта будем, оҳиста-оҳиста гарм карда, сипас, қисмати малахит доштаро гарм мекунем. Баъд аз чанд лаҳза дар деворҳои найчаи озмоишӣ мо молекулаҳои обро мушоҳида менамоем ва дар пробиркае, ки дар он гидрооксиди калсий гирифта будем, хориҷшавии гази карбонатро мушоҳида мекунем. Гази карбонати ҳосилшуда бо гидрооксиди калсий ба реаксия дохил шуда, дар натиҷа, таҳшини сафед ҳосил мешавад, ки он аз мавҷуд будани карбонати калсий шаҳодат медиҳад. Баъд аз чанд лаҳзае таҳшини сафед пурра нест шуда, маҳлули мо беранг мегардад. Дар ин маврид ҳангоми зиёд ҳосил шудани гази карбонат бо маҳлули гидрооксиди калсий гидрокарбонати калсий ҳосил мешавад, ки он моддаи дар об ҳалшаванда мебошад.

**Савол:** Барои чӣ мо найчаи озмоиширо дар чангаки сепоя (штатив) ба таври уфуқӣ мегузорем?

**Ҷавоб:** Чунки ҳангоми гарм кардани малахит буғҳои об ҳосил мешавад, ки дар натиҷа, конденсатсия шуда, молекулаҳои обро ҳосил менамояд, ки дар реаксияи мо халал мерасонад. Ҳатто, дар натиҷаи гарм кардан эҳтимолияти кафидани найчаи озмоишӣ мавҷуд мебошад.

Хулоса, таҷриба дар омӯзиши фанни химия нақши калидӣ дорад ва барои дуруст омӯхтани ин фан хеле зарур аст. Пас, зарур аст, ки дар муассисаҳои таълимӣ, литсей, гимназия, коллеҷ ва донишгоҳҳои кишвар кабинетҳои химиявии муҷаҳҳаз бо асбобҳо ва реактивҳои химиявӣ боз ҳам бештар таъсис дода шавад, то ин ки ин фан ба таври амиқ омӯхта шавад.

**Адабиёт:**

1. У. Зубайдов, С. Холназаров. Методикаи таълими химия. - Душанбе, 2011.

2. Зубайдов У.З. ва дигарон. Корҳои амалӣ аз химия барои синфҳои 8-9. - Душанбе, 2002.

3. Р.Г Иванов. Урок химии в средней школе. - Москва, 1994.

4. Парменов К.Я. Химический экспримент в средней школе: - Москва, 1959.

**Акмал ЮСУФБЕКОВ,
мушовири Китобхонаи маркази
шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**

# ХУШУНАТ ДАР ОИЛА РУКУДИ ЗЕҲНИИ ФАРЗАНД АСТ...

Имрӯз масъалаи хушунат ва зӯроварӣ дар оила ба масъалаи ҳассоси ҷомеа ва то андозае ба доғи рӯз мубаддал шудааст. Хушунат ва зӯроварӣ омилҳои гуногун дошта, дар аксар маврид нофаҳмиҳо дар муҳити хонадон аз ҷониби ин ё он узви оила сар зада, ба носуботии хонаводаҳо, ҷудошавии оилаҳои ҷавон ва гоҳҳо шоҳид мешавем, ки ба аз ҳаёт маҳрум шудани одамон оварда мерасонад. Аз ҷумла, дар фазои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ борҳо хондаву дидаем, ки духтаре, зане, ҷавоне ва навҷавоне сӯиқасд ба ҷони худ ва ё наздикону ақрабояш кардааст ва агар масъаларо таҳлил намоем, маълум мешавад, ки решаи ҳар як норизоиятӣ ва ё сӯиқасд дар носуботии оилаҳо мебошад. Аммо даст ба ҷони худу наздикон задан роҳи наҷоту халосӣ буда наметавонад, баръакс, бояд ба дарку фаҳми наврасону ҷавонон расонид, ки чунин амалҳои ноҷоро набояд анҷом дод. Аз ин хотир, месазад, ки бунёди тарбияи хонаводагиро мустаҳкам кард ва аз хурдсолӣ насли ояндаро дар руҳияи зиндагидӯстӣ ва гиромидошти арзишҳои оилавӣ тарбия намуд ва насли калонсол бояд, пеш аз ҳама, маърифати оиладориро донанд ва фарзандонро дуруст ба камол расонанд ва доир ба ҳалли масоили оилавӣ худ намунаи ибрат бошанд.

Илова бар ин, зарур аст, ки фарзандонро аз хурдсолӣ ба дӯст доштани узви оила, шарофати зиндагии муштарак, баракати ҳамзистии иттифоқона ва оянданигарона бояд омода кард. Чун тарбия аз гоҳвора оғоз ва то охири умр идома меёбад, нахуст, дар оила, баъдан, дар кӯдакистону дабистонҳо онҳоро дар руҳияи эҳтироми калонсолону хурдсолон, истодагарӣ карда тавонистанро алайҳи мушкилоти зиндагӣ тарбия мебояд намуд.

Мусаллам аст, ки хурдсолон аз насли калонсол меомӯзанду ибрат мегиранд ва мекӯшанд, ки барои хеш роҳкору роҳбаре интихоб кунанд. Табиист, ки барои ҳар як фарзанд волидон намунаи волои пайравӣ-роҳбаладу зиндагияшон мебошанд.

Бинобар ин, ҳар кору рафтору гуфтори пайвандону наздикону атрофиён метавонанд, ки дар шуури тифл ва ё кӯдакон таъсиргузор бошанд ва ба чӣ гуна ба камол расидани фарзандон омил гардад. Чун нармгуфтор ҳастем, фарзандонамон ҳам ҳамин гуна камол меёбанд ва баръакс, чун дуруштмуомилаву хашмгин ҳастем, фарзандонамон ҳам ин гуна тарбия хоҳанд гирифт.

Ҳамзамон, олимони соҳаи равоншиносӣ ва муҳаққиқони соҳаи омӯзгорӣ (педагогика) собит кардаанд, ки хушунат дар муҳити хонавода тифлро ба рукуди зеҳнӣ бурда, генҳои омӯзишии онро маҳдуд карда, шуури ҳифозатӣ ё худмуҳофизатии кӯдаконро бештар мекунад. Яъне, тифл ба омӯзиш майл нишон намедиҳад, балки ҳамеша аз муҳит эҳсоси хатар мекунад. Ин ҳолат ба равони тифл таъсири ногувор дошта, ҷаҳонбинии иҷтимоӣ, маънавӣ ва ҳисси зебоипарастии ӯро маҳдуд месозад.

Бо дарназардошти дар руҳияи беҳтарин хислатҳои инсонӣ ба камол расонидани насли наврас, имрӯз дар кишвар қонунҳо, стратегияҳо ва консепсияҳо дар самти ҳифозат аз ҳуқуқҳои фарзанд таҳия ва қабул шуда, мавриди амал қарор доранд. Биноан, волидон, дар умум, ҳар як фарди ҷомеаро зарур аст, ки худро дар тарбияи насли навраси кишвар масъул шуморида, иқдомҳое рӯи даст бигиранд ва бори гарони тарбияро танҳо ба дӯши мактабу омӯзгорон вогузор накунанд.

Агар хоҳем, ки ҷомеаи мо пешрафтаву зиндагӣ хушу гуворо бошад ва ҳолатҳои нигаронкунандаи даст ба амалҳои номатлуб задан дар ҷомеа рух надиҳанд, се ниҳод - оила, мактаб ва ҷомеа байни ҳам муттаҳид бояд бошанд ва дар тарбияи насли ояндасози ҷомеа баробар саҳм гузоранд, зеро фарзанди солим оилаи солим аст, оилаи солим ҷомеаи солим аст ва ҷомеаи солим нуфузи миллат, давлат ва иқтидори давлати миллии тоҷикон мебошад.

**Шоҳзамон РАҲМОН,**
**профессор**

# ҶУСТУҶӮЙИ ОСОР ВА АШЪОРИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Оид ба эҷодиёт ва осори устод Рӯдакӣ аз замони зиндагонии ӯ то имрӯз миёни донишмандон баҳс зиёд давом дорад. Ҳусни таълифоташ ҳамеша мавриди суҳбат ва гуфтугӯйҳои зиёд қарор мегирифт. Баъзе нотавонбиноне, мисли Абузироа муқобили устод Рӯдакӣ эътироз карда, гуфта буд, ки ӯ ба кӯрии чашм давлати бисёр ёфт ё Хусравонӣ, ки "Ришу мӯйлаб ҳаме хизоб кунӣ", лекин қариб ҳамеша осори устод мавриди таърифу тавсиф буда, лаҳни суханаш «саҳли мумтанеъ» ва сабки сухани ӯ мақбули ҳамагон буд. Сабки навишти ӯ ва ҳамзамононашро хуросонӣ ё "сабки Рӯдакӣ" ном мегирифтанд.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ соҳибқирони шеъри замони худ буда, нахустин касе шуморида мешуд, ки назми форсии тоҷикиро ба авҷи инкишоф расонда буд. Ӯро ҳанӯз дар замонаш ҳамчун паямбари шеъру сухан мешинохтанд. Ӯ сардафтари адабиёти форсии тоҷикӣ буда, ба шеъри дарӣ маърифати ориёӣ, ҳиндию арабӣ бахшида, онро умумихалқӣ гардонид.

Одамушшуаро Рӯдакӣ дар назди шоҳону аҳли дарбор бо мавзуъҳои тозаи сиёсиву иҷтимоӣ, ошиқона, панду андарз, тавсифи абармардон, лаҳни ширину гуворо эътибори бештаре дошт.

Тазкиранависон осори Рӯдакиро «аз ҳад муҷовиз» номида, муҳаққиқи осори Рӯдакӣ Саид Нафисӣ миқдори зиёди ашъор доштану бо вай баробар шуда натавонистани ҳеҷ шоиреро дар давоми асрҳои миёна чунин қайд менамояд: «Ин идда дар зоҳир муболиға ба назар меояд… ба ҳеҷ ваҷҳ тардид нест. Зеро назми «Калила ва Димна» корест, ки аз тавонотарин шоир бармеояд. Пас, дур нест, ки Рӯдакӣ тавониста бошад шабонарӯзӣ 100 байт назм кунад ва пас аз чил соли давраи шоирӣ баъид наменамояд, ки як миллиону сесад ҳазор аз худ нагузорад ва беҳтарин далел ҳамон аст, ки Рӯдакӣ бо қатъу яқин гуфтааст» (1, 11, 575; Ниг.: 2, с.10). Ба қавли ин муаллиф, девони Рӯдакӣ беш аз 20 ҳазор байт, «Калила ва Димна» 18 ҳазор байт ва шаш ё 12 маснавӣ ҳар кадом 6-7 ҳазор байт доштааст. Муҳаққиқони осори Рӯдакӣ дар давраҳои гуногун миқдори осори устод Рӯдакиро бо рақамҳои гуногун ифода кардаанд:

**Асадии Тӯсӣ:**

**Шоир чу гузин Рӯдакӣ он, к-аш бувад ашъор,**
**Беш аз саду ҳаштод ҳазор аз дурру девон.**

**Рашидии Самарқандӣ:**

**Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ садҳазор,**
**Ҳам фузун ояд агар чунон ки бояд бишмарӣ.**

Муҳаммад Авфӣ: Ҳазор ҳазору 300 ҳазор байт; Абдураҳмони Ҷомӣ: сездаҳ раҳ садҳазор ва баробар ба 100 дафтар; Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ: 700 ҳазор байт; Саид Нафисӣ: 1 миллиону 300 ҳазор байт; Ҳаким Муҳаммадшоҳи Қазвинӣ: 300 ҳазор байт; Аълохон Афсаҳзод: 300-400 ҳазор байт ва ҳоказо.

Мутаассифона, то имрӯз аз осори безаволи устод Рӯдакӣ 1050 байт боқӣ мондааст. Осори Рӯдакиро Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» то соли 650 ҳазор ва Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» то соли 618 ҳазор мутадовил дониста бошанд, пас Ҳамдуллоҳӣ Муставфӣ дар «Таърихи гузида» аз соли 730 мутадовил набудани осорашро қайд менамояд. Маълум мешавад, ки ғасб шудани Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи туркони ғазнавию салчуқӣ, хунхорони Чингизу Темур боиси толону тороҷ шудани осори номбардорони илму адаб, аз ҷумла, Рӯдакӣ шудааст.

Донишмандон, хусусан, тазкиранависону муаррихон минбаъд ҳар чизи аз А. Рӯдакӣ дар ёд доштаашонро ҷамъ намуда, дар шакли китоб таҳия менамуданд ва ин кор аср ба аср давом мекард, вале шакли пурраи осори устод Рӯдакӣ кайҳо аз даст рафтааст. Гоҳ барои пурра кардани девони ашъори нобиғае чун Рӯдакӣ ӯро баъзе маврид бо Қатрону дигар шоирон меомезанд.

Мулоҳизаҳо дар атрофи аз байн рафтани осори Рӯдакӣ хеле зиёд мебошанд. Ҳанӯз дар қайди ҳаёт буд, душманони ғоявиаш охирҳои умр ӯро ҳамчун қарматӣ кӯр карда, дороӣ ва

ҳамаи мероси адабиашро толону тороҷ ва ба нестӣ расонда буданд. Ба мулоҳизаи А. Афсаҳзод сӯзондану маҳв гардонидани осори қарматиён ҳанӯз дар замони Ғазнавиёну Салчуқиён давом менамуд (1,190). Сӯзонидани Китобхонаи Сомониён ва харобкориҳои муғулон сабаби дигари аз байн рафтани осори безаволи Рӯдакӣ мегардид. Сипас, аз байн рафтани Давлати Сомониён ва ба дасти турку муғулу манғит расидани ин давлат ва ба раъйи хилофату ислом фаъолият карданашон тадриҷан намунаҳои осори пешин, ки анъанаҳои чандҳазорсоларо тарғиб менамуданд, ба дасти ҳукуматдорони нав рӯ ба завол мениҳоданд..

Амрияздон Алимардонов дар мақолаи «Рӯдакӣ аз назари донишмандони Ҳинд» мақому мартабаи А. Рӯдакиро ҳамчун шоири закитабъ дар Ҳиндустон хеле хуб нишон медиҳад. Ӯ аввал бо як идда адибону олимоне, ки пас аз Рӯдакӣ умр ба сар бурда, дар бораи ӯ суханҳои босазо навиштаанд, мисли Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Муҳаммад Авфии Бухорой, баъд дар рикоби Султон Маҳмуду Султон Масъуд то Ҳиндустон рафтану дар он ҷо мустаҳкам кардани забони форсии тоҷикӣ ва машҳур гардонидани Рӯдакӣ дар ин минтақа сухан меронад. Ё аз шоирони мулки Ҳинд Масъуди Саъди Салмон ва Абулфайзи Файзӣ, ки дар замони Акбар маликушшуаро буда, дар навиштаҳояш аз ашъори Рӯдакӣ намуна оварда ва дар фахрияҳо доди сухан додани Рӯдакиро зикр мекунанд.

Ҳар чизе, ки адибону донишмандон дар даврaҳои мухталиф гуфтаанд, бо вуҷуди мухтасар навишта шуданашон барои муҳаққиқони осори Рӯдакӣ неъмати арзанда мебошанд. Маҳз суханони чунин қаламкашон буданд, ки ҳаёту эҷодиёти устод Рӯдакӣ ва фаъолияти адабии ӯ аз қабати асрҳо то имрӯз расида, чеҳраи адабию фаъолияти эҷодиашро хеле хуб намудор менамоянд.

А. Алимардонов аз намунаҳои зиёди тазкиpaву асарҳои илмӣ дар Ҳиндустон ёд мекунад, ки бисёре аз онҳо барои хонандагони тоҷик то ҳанӯз маълум набуда, маълумоти дар бораи Рӯдакӣ чун гавҳарҳои нуҳуфта имрӯз барои аҳли илму адаб, тобишу ҷилваҳои тоза доранд. Вай аз мулоҳизаҳои муаллифони «Лубоб-ул-албоб» (1221, Муҳаммад Авфӣ), «Иёри дониш» (1587, Абулфазли Муборак) «Ҳафт иқлим» (а.16, Амин Аҳмади Розӣ) ва бисёри дигарон ҷавҳарҳоеро чида, манзури хонандагон мегардонад, ки дар равшан гардонидани чеҳраи устод Рӯдакӣ ва паҳлуҳои нозуки эҷодиёти ӯ муфид мебошанд. Дар байни ин асарҳо «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ аз овози хушу савти дилкаш доштани Рӯдакӣ, аз суханони дар ситоиши ӯ гуфтаи шоирони ҳамзамону пасомад ҳамчун Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Маъруфи Балхӣ, Рашидии Самарқандӣ, Унсурӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, девони ашъораш замоне "аз ҳад мутаҷовиз буда, вале акнун бинобар ҳукми калат аз ёқути асфар ва кибрити аҳмар азизтар" будани ашъори боқимонда мулоҳиза ронда, дар бораи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» муфассал андеша меронад. Ин муаллиф тибқи сухани А. Мирзоев пеш аз Рӯдакӣ девон доштани дигар шоирон ва аз ҳаким будани Рӯдакӣ мулоҳизаи Манучеҳриро ёд меорад:

**Аз ҳакимони Хуросон, ку Шаҳиду Рӯдакӣ?**
**Бушакури Балхиву Булфатҳи Бустӣ ҳоказо.**
**Рӯзгоре, к-он ҳакимону сухангӯён буданд,**
**Буд ҳар якро ба шеъри нағз гуфтан иштиҳо.**

Шеърхони Лудӣ (Шералихон ибни Алиаҳмадхони Лудӣ) аз надими маҷлиси Наср ибни Аҳмад (913-943) будани Рӯдакӣ, дар замони ӯ навиштани «Калила ва Димна» ва инъомҳои гарон гирифтанаш, миқдори ашъорашро 13 лак гуфта бошад, Мирҳусайндӯсти Санбҳалӣ миқдори ашъорашро «лак байти мубайян» меномад. Ба андешаи Ҳусайнқулихони Азимободӣ Рӯдакӣ Хизри ҷодаи суханварӣ, ғаввоси маъниёб, ҷамеи фозилону комилони ҷаҳон ба устодии вай муътақиду қоиланд, Арастунажод, ҳеҷ шоиреро он мартабаву ҳашмат муяссар нагашта, миқдори ашъорашро ҳанӯз сад дафтар ё 1328 байт донистааст... Хулоса, Рӯдакӣ аз асри 11 то охири асри 19 дар Ҳинд аз шоирони олирутба шинохта шуда, аз ашъораш дар мавридҳои зарурӣ истифода менамуданд.

Аз соли 1873 инҷониб, бо ташаббуси меросбарони Рӯдакии Панҷрӯдӣ ва аврупоиён ҷустуҷӯйи ашъори устоди бузурги сухан ва таҳлили эҷодиёташ оғоз шуда, кам-кам намунаҳо бо мулоҳизоти тоза пайдо шудан мегиранд. Ҳермон Эте аз 24 маъхаз 52 пора-242 байт ашъори Рӯдакиро пайдо намуда, ба забони олмонӣ тарҷума кардааст. Павл Ҳорн ба миқдори боло 18 байт илова менамояд. Денисон Росс соли 1924 хонандагонро огоҳ намуд, ки як қисм ашъори Қатрон ба номи Рӯдакӣ гузаштааст. Дар ҷамъоварии ашъори ин нобиғаи сухан хидмати устод Айнӣ низ калон мебошад. Ӯ дар

асоси «Оташкада»-и Озар, «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ, махсусан, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ шеърҳои зиёди Рӯдакиро пайдо намуда, соли 1940 рисолае бо номи «Устод Рӯдакӣ» чоп намуд. Ҳанӯз соли 1956 шуъбаи шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон дар ҳайати шаш нафар: Баҳром Сирус, Камол Айнӣ, Расул Ҳодизода, Михаил Занд, С. Тоҷиддинов ва бо раҳбарии А. Мирзоев гурӯҳи корӣ ташкил намуда, захираи дастхатҳои шарқшиносии китобхонаҳои Ленинград, Тбилисӣ, Ереван, Боку, Алмаато, Тошканд, Бухоро, Сталинободро тафтиш карда, ҳар байти аз Рӯдакӣ буда ва аз рисолаҳои назарии «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммади Родуёнӣ, луғати «Донишномаи Қадархон», «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ, «Фарҳангнома»-и Ҳусайни Вафоӣ миқдори шеърҳои тоза пайдо намуда буданд. С. Нафисӣ аз ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ бохабар шуда, шеърҳои тоза ёфтаашро ба дасти устод М. Турсунзода ба ҳайати корӣ фиристода буд. Хулоса, ҳамон вакт 920 байт (1840 мисраъ) ашъори Рӯдакиро дар шакли китобҳои алоҳида ба хонандагон расонида, аҳли ҷамоати ҷумҳурӣ ва берун аз он ҷашни ёдбуди устодро бо тантана қайд кардаанд.

Пас аз ҷашни шукӯҳманди устод Рӯдакӣ (соли 1958) ҷустуҷӯйи ашъори устод Рӯдакӣ боз ҷиддитар давом кард. Аҳмад Абдуллоев 5 байти тоза, З. Ворожайкина 5 қитъа дар ҳаҷми 21 байт, Асрори Раҳмонфар 18 байт ашъори тозаи ӯро пайдо намудаанд (1, 194), лекин муҳаққиқон ҳамеша ба ҷуз ашъори пароканда дар пайи пайдо намудани девони шоир низ буданд. Наход аз ҳафтсаду ҳаштсад ҳазор ё як миллиону сесад ҳазор байт дар олами форсизабон ва берун аз он ин орзу амалӣ нагардад? - фикр доштанд пажуҳишгарон. Ин чӣ миллатест, ки осори бузургтарин шахсияти миллиро аз ғосибон ҳифз карда натавонистааст! Ин андеша аз сари бисёр муҳаққиқони осори устод Рӯдакӣ, махсусан, кормандони эҷодиёти Рӯдакӣ ҳеҷ дур намерафт. Агар С. Нафисиву устод С. Айнӣ ашъори Рӯдакиро аз миёни осори хаттиву қаламӣ пайдо кардаанд, А. Мирзоев ҳам тамоми китобхонаҳои Иттиҳоди Шуравиро давр задаву кофта, ашъор бар осори Рӯдакӣ зам менамуд.

Мардуми тоҷику форс аз он рӯзе, ки худрову Рӯдакиро шинохтанд, ин орзуро дар дил ва дар ақлу ҳуш мепарваранд, ки рӯзе пайдо кардани девону ашъори мукаммали Рӯдакӣ муяссар мегардад. Тоҷикон бо чунин умеду орзу ҳамеша дар пайи ҷустуҷӯйи ашъору осори устод Рӯдакӣ мебошанд. Баъзан овозаҳое пайдо мешуданд, ки девони Рӯдакиро дар Тошканду Теҳрон ё кишвари Ҳинд пайдо кардаанд, лекин баъд мебинем, ки онҳо ашъори номукаммали омехта бо моли дигар шоирон мебошанд.

Соли 1945 олими араб Асъад Талас дар маҷаллаи “Димишқ” (1945, №1-3) мақолае чоп карда, аз мавҷуд будани нусхаҳои хаттии китобҳои Рӯдакӣ - «Тоҷ-ул-масодир» ва «Ассомӣ фи-л-асомӣ» хабар додааст (5, 34). Ин хабар дар дили тоҷикон шӯру шавқ бедор кард, вале бинобар ба сухани шифоҳии А. Мухторов гӯё М. Занд хабар дода бошад, ки дар китобхонаҳои Фаластин чунин нусхаҳо вуҷуд доранд (4, 189).

Ҳоло дар назди муҳаққиқони тоҷик чунин масъалае меистод, ки бо кишварҳои дуру наздик робита афзун намуда, ганҷинаҳои маънавии халқу миллатҳои дунёро тагурӯ бикобанд. Дар ин масъала аввал кор ба Ҳиндустон пайдо шуд. Аз аввали солҳои 60-ум як гурӯҳ олимони тоҷик ба ин кишвари бо мо дӯсти ориёӣ рафта, хазинаҳои доштаашонро дида, воқеан, ба хулосае омадаанд, ки дар ин кишвар дар муддати беш аз ҳазор сол молу маводи форсии тоҷикӣ хеле зиёд ҷамъ шудааст. Дар Ҳиндустон ганҷинаҳое хобидаанд, ки ҳазорҳо сол даст нарасондаанд ва аз он ҷо бисёр мавод пайдо кардан мумкин аст.

Дар замони ҳукумати Шуравӣ ба хориҷи кишвар сафар кардани коргарони илм душвор буд. Аз рӯйи сухани устод Аҳрор Мухторов, ҳатто, моҳу солҳо интизор шуда, ба мақсад расида наметавонистем. Устод Бобоҷон Ғафуров ҳанӯз соли 1964 аввалин сафарро дар ҳайати худашон бо А. Мирзоев, К. Айнӣ ва А. Мухторов баргузор карда, минбаъд бо шахсони бонуфузи Ҳиндустон ошно шуда, ин орзуро тез-тез ҷомаи амал мепӯшонданд. Ҳамзамон, олимони тоҷик Р. Ҳодизода, А. Маниёзов дар ҷустуҷӯйи девон шуда, ба ин кор худро омода менамуданд (4, 112). Манбаъҳои қадимии хаттию қаламиро варақгардон намуда, дар бораи Рӯдакӣ боз бештар фикр мекарданд.

Аҳрор Мухторов яке аз муаррихони номии Тоҷикистон ба масъалаҳои мухталифи таърихи асрҳои миёна, ҳуҷҷату ёдгориҳои эпиграфӣ таҳқиқот бурдааст. Ӯ умрашро дар пайдо намудани осори гузаштагон бахшидааст. Бинобар ин, зарур донистааст, ки ба мамолики ҳамсояву дур роҳхат гирифта, муддатҳо ганҷинаҳои

маҳфузмондаи ҳиндро омӯзад. Дар чунин фурсат як гӯшаи фикраш ба омӯхтани осори илмию адабӣ, хусусан, осори Рӯдакӣ банд будааст. Вай хеле аз адибони гумном ё камомӯхташудаdevice, мисли Дилшоди Барно пайдо намуда, дар борааш рисолаҳои ҷудогона навиштааст.

Тоҷикон ҳамчун мардуми ориёӣ бо ҳиндувон сахт пайвандӣ доранд. Қариб ҳазор сол забони форсии тоҷикӣ забони дувуми ин мардум шинохта мешавад. Мардум дар рӯзҳои душвори даҳшатовар бештар худро ба диёри ҳинди ҳамсоя кашида, дар паноҳи онҳо зиндагонӣ мекарданд ва аз худ осори зиёд боқӣ гузоштаанд.

А. Мухторов ҳашт дафъа ба ин кишвари пурасрор сафар намуда, ба ҷуз масъалаҳои таърихиву конференсияҳои илмӣ як гӯшаи хотирашон ба масъалаҳои адабиву илмӣ ва махсусан, ёфтани девони устод Рӯдакӣ банд будааст, зеро А. Тоҳирҷонов ҳанӯз солҳои аввали шастум ковишҳову ҷустуҷӯҳои ин олимро дар Панҷакент, таърихи Балх дида, ба яке аз ҳамкоронаш Александр Белиницкий гуфта будааст, ки «ман чунин пиндорам, ки А. Мухторов оқибат девони Рӯдакиро ҳам пайдо мекунад» (4, 111) ва ӯ аз ҳамон вакт то вопасин солҳои умри худ дар ҷустуҷӯйи девони Рӯдакӣ фаъолият кардааст. Вай дар Ҳиндустон манбаъҳои зиёди илмиву адабии, воқеан, бесоҳибро дида, пурра бовар ҳосил менамуд, ки ҳатман девони Рӯдакиро аз миёни кӯҳи китобҳои хаттӣ пайдо менамояд, бинобар ин, боз бо шавқ ҷустуҷӯ менамуд.

Устод нахустин коре, ки нисбат ба эҷодиёти Рӯдакӣ кард, аз як китоби шогирдаш тухфакарда се байт аз ашъори шоирро ёфт ва орзу менамуд, ки минбаъд боз шеърҳои номаълумашро пайдо кардан мегирад. Аз байни силсилаи шоирони мовароуннаҳрӣ шеърҳои Рӯдакиро пайдо намуда, рӯбардор мекард. Дар натиҷа, ҳар бори ҷамъоварии ашъори Рӯдакӣ ва муқоисаашон бо ашъори мавҷуд буда, маълум мешуд, ки шеърҳои шоирро хеле зиёд пайдо кардааст. Боре як қисме аз онҳоро аз назари муҳаққиқи эҷодиёти Рӯдакӣ Садрӣ Саъдиев гузаронда, аз 302 мисраъ 34 мисраъ шеъри тозаи Рӯдакиро пайдо кардааст. Ин кор ӯро ҳавасманд менамуд, ки бештар аз пайи ҷустуҷӯйи осори Рӯдакӣ шавад.

Дар Банғола, ки мардумонаш ба ин забон ҳанӯз дуруст сухан гуфта наметавонистанд, лекин ашъори Рӯдакиро фаромӯш накарда, хусусан, қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-ро қариб ҳама аз ёд мехондаанд, бо тазкираи Волаи Доғистонӣ «Риёз-уш-шуаро» ва китоби «Маҷмуаи ашъор» ошно шуда, боз 122 байту 1 мисраъ ашъори Рӯдакиро пайдо менамояд, ки аз ин миқдор 75 байту 1 мисраъ дар чопҳои маълумии шоир дида нашуда буданд (4, 88).

Дар «Фарҳанги Қаввос» 60 байт ёфтааст, ки дар миёни шеърҳои маъмул вуҷуд дошта бошанд ҳам, дар онҳо тағйироти зиёди калимаву ибора ва мисраъҳоро дучор меоем. Бинобар ин, миқдори зиёди ашъори ёфтаашро аз ҷиҳати вариантнокӣ муҳимму зарур мешуморид.

Рӯдакӣ, чунонки мебинем, дар ин мамлакати пурасрор ҷойгоҳи арзанда дошта, дар бисёр осори қаламӣ мавкеи муҳим доштааст. Ҳатто дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Балгиромӣ навиштаанд, ки «амир Наср бинни Нуҳи Сомонӣ ӯро тарбият кард. Ба фармудаи амир «Калила ва Димна»-ро ба назм оварда, чиҳил ҳазор дирам сила ёфта. Гӯянд, чоқаш (мақомаш) ба ҷойе расидааст, ки дувист ғуломи зархарид дар рикоби ӯ мерафтанд, чаҳорсад уштур аҷмол ва ақсоми ӯ мекашиданд. Баъд аз ӯ ҳеҷ шоирро он қадар мукнат даст надода» (Ниг.: 4,86).

А. Мухторов, воқеан, дар ин кишвар борҳо, гаштаву баргашта сафар карда, корҳои зиёди илмиву адабӣ анҷом дода, асарҳое мисли «Дурдонаҳои маданияти тоҷикон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон» (1984), «Мероси ниёгон» (1998) ва «Рӯдакӣ ва мероси ӯ» (2008)-ро таҳия карда, хидматҳои бесобиқа анҷом додааст. Чангу ғубори осори асрҳо хобидаву кирмхӯрдаро нафас кашида, чашм давондаву бо умед ҷустуҷӯ намуда, бо зӯри ақлу идрок, бо эҳсос нангу номус ба ҷо оварда, агарчи девонро наёфтааст, вале шеърҳои зиёди асрҳои дароз дар ганҷинаҳо хобидаи шоирони форсу тоҷик, махсусан, шеърҳои устод Рӯдакиро пайдо намудааст, ки дар таҳлилу такмил гирифтани осори устод саҳми муносиб пайдо менамоянд.

**Адабиёт:**

1. Афсаҳзод А. Одамушшуаро Рӯдакӣ. Душанбе: Адиб, 2003. -304 с.
2. Мардонӣ Т. Рӯдакӣ ва адабиёти араб. Душанбе: Ирфон, 2010. -128 с
3. Мирзоев А. Осори Рӯдакӣ. Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958.
4. Мухторов А. Рӯдакӣ ва мероси ӯ. Душанбе: Дониш, 2008.
5. Нафисӣ. Аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ. Ҷ. 1-3. Теҳрон, ч. 2, 1310.

**Солеҳ ЮСУФОВ,**
**мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзноманигор**

# МАҶЛИСИ ПАДАРУ МОДАРОН ВА РУШДИ ҲАМКОРИИ ОМӮЗГОР БО ВОЛИДОН



Ҷамъомадҳои омӯзишӣ бо мақсади рушди дониши равоншиносии хонандагону волидонро метавон бо ҳар шакл баргузор ва зимни он, дар баробари мавзуъҳои рушди психологӣ, дигар масъалаҳои вобаста ба ахлоқи хонандагонро баррасӣ кард. Яке аз чунин ҷамъомадҳо гузаронидани маҷлиси падару модарони хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо мебошад. Вобаста ба ин ва дигар масъалаҳо, ба монанди: ҷанбаҳои тарбияи психологии хонандагон, "Соли маърифати ҳуқуқӣ" ва фарҳанги дурусти истифодаи телефонҳои мобилӣ чанде пеш дар мактаби №15-и ноҳияи Восеи вилояти Хатлон як суҳбати тарбиявӣ бо иштироки мутахассисони соҳаи маориф, омӯзгорони соҳибтаҷриба ва дигарон баргузор гардид, ки ба таълиму тарбия, ахлоқу рафтори хонандагон ва пешниҳоди тавсияҳои дуруст барои инкишофи равонии хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Дар робита ба мавзуи аввали рӯзномаи маҷлис, равоншиноси муассисаи таълимӣ М. Сафарова андешаҳояшро баён дошта, тавзеҳ дод, ки тарбияи фарзанд як раванди масъулиятнок буда, аз волидон таҳаммул, муҳаббат ва таваҷҷуҳи зиёдро талаб мекунад. Ба ҳамаи шумо-иштирокдорони азиз равшан аст, ки падару модар тарбиятгари асосии кӯдак мебошад. Аз лаҳзаи таваллуд дар ҳаёти кӯдакон волидон дар парваришу инкишофи ӯ нақши калидиро мебозанд. Бемуҳобот, падару модар нахустин мураббӣ ва омӯзгоре ҳастанд, ки арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва маҳорати ӯро оҳиста-оҳиста ташаккул медиҳанд. Кӯдакон рафтори волидони худро мушоҳида карда, кам-кам ба он тақлид мекунанд, аз ин рӯ, барои онҳо намуна будан хеле муҳим аст.

Дар ҳамин давра ва марҳилаҳои баъдӣ низ муошират асоси тарбия ба ҳисоб меравад. Муошират баландсифату хуби падару модар ва фарзандон асоси тарбияи бомуваффақакият аст. Бинобар ин, волидон аз давраи кӯдакӣ ба гӯш кардану фаҳмидани фарзандони худ бояд одат кунанд, ба ҳар чӣ онҳо мехоҳанд, таваҷҷуҳ дошта бошанд ва дар доираи шароити хонавода хостаҳояшонро агар лозим ва

мусбат бошад, ба ҳадди тавон иҷро кунанд. Агар хостаи фарзанд камаҳаммият бошад, бо сухани нарм ба фарзанд фаҳмонанд. Дар ин маврид бо ҳам ошкор суҳбат кардан ва ба ҳамдигар эътимод доштан беҳтар аз он аст, ки бо як сухани дурушт хоҳиши фарзандро рад созему ҳам дили ӯ ва ҳам худро ранҷонем. Дар ин ҳолат сухани шаффоф бовариро байни волидон ва фарзанд мустаҳкам месозад. Бояд эътибор дод, ки фарзандони мо, аз хурдсолӣ сар карда, барои ташаккули муколама омода шаванд ва ин хислат ба давраи фаъолияти таҳсилоти ҳамагонӣ бештар мусоидат мекунад. Дар марҳилаи ибтидоии таҳсил муваффақиятҳои инфиродии кӯдак бори аввал маънии иҷтимоӣ пайдо мекунанд, бинобар ин, яке аз вазифаҳои асосии таълим дар ин давра фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули қобилияти коммуникатсионӣ, ҳавасмандӣ барои комёбӣ, ташаббус ва мустақилияти фарзанди мактабхон мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат, алоқаи наздики волидайн ва муассисаи таълимӣ масъулияти хонандагону омӯзгорон ва ҳам оиларо зиёд мекунад. Мушоҳидаҳои рафтори чи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва чи синфҳои болоӣ нишон медиҳад, ки сатҳи инкишофи бисёрии онҳо бо салоҳияти воқеии муошират аз он чизе, ки мехоҳанд, фарқ мекунад. Роҳҳои муваффақ гардидан дар фаъолияти барқарорсозии муносибат бо атрофиён ба таври кофӣ аз ҷониби психологияи таълимӣ таҳия шудааст. Бинобар ин, фаъолиятҳои таълимии умумӣ, қобилияти омӯзиш, яъне, қобилияти шахсро, ҳамзамон, бо шиносоӣ ва азхудкунии таҷрибаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мактаб беҳтар мекунад.

Ҳамчун платформаи психологӣ ва педагогии амалҳои таълимии умумӣ рушди шахсиятро дар системаи маориф баррасӣ кардан, мумкин аст, ки он, пеш аз ҳама, бо ташаккули амалҳои вобаста ба давраи таҳсилоти умумӣ таъмин шуда, асоси раванди таълиму тарбия мебошад.

Баъд аз тавзеҳоти равоншиноси муассиса, дар доираи ин мавзӯъ бо иштирокдорон табодули назар шуд, ки ба суди ҳамаи ширкаткунандагон буд.

Дар идомаи нишасти машваратӣ бо волидон доир ба “Натиҷаи ҷамъбасти чоряки 1-ум дар соли хониши 2024-2025” роҳбари Созмони хонандагон Толиб Бобиев баромад кард, ки ӯ низ мулоҳизаҳояшро бо талаботи илмҳои педагогикаю психология алоқаманд намуда, оид ба ҳолати иштироки хонандагон дар дарсҳо, азхудкунии мавзуъҳои таълимӣ маълумот дод.

Номбурда таъкид кард, ки “аксари хонандагоне, ки давомот ва азхудкунии хуби фанҳои таълимиро доранд, тартибу интизоми мактабиро ҳам риоя мекунанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо дигар хонандагонро паст мезада бошем, баръакс ҳадафи мо ин аст, ки чун соли нави хониш акнун сар шудаю фақат як чоряки таҳсил гузаштааст, мехоҳем бо ёрии падару модарон сатҳи давомнокиро дар байни тамоми хонандагон беҳтар созем ва натиҷаи донишомӯзии аксарияти шогирдонро дар чоряки дуюм барои ҳама беҳтар намоем. Барои ин гузаронидани маҷлиси падару модарон мавқеи асосиро мебозад, чунки бо ин роҳ робитаи оила бо мактаб бештар мегардад. Дигар ин ки падару модарон аз таҳсили фарзандони худ ҳамеша огоҳ гашта, назорати таълиму тарбия ва саводомӯзии онҳоро зери назорат мегирад.

Таъкид карда шуд, ки яке аз роҳҳои тарбияи ахлоқии фарзанд, ин намунаи ибрат будани худи бузургсолон аст. Сухани нарм ва дар баъзе ҳолатҳо танбеҳи сабук аз воситаҳое мебошад, ки муҳиту муносибати тарбиявӣ ва омӯзандаро барои хурдсолон эҷод мекунад. Сухани таҳқиромез ва бад, худ як василаи одат кунонидани мағзу ҳуши наврасон ба шунидани баёни чунин ҳарфҳо нисбат ба дигарон хоҳад буд.

Т. Азимов, ҷонишини директор оид ба корҳои тарбия дар мавзуи эълон шудани соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ” сухан гуфта, муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”-ро ба иштирокдорон, хусусан, падару модарон шарҳ дод. Ӯ дар идома оид ба камбудиҳое, ки аз тарафи хонандагон содир гардида буд, изҳори назар карда, пешниҳоду тавсияҳои худро барои падару модароне,

ки дар ҳамоиш иштирок доштанд, расонида, доир ба баъзе камбудиҳои ҳуқуқиро барои суҳбатҳои инфиродӣ гузошт. Аз нигоҳи илми равоншиносӣ ҳам ин як амали дуруст маҳсуб меёбад.

Дар идомаи маҷлис ба падару модарон оид ба масъалаи фарҳанги дурусти истифода бурдани телефонҳои мобилӣ аз тарафи хонандагон матраҳ гардид. Т. Бобиев, омӯзгор зимни суханронии худ бо таассуф иброз дошт, ки баъзе аз хонандагон ба ҷойи китоб хондану вазифаи хонагиро иҷро кардан, дар кӯча соатҳои дароз паси телефонҳои мобилӣ нишаста, вақтро беҳуда мегузаронанд. Ӯ таъкид намуд, ки рафти санҷиши хона ба хона нишон дод, ки қисми зиёди хонандагон то ба имрӯз аз лавозимоти хониш маҳрум ҳастанд. Мутаассифона, дар ҳар як хона 1 то 3 телефони мобилӣ мавҷуд аст, ки ҳар кадом аз 1000 то чанд ҳазор сомонӣ арзиш доранд, аммо волидони мухтарами мо лавозимоте, ки хонанда барои аз худ кардани илму дониш зарур аст, таъмин намекунанд, ҳарчанд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” дар бораи таъмини хонандагон бо лавозимоти хониш аз сӯйи волидон ва ҳам оид ба манъи овардани телефонҳои мобилӣ ба мактаб таъкид ва моддаҳои 21,26,51 ба ин масъала бахшида шудааст. Ғайр аз ин, Тоҷикистон ягона кишваре нест, ки доир ба паёмадҳои ногувори истифодаи телефонҳои мобилӣ бонги хатар мезанад, балки дар давлатҳои пешрафтаи дунё ҳам кайҳост, ки оид ба манъи истифодаи телефонҳои мобилӣ дар муассисаҳои таълимӣ тасмими мушаххас гирифтаанд. Масалан, Франсия, Испания, Италия, Португалия, Финляндия, Россия, Британия Кабир ба таври қатъӣ истифодаи чунин дастгоҳҳоро дар рафти таълим манъ кардаанд. Равоншиносон ва олимони сатҳи ҷаҳонӣ аз зарар доштани телефонҳои мобилӣ ба кӯдакону наврасон ҳушдор дода, бо такя ба хулосаи таҳқиқотҳои худ шаклҳои зиёни онро муайян кардаанд. Маълум мешавад, ки ин воситаи ба назари мо безарару фоиданок ҳангоми истифодаи бенизом зиёнҳо ҳам доштааст. Аз ҷумла, боиси вайроншавии хотира, паст шудани шунавоӣ ва биноӣ, вайроншавии системаи дилу рагҳо, системаи хоб, паст шудани муқовимат бо бактерияҳо, бадмуомилагӣ, зуд-зуд асабонӣ шудан, фаромӯшхотирӣ, даст кашидан аз хондан барин ҳолатҳои манфии равонӣ мегардидааст.

Дар ин робита, ба падару модарон тавсия дода шуд, ки вақте ба фарзандонашон иҷозати гирифтану ба мактаб бурдани телефонҳои ҳамроҳро медиҳанд, ба ин паҳлуи масъала ҳам эътибор диҳанд. Ё вақте омӯзгорон дар муассисаи таълимӣ истифодаи телефонро барои хонандагон маҳдуд месозанд, зарурати ин иқдоми омӯзгорону мураббиёнро онҳо ҳам дуруст дарк намоянд.

Ҳангоми баргузор кардани чунин ҷамъомадҳо ҳавасмандгардониро ҳам масъулони муассисаҳои таълимӣ бояд аз ёд набароранд. Дар маҷлиси муассисаи мо ҳам, ки қариб 500 нафар иштирок карданд, чанде аз волидайни хонандагоне, ки интизоми намунавӣ дошта, чоряки якумро бо баҳои хубу аъло ҷамъбаст намуданд, бо ифтихорномаҳо мукофотонида шуданд.

Дар поёни ҷамъомад, инчунин, ёдоварӣ гардид, ки барои ҷалби хонандагон ба омӯзиш аз дастоварду имконоти мавҷуда лозим аст, ки ҷиҳати аз бар кардани донишу технологияҳои муосир волидон дар хона ва омӯзгорон дар мактаб маҳорату малакаҳои касбии худро такмил диҳанд. Омӯзгори имрӯз бояд раванди таълимро бо дарназардошти хусусиятҳои зеҳнӣ ва равонии шогирдон роҳандозӣ карда тавонад ва падару модарон ҳам вақти санҷиши вазифаҳои хонагӣ назди фарзандон босаводии худро нишон дода, дар хиҷолат намонад. Зеро ҷалби хонандагон ба таълим ва дар дили онҳо бедор намудани шавқу рағбат ба донишандӯзӣ ҳам ба эътибору дониши волидон ва ҳам ба дониш, маҳорат ва малакаи омӯзгорон бениҳоят вобаста аст. Падару модарон дар баробари омӯзгор масъулияти тарбияи насли нав ва ояндасозони ҷомеаро бар ӯҳда доранд.

Бо чунин равиш суҳбатҳо бо падару модарон метавонад онҳоро дар раванди таълими фарзанд бевосита шарик созад ва фарзандро дар руҳияи илмдӯстӣ, қонунпарварӣ ва худшиносию хештаншиносӣ тарбия созанд.

**Илёсиддин НАБИЕВ ,**
**Аълочии матбуоти Тоҷикистон**



# ҲАР ЯК ДАРСИ УСТОД ОЗМОИШГОҲИ ЭҶОДИИ МУАЛЛИМОНИ ҶАВОН АСТ



Муаллим, воқеан, симои асосии ҷомеа мебошад. Бо овардани номи ӯ пеши назар марди ғамхору дилсӯз ва мушфиқу меҳрубоне намудор мешавад, ки бе таълиму мактаб ва маориф ҳаёташро тасаввур намекунад, тамоми дороии маънавию ахлоқиашро сарфи шогирдон месозад. Яке аз чунин омӯзгорон Мурод Ҳасанзода мебошад, ки имсол дар арафаи таҷлили ҷашни Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ қадрдонӣ гардид.

Мурод Ҳасанзода соли 1961 дар деҳаи Пахтаободи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба дунё омада, мактаби №4-и ноҳияро соли 1978 бомуваффақият хатм намуд. Дилбастагии зиёд ба пешаи омӯзгорӣ ӯро шомили факултаи химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ гардонд.

Дар донишгоҳ шарафи шогирдӣ ба кимиёшиноси маъруф ва шинохтаи тоҷик, доктори илми кимиё, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон устод Сироҷиддин Бандаев насибаш гашт ва дониши хешро мукаммалу қавитар гардонид.

Соли 1982 дар Олимпиадаи умумиттифоқии “Донишҷӯ ва прогресси илмӣ-техникӣ” дар шаҳри Новосибирск, дар мавзуи “Пайвастагиҳои симобии дисемил сиклопропанҳо” баромад карда, ҳамзамон, рисолаи дипломиашро низ дар ҳамин мавзуъ ҳимоя намуд.

Пас аз хатми донишгоҳ (соли 1983) фаъолияти омӯзгориро дар мактаби №27-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оғоз бахшид. Дониш, заковат, маҳорати хуби омӯзгориашро ба назар гирифта, баъди ду сол ӯро дар шуъбаи маорифи ноҳия ба ҳайси мушовири фанҳои химия ва биология ба кор қабул карданд. Аммо меҳри мактаб ва шогирдон ӯро баъди ду сол боз ба дабистон баргардонд ва кори омӯзгориро дар мактаби №4 идома дод.

Муаллим дар асоси таҷрибаи собиқадорон ҳамеша пайи омӯзиш, эҷод ва навоварист. Ӯ дарси имрӯзаро бе технологияи муосир тасаввур карда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳамеша кӯшиш мекунад, ҳам дарсҳои химияву биология ва ҳам машғулиятҳои лабораториро, хоҳ назариявӣ ва хоҳ амалӣ, тавассути воситаҳои аёнӣ ва технологияи компютерӣ гузаронад. Натиҷаи ин заҳматҳои муаллим аст, ки шогирдон тарзи кор кардан бо зарфҳои химиявӣ, моддаҳои сода ва мураккаби химиявӣ, тайёр кардани ҳар гуна маҳлул ва истилоҳоти олами химияро меомӯзанд.

Ташкилу ба роҳ мондани маҳфилҳо дар фаъолияти М. Ҳасанзода мавқеи махсус дорад. Аз ҷумла, дар вақти баргузории маҳфилҳо бо номи “Рӯзи элементи химиявӣ”, “Иди элементҳои химиявӣ” муаллим ба ҳадафҳои дар назди худ гузошта - бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон нисбат ба фанни химия ва ба онҳо омӯзондани тарзи дурусти тавсифи элементҳои химиявӣ аз рӯйи тартиби ҷойгиршавии онҳо дар системаи даврӣ, хуб мебарояд.

Ба ақидаи муаллим, ин қабил тадбирҳо ба инки-

шофи диққат, шавқ, маърифат ва фароҳам овардани фазои мусоиди психологӣ на танҳо дар рафти дарс, инчунин, дар чорабиниҳои беруназсинфӣ низ мусоидат карда метавонанд. Муҳим аз ҳама, хонандагон дар чунин чорабиниҳо донишро на танҳо аз омӯзгор меомӯзанд, балки худи онҳо иштирокдорони бевоситаи корҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ шуда, бо ҳамдигар мубодилаи иттилоот ҳам мекунанд.

Мурод Ҳасанзода дар тӯли фаъолияти беш аз 40-солааш дар омода намудани шогирдон барои иштирок дар озмуну олимпиадаҳои фаннӣ дастовардҳои зиёд дорад. Шогирдонаш ҳамасола дар озмуну олимпиадаҳои вилоятию ҷумҳуриявӣ ширкат меварзанд ва медалҳои тиллову нуқра ва биринҷиро сазовор мегарданд.

Чунончи, яке аз шогирдони муаллим Амриёздон Набиев, ки айни ҳол дар курси дуюми Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино таҳсил дорад, давоми се соли охир аз иштирок дар даври ҷумҳуриявии озмуну олимпиадаҳои химия ба гирифтани мақомҳои дуюму сеюм муваффақ гашта, сазовори медалҳои нуқраву биринҷӣ гардид. Мавсуф аз заҳматҳои кашидаи устод ёдоварӣ карда, меафзояд:

- Устоди мактабии ман Мурод Ҳасанзода, пеш аз ҳама, омӯзгори асил, навҷӯй, эҷодкор ва дар маҷмуъ, инсони комил буда, як умр барои шогирдон заҳмат мекашад. Ҳеҷ аз ёдам намеравад, он дарсу машғулият ва чорабиниҳое, ки устод барои мо ташкил мекарданд. Ҳар нафар аз маҳфилҳо, конференсияҳо, викторинаву шабҳои саволу ҷавоб ва бозиҳои химиявие, ки устод мегузаронд, таассуроти калон мебардошт. Ҳамзамон, бо таълим, устод моро дар руҳияи баланди ватандорӣ тарбия мекард. Ман таваccути роҳбарии устод соли 2023 дар даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат", ки бо ибтикор ва сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил ва роҳандозӣ гардидааст, ширкат намуда, ба гирифтани мақоми сеюм ва ҷоиза мушарраф гардидам.

Ҳамзамон, чанде аз шогирдонаш пас аз хатми донишгоҳ дар ҳамчун табиб дар беморхонаҳои кишвар кору фаъолият мекунанд. Қисми дигаре аз шогирдонаш дар пайравӣ ба устод, касби пурифтихори омӯзгориро пеша кардаанд, ки ин ҳама боиси ифтихори устоданд.

- Дар ҷараёни дарс бо шогирдон ҳаракат мекунам, ки гуфта ва тавсияҳои додаи устодро дар бораи он ки "дар дарсҳои химия ба масъалаи дар ҳаёт ба кор бурдани химия ва мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ", "ҳалли масъалаҳои химикиро тавре ташкил кардан лозим аст, ки онҳо ба истеҳсолот вобастагӣ дошта бошанд" амалӣ созам", - иброз медорад муаллимаи ҷавон аз мактаби №52 Фарзона Абдулназарова.

Меҳру садоқат, дилбастагӣ ба касб ва ҳисси баланди масъулиятнокӣ дар иҷрои рисолаташ буд, ки Мурод Ҳасанзода миёни омӯзгорон ҷойгоҳ ва мақоми махсусро касб намуд. Ҳар як дарси ӯ дарси кушод буда, минбари таҷрибаи пешқадам, таҷрибаивазкунӣ ва озмоишгоҳи эҷодии омӯзгорони ҷавони муассисаҳои таълимии ноҳияанд. Хонаи методии муассисаи таълимие, ки дар он дарс мегӯяд, гӯшаи таҷрибаи пешқадами ӯро бо номи "Машъалафрӯз" ташкил кардааст.

Аз соли 2020 инҷониб, ҳамасола ҳамчун мутахассиси варзида дар Филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб ба муаллимони фанҳои химия ва биологияи муассисаҳои таълимии минтақаи Кӯлоб дарс ва семинарҳои омӯзишӣ мегузаронад.

Устод Мурод Ҳасанзода дар баробари кори омӯзгорӣ, ҳамзамон, ба рӯзномаву маҷаллаҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ, вилоятию ноҳиявӣ ҳамкорӣ дошта, матлабҳояш мунтазам чоп мешавад.

Муаллим соҳиби хонаи обод буда, бо ҳамсари меҳрубонаш фарзандону наберагонро дар руҳияи меҳру муҳаббат ба Ватани азиз, донишандӯзӣ ва инсондӯстӣ ба камол расонидааст. Писаронаш Неъматуллову Сомон касби ӯро интихоб кардаанд. Неъматулло баъди хатми факултети химия ва биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ бо қиблагоҳаш дар як муассиса ба кори таълиму тарбия машғул аст. Сомон баъди хатми факултаи ҳарбии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов бо тавсияи роҳбарияти донишкада фаъолияташро дар муассисаи мазкур идома дода истодааст. Дар ҳақиқат, устод дар тӯли фаъолияти қариб нимасра умри худро пурра ба роҳе фидо кардааст, ки он на мол дораду на сарват, вале обрӯ, эҳтиром ва намунаи ибрат буданро дар ҷомеа ба даст овардааст.

Давоми фаъолияти меҳнатӣ Мурод Ҳасанзода ба хотири хидматҳои арзандааш дар рушди соҳаи маорифи ноҳия, таълиму тарбияи насли наврас ва дастовардҳо дар омода намудани шогирдон ба озмуну олимпиадаҳои гуногун ба нишони фахрии "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон", ифтихорномаву сипосномаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон, раёсати маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, ифтихорномаҳои раиси ноҳия ва шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сазовор гардидааст.

**Сайҳуна БАДИХОВА,**
**омӯзгори Коллеҷи тиббии**
**шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**

# АҲАММИЯТИ ПИРЯХҲОИ МИНТАҚАИ ЗАРАФШОН ДАР ЭКОСИСТЕМАИ МАҲАЛ



Водии Зарафшон дорои сарвати бебаҳои табиии Тоҷикистон буда, экосистемаи беназир ва гуногуни захираҳои табииро соҳиб аст. Ин минтақа дар ҳифзи гуногунии биологӣ ва таъмини сарватҳои гаронбаҳои табиӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Ин гӯшаи Тоҷикистон дорои захираҳои фаровоне мебошад, ки дар ҳаёти аҳолии маҳаллӣ ва ҳифзи экосистемаи табиӣ нақши калидӣ доранд.

Мавзеи бузургтарини пиряхи водии Зарафшон, саргаҳи дарёи Зарафшон мебошад, ки дар ин мавзеъ пиряхи машҳури Зарафшон ҷойгир шудааст. Пиряхи Зарафшон намояндаи хоси пиряхи кӯҳию водигии шохронда ба шумор меравад. Ин пирях 27,3 км дарозӣ, 1,5 то 3 км паҳно (ба ҳисоби миёна 1,6 км), 200 м ғафсӣ ва 26 км3 ҳаҷм дорад. Нуқтаи баландтарини пиряхи Зарафшон нисбат ба сатҳи баҳр дар баландии 4900 м ва нуқтаи пасттаринаш аз сатҳи баҳр дар баландии 2770 м воқеъ гаштааст. Майдони фарогирифтаи пиряхи мазкур бе шохаҳояш 42,5 км² ва бо 19 шохаи калонаш 126,8 км²-ро ташкил медиҳад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин пирях, асосан, 32 шоха дорад. Шохаҳои тарафи рости пиряхи Зарафшон нисбат ба шохаҳои тарафи чапи он калонтаранд. Ба шохаҳои тарафи рости он пиряхҳои Фарахнов (дарозиаш 14,4 км, майдонаш 14,2 км²), Толстой (дарозиаш 11,7 км, майдонаш 19,4 км²), Скачов (дарозиаш 6,5 км, майдонаш 8,7 км²) ва Мирамин (дарозиаш 7,1 км, майдонаш 9,6 км²) мансуб мебошанд. Шохаҳои тарафи чапи он нисбатан хурд буда, баъзеашон андаке беш аз 2 км² масоҳат доранд.

Пиряхи Зарафшон - яке аз калонтарин пиряхҳои Осиёи Миёна буда, ибтидои худро аз сарбастшавии се қаторкӯҳ-қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон ва Олой мегирад. Он дар байни баландиҳои 2919-5007 м воқеъ гардида, масоҳати умумии он ба 297 км2 баробар аст. Пиряхи номбурда 23%-и майдони умумии пиряхҳои ҳавзаи дарёи Зарафшонро ташкил медиҳад. Гурӯҳи пиряхҳои ҳавзаи Зарафшон соли 1959 аз 21 пирях иборат будааст, ки масоҳати умумиашон ба 132,6 км² баробар буда, ҳамзамон,

он 14,85 км3 яхро дар бар мегирифт. Масоҳати пиряхи асосии Зарафшон бошад, 38,7 км²-ро ташкил дода, дарозии он 27,8 км, масоҳати захиравии (аккумулятсии) он бошад, 13 км²-ро фаро мегирад. Гарчанде ин пирях дароз ҳам бошад, бари он ҳамагӣ 1,6 км-ро ташкил медиҳад. Тамоилаш ором буда, 8о-ро ташкил медиҳад.

Пиряхи Рама дар нишебии ҷанубу шарқии Туркистон, поёнтар аз забонаи пиряхи Зарафшон дар байни дараи Харсангӣ воқеъ гардидааст. Ин пирях 8,9 км дарозӣ ва 22,4 км² майдон дорад. Забонаи пирях дар баландии 3500 м воқеъ аст. Пиряхи мазкур байни солҳои 1870-1978 610 м кӯтоҳ шудааст. Соли 1965 он 14 м пеш рафта, соли 1966-1967 ҳолати статсионарӣ гирифтааст. Боз аз соли 1976 то соли 1991 ба андозаи 356 м қафонишинӣ намудааст.

Пиряхи Россинҷ низ дар нишебии ҷанубу шарқии Туркистон, тақрибан 4 км поёнтар аз пиряхи Рама ҷойгир шуда, 7 км дарозӣ ва 18,3 км² майдон дорад. Забонаи ин пирях аз ҳисоби об шуданаш аз хатти барфӣ хеле баланд воқеъ гардидааст. Забонаи он дар шароити кунунӣ дар ҳоли таназзулёбӣ қарор дорад.

Пиряхи Водиф намояндаи пиряхи водигӣ буда, 2,5 км дарозӣ ва 1,7 км² масоҳат дорад ва забонааш дар баландии 3950 м воқеъ гардидааст. Пиряхи мазкур дар тарафи ҷанубу шарқии қаторкӯҳи Туркистон, тақрибан 40 км поинтар аз пиряхи Зарафшон ҷойгир шудааст. Забонаи пирях дар ҳолати таназзул қарор дошта, сатҳи болоии пирях тадриҷан паст шудааст.

Пиряхи Тро низ дар самти ҷанубу шарқии қаторкӯҳи Туркистон буда, дар 5 км тарафи ғарбии пиряхи Водиф воқеъ гардидааст. Ин пирях ҳам водигӣ буда, 3,0 км дарозӣ ва 2,2 км² масоҳат дорад. Забонаи пиряхи Тро дар баландии 3920 зери монера пинҳон гардидааст, ки он аз соли 1976 то соли 1990 дар ҳолати таназзул қарор дошт. Баъди солҳои 90-ум бошад, суръати обшавии он афзоиш ёфта, хатти барфиаш 23 метр қафонишинӣ кардааст.

Пиряхи Диҳаданг дар шимолу шарқии қаторкӯҳи Зарафшон буда, 2,2 км дарозӣ 2,0 км² масоҳат дорад. Забонаи пирях аз сатҳи бахр дар баландии 3600 м ҷойгир буда, дар байни солҳои 1958-1977 то 69 м пеш рафта, вале байни солҳои 1977-1991 ба андозаи 180 м таназзул ёфтааст. Дар миёни солҳои 1990-2005 забонаи он 60 м қафонишинӣ намуда, сатҳи болоияш соле 1 м паст мефарояд.

Айни замон пиряхи Зарафшон дар давраи ақибнишинӣ қарор дошта, захираҳои яхи он коҳидааст. Ақибнишинии пирях бо маводи тадқиқотӣ ва нишондодҳои асбобҳои ченкунанда низ тасдиқ гардидааст.

То соли 1962 ҳавзаи пиряхи Зарафшон 21 адад пиряххоро дар бар мегирифт, ки аз он 8 пирях бевосита шохаҳои пиряхи Зарафшон буда, 10 пиряхи дигари он пиряхи овезон ба шумор мерафтанд. Боқимонда 3 пиряхи дигар, пиряхҳои водигӣ буда, бо пиряхи асосӣ намечаспанд ва танҳо бо дарёчаҳои аз онҳо ҷоришаванда бо он пайваст мешуданд.

Яке аз ҷанбаҳои асосии ҳифзи захираҳои табиии водии Зарафшон идоракунии самараноки захираҳои об мебошад. Ҳамасола барои ҳифзи захираҳои об ва пешгирии ифлосшавии дарё ва шохобҳои калони он, ба амсоли Фондарё, Шингдарё ва Моғиёндарё аз тарафи мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Мусаллам аст, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2025 соли умумиҷаҳонии ҳифзи пиряххо эълон гардида, ҳамасола 21 март ҳамчун Рӯзи ҳифзи пиряххо таҷлил карда мешавад. Водии Зарафшон дорои пиряххое мебошад, ки дар таъмини минтақа бо оби нӯшокӣ мавқеи калидиро мебозанд ва ҳифзи ин пиряххо ҳам бар нафъи табиат ва ҳам бар манфиати инсонҳо маҳсуб мешавад.

Обшавии пиряххо дар моҳҳои тобистон ҷараёни доимии обро дар дарёи Зарафшон таъмин мекунад, ки ба нигоҳ доштани устувории режими об ва пешгирии обхезӣ ва хушкӣ мусоидат мекунад. Оби пиряхҳо, ки аз минералҳо ва маводи ғизоӣ бой аст, ба ғанисозии хок дар заминҳои кишт мусоидат мекунад, ки ба кишоварзӣ ва олами наботот таъсири мусбат мерасонад.

Бо суръат баланд шудани ҳарорати сайёра, зиёд шудани газҳои гуногун ва партовҳои зараррасон, хушкшавии баҳри Арал ба обшавии босуръати ин пиряхҳои минтақа оварда расонида истодааст. Обшавии ин пиряххо метавонанд ба экосистемаҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, дарё, заминҳои кишт, инчунин, ҳаёти ҳайвонот ва наботот, ки ба

иқлими сард мутобиқ шудаанд, таъсир расонанд. Чунон ки Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: “Дар кишвари мо танҳо дар якчанд даҳсолаи охир беш аз як ҳазор пирях аз байн рафта, ҳаҷми умумии пиряххои кишвар ба андозаи тақрибан сеяк баробар кам гардидааст.”

Таҳлилҳои солҳои охири олимони соҳа муайян кардааст, ки калонтарин пиряхи вилояти Суғд пиряхи Зарафшон бо суръати баланд об шуда истодааст ва то ин дам наздики 27 метри ин пирях об шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки тайи 30 соли охир ҳарорат дар доманакӯҳҳову водиҳо 1 ва дар минтақаҳои кӯҳи 0,5 дараҷа гарм шудааст, ки ин ба обшавии бештар аз 1000 пиряхи хурду миёна оварда расонидааст.

Пиряххои водии Зарафшон вобаста ба муҳимият ва дигаргуншавии боду ҳаво таҳқиқоти амиқи илмиро тақозо дорад. Омӯзиши равандҳои обшавии ях, тағйирёбии иқлим ва таъсири гармшавии глобалӣ ба минтақаҳои кӯҳӣ метавонад барои ҷомеаи илмӣ маълумоти арзишманд пешниҳод кунад ва дар пешгӯйиҳои илмӣ метавонад хидмат кунад.

Агентии обуҳавошиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгӯӣ мекунад, ки дар муддати камтар аз ним аср пиряхи Зарафшон метавонад 4-5 км кӯтоҳ шуда, то 35 фоизи ҳаҷми худро аз даст медиҳад ва агар вазъ бетағйир монад, бо гузашти 150 сол пирях метавонад ба пуррагӣ аз байн равад. Гузаронидани тадқиқоти мунтазами илмӣ ва мониторинги ҳолати пиряхҳо, аз ҷумла, суръати обшавӣ, тағйирёбии масоҳат ва ҳаҷм барои беҳтар фаҳмидани динамикаи дигаргуншавӣ ва таҳияи стратегияҳои самараноки муҳофизат мусоидат мекунад.

Таҳия ва татбиқи чораҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ба мисли системаҳои ҳифзи об ва системаҳои беҳтаршудаи кишоварзӣ, барои коҳиш додани таъсири манфии дигаршавии иқлим ба пиряххо ва минтақаҳои атроф мусоидат мекунанд.

Обшавии пиряххо ҳам барои муҳити зист ва ҳам барои ҷомеаҳои ҷаҳонӣ оқибатҳои ҷиддӣ дорад. Яке аз оқибатҳои асосии обшавии пиряххо афзоиши ҳаҷми об дар уқёнусҳо мебошад, ки боиси баланд шудани сатҳи баҳрҳо мегардад.

Ин метавонад боиси обхезӣ дар манотиқи соҳилӣ гардад ва ба ҳаёту моликияти одамон ва экосистемаҳои табиӣ таҳдид кунад. Обшавии пиряхҳо ба дастрасии оби тоза низ таъсир мерасонад, махсусан, дар мавзеъҳое, ки оби тоза аз барф маншаъ мегирад. Ин метавонад ба кишоварзӣ, саноат, захираҳои оби нӯшокӣ ва экосистема таъсир расонад.

Қисми зиёди саргаҳи оби тозаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистон буда, манбаи асосии оби ширин пиряхҳо мебошанд. Аз ин лиҳоз, пешгӯйӣ кардан мумкин аст, ки агар дар ҳифзи пиряхҳо чораҳои муассир андешида нашавад, аҳолии минтақа метавонанд, ба норасоии оби нӯшокӣ, хушкшавии заминҳои обӣ ва зиёдшавии биёбонҳо рӯ ба рӯ шавад. Дар минтақаҳое, ки мардум барои оби ошомиданӣ, обёрӣ ва энергия аз оби пиряхӣ вобастагӣ доранд, обшавии пиряхҳо ба ҳаёт ва некуаҳволии маҳал хатари ҷиддӣ эҷод мекунад.

**Адабиёт:**

1. Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: http://prezident.tj/

2. Мақолаи илмии “Сухане чанд оид ба таҳқиқи пиряхи Зарафшон”. Расона: Сомонаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Муаллифон: Одинамуҳаммад Маҷидов, иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъбаи географияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Фирӯза Раҳмонова, ходими хурди илмии шуъбаи географияи АМИТ Суроға: https://www.anrt.tj/tj/khabar-o/1552-sa-ifae-ba-ta-i-i-piryakhi-zarafshon

3. Маводи хабарӣ “Ҳифзи пиряхҳо. Дар пиряхҳои болооби ҳавзаи дарёи Зарафшон мушоҳидаҳои аэровизуалӣ ва корҳои тадқиқотӣ – саҳроӣ гузаронида шуданд.” Муаллиф: АМИТ “Ховар” санаи чоп: 03.10.2023. Суроға: https://khovar.tj/2023/10/ifzi-piryah-o-dar-piryah-oi-boloobi-avzai-daryoi-zarafshon-musho-ida-oi-aerovizual-va-kor-oi-tad-i-ot-sa-ro-guzaronida-shudand/

4. Маводи илмӣ-таҳлилии “Зарафшон”. Муаллиф: Т. Толибзода. Рӯзномаи “Хатлон”. Суроға: https://khatlon-ruznoma.tj/hokimiyati-davlati/2694-zarafshon.html

5. Маводи илмӣ-таҳлилии “Тағйирёбии глобалии иқлим ва таъсири он ба пиряхҳои саргаҳи дарёи Зарафшон”. Муаллиф: Номвар Қурбонов, суроға: https://ravshanfikr.tj/zoologiya-va-tabiati-vu-ush/ta-jirjobii-globalii-i-lim-va-ta-siri-on-ba-piryakh-oi-sarga-i-darjoi-zarafshon.html.

**Моҳира ҒАЙБУЛЛОЕВА,**
**дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

# ТАЪРИХИ ПАРЧАМДОРИИ ТОҶИКОН

Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон халқи қадимтарини Осиёи Марказӣ буда, дар тӯли мавҷудияти чандинҳазорсолаи худ оини парчамсозиву парчамдориро гиромӣ медоштанд. Парчамдорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки миллат дар тӯли мавҷудияти худ барои иттиҳоду сарҷамъӣ ва озодии сарзаминаш талош намудааст. Дар парчам нишонаҳои асосии фарҳанги халқу миллатҳо ва дигар аломатҳои давлатдории онҳо инъикос меёбад.

Парчам таърихи беш аз 3-3,5 ҳазорсола дорад ва нахустин парчамҳо дар Эрони қадим, Чин ва Миср пайдо шудаанд. Тарҳи парчами сипоҳи Ориён (порсҳо, суғдиён, бохтариён) дар деворнигораҳои шаҳри Помпеи Рус (асрҳои II-I-и то мелод) тасвир ёфтааст. Дар Аврупо чунин ливоҳо каме баъдтар ба вуҷуд омаданд ва ба якчанд намудҳо ҷудо шудаанд: давлатӣ, ҳарбӣ, динӣ ва ғайра.

Таърихи рамзу аломатҳо ҳанӯз дар қадимтарин ёдгории динӣ-фарҳангӣ ва сарчашмаи нодири таърихӣ, нахустқомуси тамаддуни мардуми ориёӣ, китоби муқаддаси оини Зардушт -«Авесто» инъикос ёфта, дар табақаҳои иҷтимоии ҷомеаи ҳамондавра -коҳинон ё руҳониён бо рангу аломати сафед, сипоҳиён (ҷанговарон) бо рангу аломати сурх ва кишоварзону косибон бо рангу аломати сабз ишора шудаанд.

Дар осори мутафаккирон, уламову удабои гузашта таърихи парчаму парчамдорӣ бо нақлу ҳикоёти басо ҷолибу ҷазоб инъикос ёфтааст. Ин ривоёт ва ҳикоёти муассир тавассути яке аз шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳонӣ «Шоҳнома»-и безаволи ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ то ба рӯзгори мо омада расидааст.

Дар «Шоҳнома» доир ба «Дирафши Ковиёнӣ» чунин маълумот оварда мешавад, ки Коваи оҳангар аз зулму истибдоди шоҳи золиму одамхӯр, Заҳҳок, ки дар қатори ҷавонони зиёд 17 писари ӯро низ туъмаи морони аз китфаш мебаромада сохта буд, ба дод омада, алайҳи ин шоҳи хунхор қиём мекунад ва домани (пешгири) чармии худро ба сари найза баста, мардумро ба мубориза даъват намуд.

Бад-ин васила, Фаридун ба сари тахт меояд ва парчами Коваи оҳангар ва музаффарро бо зару зевар, сангҳои қимматбаҳо ва тасвири ситораи чоргӯши тиллоӣ ва шилшилаҳои сурх, зард ва бунафш оро дода, онро муқаддас ва парчами давлати худ эълон менамояд.

Мувофиқи ахбори муаррихон «Дирафши Ковиёнӣ» солҳои тӯлонӣ чун рамзи ифтихор ва пирӯзии ворисони Фаридун, парчами давлатҳои қадимаи ориёиҳо: Ҳахоманишиҳо, Ашкониён, Сосониён будааст ва онро арабҳои ғосибу истилогар ва тамаддунсӯз ҳангоми забти Хуросон ва Мовароуннаҳр ба яғмо бурдаанд.

Парчами давлатии Ҳахоманишиҳо (558-330 то милод) аз харобаҳои Тахти Ҷамшед ҳангоми ҳафриёт ёфта шуда, ҳоло дар Осорхонаи миллии Эрон маҳфуз аст. Ин парчами давлати ориёиҳо ранги сурх дошта, бо шилшилаҳои сурх, сафед, сабз оро дода шудааст ва дар мобайни он рамзи қадимтарини авастоӣ ва ориёӣ -Уқоби Хуршед тасвир шудааст.

Баъди ишғоли Хуросон ва Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо дар қаламрави хилофат моҳи ҳилол чун рамзи ислом дар парчами давлатӣ қабул гардид. Вале бояд афзуд, ки моҳи ҳилол пеш аз густариши ислом низ дар парчами шоҳони эронитабор тасвир ёфта буд.

Мутаассифона, парчамҳои давлатҳои минбаъдаи тоҷикнасаб, ки дар сарзамини Хуросон ва Мовароуннаҳр таъсис ёфта буданд, аз ҷумла, Тоҳириён (821-873), Саффориён (873-903), Сомониён (875-999) ва давлатҳои туркнасаби Ғазнавиён, Қарохониён, Хоразмшоҳиён, Салҷуқиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён то замони мо омада нарасидааст.

Баъд аз сарнагун шудани амири охирини сулолаи манғитиён, амир Олимхон 2 сентябри соли 1921 ва таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро, ки аз 23 сентбяри соли 1921 то 27 октябри соли 1924 арзи вуҷуд дошт ва воқеан, нахустин Ҷумҳурии Шуравии тоҷикон маҳсуб меёбад, парчами он аз ду порчаҳои ранги сабз ва сурх доштаи ба ҳам пайваст иборат буда, дар дохили он тасвири тиллоии моҳи ҳилол, ситораи панҷгӯша ва дар гӯшаи болоии он ба забони тоҷикӣ ба таври мухтасар «Ҷ.Ш.Х.Б.» (Ҷумҳурии Шуравии Халқии Бухоро) сабт шуда буд.

Аслан, Ҷумҳурии Шуравии Халқии Бухоро то

тақсимоти миллӣ - ҳудудии Осиёи Миёна (1924) нахустин давлати шуравибунёди тоҷикон дар ҳайати собиқ ИҶШС буда, аксарияти мутлақи аҳолии онро тоҷикон ташкил мекарданд, забони тоҷикӣ забони давлатӣ буд, ки онро навиштаҷоти рӯйи парчами он собит месозад.

Баъди таъсиси ҶМШС Тоҷикистон парчами мо мисли парчамҳои ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ аз матои саропо сурхранг иборат гашта, дар канори чапи он акси досу болға (рамзи муттаҳидии синфи коргару деҳқон),ситораи панҷгӯша ва навиштаҷоти «Пролетарҳои ҳамаи ҷаҳон ба ҳам оед!» бо ҳуруфоти арабиасоси тоҷикӣ сабт гашта буд.

Пас аз таъсиси ҶШС Тоҷикистон (1929) дар парчами мо тағйирот ворид шуд (бори дуюм 24 феврали соли 1931 бо сабаби қабули Конститутсияи нав). Парчам аз матои якранги сурх иборат буда, дар қисмати болои тарафи чапи он бо ҳарфҳои лотинии зарҳалӣ «RCC Tojikiston» (РСС Тоҷикистон) сабт гашта буд.

Бо қарори раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон ба парчам дар кунҷи тарафи чап тасвири досу болға ва номи ҷумҳурӣ бо тоҷикӣ ва русӣ «RCC Tojikiston» «Таджикская ССР» илова гардид. Соли 1938 калимаи «jumhuri» ба «Recpublika» иваз карда шуд.

Бо сабаби табдили алифбои лотинӣ ба русӣ, ки бо қарори Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 28 сентябри 1940 ҷорӣ гардид, дар навиштаҷоти парчам низ тағйирот ворид гардид.

20 марти соли 1953 раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қарори «Дар бораи Парчами давлатии ҶШС Тоҷикистон»-ро ба тавсиб расонид, ки тибқи он парчами давлатии ҶШС Тоҷикистон чун рамзи давлатии Тоҷикистон иттиҳоди мустаҳками табақаҳои коргару деҳқон ва дӯстиву бародарии тамоми халқҳои собиқ ИҶШС муайян гардид.

Пас аз сукути давлати абарқудрати ИҶШС ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ соҳибистиқлол гардиданд ва парчами худро чун рамзи озодӣ ва истиқлол қабул намуданд.

Соҳиб шудан ба Истиқлоли давлатӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон марҳилаи сифатан нав гардид. Вале кӯшиши бо роҳи ғайриқонунӣ ба сари қудрат соҳиб гаштани саркардагони баъзе ҳизбу ҳаракатҳо, мансабталошон ва маҳалгароии ашхоси алоҳида, дахолати беруна Тоҷикистонро ба гирдоби муқовимати шадиди сиёсӣ ва оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ кашид.

Гарчанде Тоҷикистон Истиқлоли давлатии худро 9-уми сентябри соли 1991 эълон карда бошад ҳам, аммо бар асари бесомониҳо муқовимати сиёсӣ ва фишороварии паиҳам ба парлумони ҳамонвақта рамзҳои давлатии ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо тасдиқ нагардида буданд.

Хушбахтона, ақли солим ва тафаккури сулҳпарварии мардуми тоҷик ғолиб гардид. Иҷлосияи таққдирсози XVI Шурои Олии Тоҷикистон дар Қасри Арбоб сохти конститутсиониро дар ҷумҳурӣ аз нав барқарор намуд. Ин иҷлосия ба саҳнаи сиёсӣ сиёсатмадори даврони нав, Сарвари оқилу ҷасур ва дурандеш Эмомалӣ Раҳмонро овард ва ӯ Тоҷикистонро аз вартаи нобудшавӣ раҳонид.

24 ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд ва бо ҳамин кишвари мо соҳиби яке аз рамзҳои асосии давлати соҳибистиқлол гардид.

Нусхаи аслӣ ва нахустини Парчами давлатӣ, ки дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон қабул ва тасдиқ гардидааст ва онро Раиси тозаинтихоби Шурои Олии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар иштирокдорон бо нишони эҳтирому арҷгузорӣ бӯсида, дар назди он сари таъзим фуруд оварда буданд, аз ҷониби корманди масъули Шурои Олии Тоҷикистон Калимулло Қодиров эҳтиёт ва ҳифз гардида, сипас, ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон супорида шуд ва ҳоло дар ин осорхона маҳфуз аст.

Парчами давлатии Тоҷикистон матои ростқунҷаест, ки аз се рахи рангаи уфуқӣ иборат аст: рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он ба рахи поёнии сабз баробар мебошад ва рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари паҳнои ҳар яке аз раҳҳои ранга аст. Дар рӯйи рахи сафед, дар мобайни Парчам бо зарҳал тоҷ ва болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудааст. Ранги сурх дар парчами мо - ин рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ дар роҳи озодӣ ва истиқлол, ранги сафед - рамзи покӣ, озодагӣ, роҳи сафед ва бахту иқболи нек, ранги сабз - рамзи ҳаёт, сарсабзиву хуррамӣ, созандагиву бунёдкорӣ мебошад. Дар парчам, инчунин, тасвири тоҷ ва ҳафт ситора ҷой дода шудааст. Тоҷ - рамзи шукӯҳу шаҳомат, рамзи давлат, соҳибдавлатӣ ва истиқлол аст. Ҳафт ситора низ рамзи нек буда, рақами ҳафт дар асотир, ҳикмат, оину суннати мо рақами муқаддас, рамзи бахту саодат, некӣ ва пайванди арзишҳои заминӣ ва кайҳонианд. Хеле рамзист, ки ҳафт минтақаи асосии ҷумҳурии мо, аз ҷумла, Бадахшону Зарафшон, Суғду Хатлон, водиҳои Вахшу Рашт ба ҳамин ҳафт ситора мувофиқат мекунанд. Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рамзҳои соҳибистиқлолии кишвари азизи мост.

**Илҳом ХОМӮШОВ,**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# КОРРУПСИЯ - АМАЛИ НОМАТЛУБУ ШАРМОВАР

**Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам оварда, дар маҷмуъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Коррупсия яке мавзуъҳои мубрами рӯз ва проблемаҳои нангин дар замони муосир ба шумор меравад. Зеро он дар қатори дигар омилҳои номатлуб зуҳуроти барои ҷомеа ва давлат хатарнок дониста шуда, яке аз масъалаҳои доғи рӯзи тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Коррупсия зуҳуроти замони нав набуда, дар давраи пайдоиши аввалин давлатҳо низ арзи вуҷуд дошт. Масалан, чанд аср қабл, яке аз мутафаккирони бузург Ш.Л. Монтескё гуфта буд: **“Дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастгоҳи давлатӣ фалаҷ ва ба як чизи бекора мубаддал мешавад”**.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз соҳибистиқлол эълон гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар як қатор санадҳои муҳимми байналмилалӣ ва миллӣ, аз қабили Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (соли 2005) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» (соли 2020), инчунин, стратегияҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия қабул карда шудааст.

Мақсад аз қабули чунин санаду стратегияҳои давлатӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионии шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити тоқатнопазирӣ бо зуҳуроти коррупсия ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда, ки дар маҷмуъ, барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар равона карда шудааст, мебошад.

Бояд иброз намуд, ки зуҳуроти коррупсия феълан рукдоди иҷтимоиест, ки дар тафаккури ҷамъиятӣ низ фаҳмиш ва тафсири якхела надорад. Имрӯзҳо муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, онро ришва, сӯистифода аз мансаб, пораситонӣ, судхӯрӣ, падидаи тамаллуқкорӣ, хушомад задан ва ғайра, мешуморанд. Бо вуҷуди ин ҳама, новобаста аз нуқтаи назарҳои гуногун нисбат ба коррупсия, аксари одамон дар он ақидаанд, ки ин амал ҳамчун зуҳуроти манфӣ пояҳои ҷомеаро вайрон намуда, таҳаввулоти ҷомеаро зери хатар мегузорад, вазъияти рифоҳӣ ва ахлоқии одамонро хароб ва ба пайвасти институтҳои давлатӣ бо доираҳои ҷиноятӣ ва коҳиш ёфтани боварии мардум нисбат ба мақомоти давлатӣ оварда мерасонад.

Имрӯзҳо доираи коррупсия васеъ гашта, ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Барои муқовимати самаранок ба он тадбирҳои комплексиро, аз қабили иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ андешидан зарур аст. Тибқи моддаи 14-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» пешгирии коррупсия ва роҳҳои амалигардонии он пешбинӣ карда шудааст, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- **тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ;**
- **таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ;**
- **таҳлили хавфҳои коррупсионӣ;**
- **мониторинги зиддикоррупсионӣ;**
- **экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;**
- **чораҳои назорати давлатии молиявӣ ва ғайра.**

Дар баробари субъектҳои бевоситаи ба коррупсия муқовиматкунанда, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ ба шумор мераванд, инчунин, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандонро низ ҳамчун субъекти иштироккунанда муқаррар намудааст, ки дар муқовимат ба ин амали номатлуби ҷомеа, яъне, коррупсия иштироки фаъолона намоянд, то ки кишвари азизамон барои ба даст овардани ҳадафҳои стратегӣ ва ормонҳои миллӣ комёб гардад.

ДАР ПАҲНОИ ҲАМКОРИҲО

**Дилафрӯз ҚУРБОНЗОДА,**
**“Маърифати омӯзгор”,**
**Душанбе-Хоруғ-Душанбе**

# ИНЪИКОСИ ДАСТОВАРДҲОИ МАОРИФ ДАР РӮЗНОМАИ “БАДАХШОН”



Дунёи имрӯзаи моро, ки дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ қарор дорад, бе нақши боризи матбуот ва воситаҳои ахбори омма тасаввур кардан ғайриимкон аст. Тақрибан як аср қабл асосгузори адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ дарҷ намуда буд, ки “матбуот солномаи таърихи миллат аст”. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ зимни мулоқоташон бо аҳли зиёи кишвар иброз доштанд, ки “маводи чопӣ, аз қабили китоб ва рӯзномаю маҷалла дар тарбияи маънавии мардум, пешбурди иқтисод, таблиғу ташвиқ ва ташаккули афкори ҷомеа нақши муҳим мебозад”.

Ҳамбаста ба ин гуфтаҳои гуҳарбори Сарвари давлатамон метавон бо боварӣ гуфт, ки маҳз дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар партави ғамхориву дастгириҳои беназири Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Пешвои миллат соҳаи матбуот ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, дар иҷрои рисолати таърихии худ: инъикосу таблиғи дастовардҳои рӯзафзуни тамоми соҳаҳои кишвар дастболоянд. Аз ҷумла, соҳаи маориф яке аз соҳаҳои муҳиммест, ки дар саҳифаҳои матбуоти миллии кишвар пайваста баррасӣ гардида, дастоварду музаффариятҳои ин соҳаи ҳаётан муҳим инъикоси фарогир меёбад. Яке аз ин гуна нашрияҳои муваффақу комёб рӯзномаи “Бадахшон” мебошад, ки дар олами матбуоти кишвар мақоми арзанда дорад. Дар доираи сафари хидматӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон имкон даст дод, дар шаҳри Хоруғ бо аҳли эҷоди ин аз рӯзномаи номвару соҳибиззат дидор ва суҳбат намоям.

Сармуҳаррири рӯзномаи «Бадахшон» Раҳмонқул Раҳмонқулов зимни мулоқот дар бораи таърихи пуршебу фарози он гуфт, ки “Бадахшон” нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон буда, дар ҳаҷми 8 саҳифа, бо теъдоди 4865 нусха (айни замон) ба табъ мерасад. Рӯзномаи мазкур 2-юми сентябри соли 1931 ҳамчун нашрияи Кумитаи ҳизбӣ, комиҷроия ва иттифоқҳои касабаи вилоят таъсис ёфтааст. Бо мурури замон рӯзнома ба як аслиҳаи муқтадири таблиғотӣ-сиёсӣ табдил шуд. Дар ин миён он чанд маротиба табдили ном ва ҳуруф кард. Аз «Красный Бадахшан» ба «Бадахшони Сурх», «Бадахшони Советӣ» ва «Бадахшон» табдили ном кардани рӯзнома, аз ҳуруфи форсии ниёӣ ба лотинӣ ва баъдтар ба кириллӣ гузаштани он ҳам инъикоси як марҳалаи созандагии давру замон ва рӯзгори мардуми меҳнатқарини вилоят мебошад.

Ин нашрия бо фаъолияти фарогиру мондагораш на танҳо як рӯзномаи даврӣ, балки як мактаби тарбияи кадрҳои адабию сиёсӣ буда, аз ин даргоҳ як зумра қаламбадастони боистеъдод, мисли Нодир Шанбезода, Муҳаммадалишо Ҳайдаршо, Ширин Бунёд, Мусоят Қаноатов, Шоҳзодамуҳаммад Шерзодшоев, Лутфишо Додо ва даҳҳо нафари дигар, ки баъдан дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ кор кардаанд, дуои неки сафари эҷодӣ гирифтаанд.

Дар тӯли солҳои фаъолияти пурбор ҷарида ҳамчун солномаи рӯзгори мардуми вилоят, инъикосгари ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷти-

моии ин минтақаи хушманзари кишвари азизамон ичрои рисолати худро таъмин менамуд. “Бадахшон” ҳамчун як дастгоҳи иттилоотии қавӣ, ҳамчунин, аз дастоварду пешрафтҳои соҳаи маорифи вилоят низ ба хонандагони хеш матлабҳои хубу хонданӣ пешниҳод мекунад ва дар инъикоси ин соҳаи афзалиятнок саҳми назаррас мегузорад.

Р. Раҳмонқулов афзуд, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ навгониҳову комёбиҳои маориф, аз қабили сохтмон ва ба истифода додани муассисаҳои нави таълимӣ дар миқёси кишвар, иштироки муваффақонаи хонандагони макотиби кишвар дар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ, дастовардҳои назарраси устодону омӯзгорон ба таври чашмгир афзуда, дар ин замина, ҳамарӯза хабару гузоришҳои фараҳбахшро дар соҳа аз тариқи воситаҳои ахбори омма мебинему мехонем. Таҳқиқот дар бастаҳои ин нашрияи равшангаро нишон медиҳад, ки рӯзномаи “Бадахшон” низ дар ҳамовозӣ ва ҳисси ифтихор аз ин пешсафиҳои аҳли маориф дар саҳифаҳои хеш тамоми рӯйдодҳои соҳаи маорифро инъикос менамояд, зеро он ҳамчун бахши бунёдӣ дар таълиму тарбияи насли ояндасози кишвар, омода сохтани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ва дар умум, барои пешрафти ҷомеаи мутамаддин саҳми бориз дорад. Пӯшида нест, ки Ҳукумати кишвар ва Сарвари маърифатдӯсту маорифпарвари мо-муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба ин соҳаи калидӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҷиҳати рушду равнақи он тадбирҳои муассирро амалӣ мекунанд. Тақрибан дар ҳама баромадҳояшон Роҳбари давлат доир ба соҳаи маориф андешаҳои хешро иброз намуда, бахри пешрафти он пешниҳодҳои муҳимму саривақтӣ медиҳанд. Аз ҷумла, дар суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ 1-уми сентябри соли равон таъкид намуданд, ки аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то имрӯз масъалаҳои мактабу маориф ва омӯзгору хонанда таҳти таваҷҷуҳу ғамхории аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат қарор дошта, раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва таҷдиду навсозӣ дар ҳама самтҳои он бомаром идома дорад. Эътимоду эҳтироми Сарвари кишвар ба муҳаррикони асосии соҳа-устодону омӯзгорон афзун буда, ҳамеша ҷиҳати дастгирии онҳо тадбирҳои судмандеро амалӣ намудаанд ва ҳамзамон, дар мурочиат ба муаллимон ҷиҳати ичрои рисолати инсонсозашон чунин изҳор медоранд: «Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд».

Дар ин дидор ва суҳбат аз ҷониби Раҳмонқул Раҳмонқулов китоби “Оинаи таърих” (соли чоп 2021) ба камина тақдим гардид, ки дар он ба таври фишурда оид ба таърихи таъсиси рӯзнома, ёддоштҳои кормандон ва ҳамкорони он аз солҳои гуногун, лавҳаву очеркҳо дар бораи кормандон ва ҳамкорони рӯзнома, шеърҳо дар васфи мақому манзалати рӯзнома гирд оварда шудааст.

Дар пешгуфтори китоби "Оинаи таърих" раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зиннатуллоҳ Исмоилзода нигоштааст, ки “насли нави эҷодкорон бахри тақвияти Истиқлолияти давлатӣ ва таблиғи дастовардҳои 30 соли истиқлоли кишвар маводи хонданӣ ба нашр мерсонанд. Имрӯз ин минбари мардумӣ ҳамқадами замон буда, арзу ниёзи мардум, роҳу усулҳои рушди бомаромро васеъ ташвиқ менамояд. Бахусус, дар амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди деҳот, ҳифзи марзи давлатӣ, такмили шаклу усулҳои рушди иқтисод, мубориза бо унсурҳои зишти ҷомеа аҳли эҷоди рӯзномаи “Бадахшон” саъю талоши арзишманд ба харҷ медиҳад”.

Сармуҳаррири рӯзномаи “Бадахшон” Раҳмонқул Раҳмонқулов дар фарҷоми мулоқот қайд кард, ки ҳайати эҷодии рӯзнома бо ҳамкорони хеш аз маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” робитаҳои қавии ҳамкорӣ доранд ва дар оянда низ, ҷиҳати рангин намудани саҳифаҳои нашрияҳо дар самти тарғиби дастовардҳои соҳаи маориф, ин ҳамкориҳоро боз ҳам рушд хоҳанд бахшид.

**Бахтовар ТЕМИРЗОДА,**
**муаррих**

# НИСОР МУҲАММАД КӢ БУД ВА БАРОИ РУШДИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ЧӢ КОРҲОЕРО АНҶОМ ДОДААСТ?



Таърих довари адолат ва ҳақиқат аст, ки бо мурури замон фарзандони фарзонаи ҳар як қавму халқиятҳоро ба саҳнаи хеш меорад, ки онҳо бо кору пайкори худ ба халқу миллатҳо хидматҳои арзандаву мондагор мекунанд. Вақте мо дар бораи фарзандони фарзонаи миллатҳо сухан меронем, пеш аз ҳама, аз меҳнати қаҳрамонона ва шаъну шуҳрати онҳо ҳарф мезанем. Ин бесабаб нест. Машҳуртарин одамони ҷаҳон маҳз бо кордонию меҳнатдӯстӣ, бо хоксорӣ ва хислатҳои неки худ маъруф гаштаанд. Яке аз чунин шахсони наҷибу содиқу хидматгузор ходими намоёни давлатӣ, яке аз поягузорони соҳаи маорифи Тоҷикистон Нисор Муҳаммад Юсуфзиё (1897-1937) мебошад.

Нисор Муҳаммад соли 1897 дар деҳаи Зиддии вилояти Пешовари Покистони имрӯза, дар оилаи мактабдори камбағали деҳотӣ ба дунё омада, дар 15-рӯзагӣ, аз модар ва дар 15-солагӣ аз падар маҳрум мегардад. Нисорро бобои модариаш ба тарбияи худ мегирад. Ӯ мактаби миёнаро зери назорати бобояш дар Пешовар хатм карда, дар овони ҷавонӣ дар ҳаракати миллӣ - озодихоҳии Ҳиндустон, Афғонистон фаъолона иштирок мекунад. Баъди хатми мактаб солҳои 1914-1915 дар донишкадаи Пешовар таҳсилашро давом медиҳад. Бар асари тадқиқоти М.А. Персик - «Инқилобиёни ҳиндустонӣ дар мамлакати Шуравӣ» (М; «Наука», 1973) дар бораи яке аз маҷлисҳои инқилобиёни Ҳиндустон дар Пешовар андеша ронда, таъкид мекунад, ки «Нисор Муҳаммади 23-сола дар ин ҷамъомад ошкоро изҳор намуд, ки агар принсипҳои коммунистӣ дуруст ба роҳ монда шаванд, тамоми дунё озод хоҳад шуд». Соли 1919 Нисор Муҳаммад ба пойтахти Афғонистон - шаҳри Кобул меояд ва дар мактаби Ҳабибия ба ҳайси омӯзгор фаъолият мекунад.

Ба туфайли Инқилоби Октябр дар Афғонистон ҳам ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ авҷ мегирад, ки дар баробари равшанфикрону тараққихоҳони афғон, дар он Нисор Муҳаммад низ фаъолона иштирок мекунад. Ӯ соли 1920 бо як қатор инқилобиён ба шаҳри Тошканд меояд ва дар ин ҷо бо шарқшиносони номӣ В.В. Бартолд, А.А. Семёнов, М.С. Андреев, А.М. Дяков, ходимони намоёни давлатӣ – Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев аз наздик шиносоӣ пайдо мекунад. Дар Тошканд бо як дилбастагии хосса ба кори таълиму тарбия машғул мешавад.

Нисор Муҳаммад аз лаҳзаи аввали ворид шуданаш ба шаҳри Тошканд худро озод ва дар ҳалқаи дӯстон дид. Ӯ бо ақли расо ва хирадаш дар дили кормандони маорифи шаҳри Тошканд ба зудӣ роҳ ёфт ва бо назарияи марксизм-ленинизм ошно гардида, барои омӯзиши забони русӣ кӯшиш кард. Ӯ аввал дар мактаби ҳарбӣ ва баъдтар дар Университети коммунистии Осиёи Миёна ба номи В.И. Ленин ба сифати омӯзгор кор мекунад. Низоми сотсиалистӣ мавриди пи-

санди Нисор Муҳаммад гардида, соли 1922 узви Иттиҳодияи синфӣ шуд. Соли 1924 дархост ба узвияти Ҳизби коммунистӣ намуд. Чанд нафар коммунистон, аз ҷумла, Дяков Алексей Михайлович – мудири шуъбаи корҳои ташкилоти Ҳизби Комунистии Осиёи Миёна ӯро ба узвияти Ҳизби коммуннист тавсия кард. Ба ин тартиб, аз 13-уми августи соли 1924 Нисор Муҳаммад ба узвияти Ҳизби коммунистӣ пазируфта шуд.

Дар ин солҳои мураккаб Нисор Муҳаммад дар вазифаҳои гуногун - раиси комиссияи илмии тоҷикии Комиссариати халқии маорифи Туркистон, раиси комиссияи илмии маорифи ҶШС Ӯзбекистон, раиси идораи нашриёти давлатии ҶМШС Тоҷикистон кор кардааст. Инчунин, ӯ аввалин ректори Дорулмуаллимини тоҷик дар Тошканд буд ва дар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ (тоҷикон) хидматҳои арзанда кардааст. Моҳи октябри соли 1924 дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, барои тоҷикон давраи ниҳоят муҳим ва тақдирсоз буд, зеро дар ин давра тақсимоти миллию марзӣ гузаронида шуд ва душманони халқи тоҷик талош бар он мекарданд, ки аз ҳисоби тоҷикон ҷумҳурии алоҳида таъсис наёбад. Кор то ҷое расида буд, ки пантуркистон тоҷиконро ҳамчун миллат эътироф намекарданд.

Дар чунин вазъияти мушкил Нисор Муҳаммад дар қатори Нусратулло Махсум, Ширидшоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Саидаҳмад Анваров ва дигар фарзандони баруманди халқи тоҷик талош бар он мекард, ки дар рафти тақсимот ҳуқуқҳои тоҷикон ҳамчун миллати қадимтарини Осиёи Миёна поймол нагардад. Мавсуф ба маҳалҳои тоҷикнишин рафта, аҳаммияти тақсимоти миллию марзиро ба мардум мефаҳмонд. Донишманди маъруфи тоҷик Камол Айнӣ дар сарсухани “Намунаи адабиёти тоҷик” нигоштааст: “Тобистони соли 1922 масъалаи нашр кардани як рӯзномаи тоҷикӣ дар Тошканд ба миён омад ва комиссари маорифи Туркистон Нисор Муҳаммад барои ошно шудан ва омӯхтани масъалаи тоҷикӣ ба Самарқанд фиристода шуд ва ба маҷлис-машварат даъват гардид, ки дар он нашри рӯзномаи тоҷикӣ бо номи “Овози тоҷик”-ро ба миён гузошт.

Нисор Муҳаммад дар ташкил кардани рӯзномаи тоҷикии “Овози тоҷик”, ки аз моҳи августи соли 1924 дар шаҳри Самарқанд мебаромад, инчунин, дар нашр кардани аввалин китобҳои дарсӣ, барои ба забони тоҷикӣ таълим додани мактаббачагони тоҷик дар мактабҳои советӣ хидмати бузург намудааст. Ҳадафи аслии рӯзномаи тоҷикӣ ин дастгирӣ ва тарғиби забони тоҷикӣ буд. Зеро дар ибтидои солҳои бистум ба ин забон бо роҳҳои гуногун фишор оварда мешуд ва ҳатто, хатари томоман нестшавии он ба вуҷуд меомад. Дар маҳфилҳо ба забони тоҷикӣ, умуман, суҳбат намекарданд. Он танҳо забони муоширати хонаводагӣ шуда буду халос. Нисор Муҳаммад дар яке аз гузоришҳо ба душманони миллати тоҷик хитоб карда, мегӯяд: «Забони тоҷикиро барҳам додан ин миллати тоҷикро барҳам додан аст». Ходими намоёни давлатӣ Бахринисо Тоҳирова дар ёддоштҳои худ қайд менамояд: “Нисор Муҳаммад шахси ҳалим, хоксор, маорифпарвар ва босадоқат нисбат ба миллати тоҷик буд. Дар анҷуману конфронсҳои ҷамоҳири шуравӣ баромад намуда, эҳсоси тоҷикгароиро аз даст намедод”.

Дар солҳои аввали ташкилёбии Тоҷикистон дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз сабаби харобии хоҷагӣ ва набудани кадрҳо ташкил намудани курсҳои гуногуни кӯтоҳмуддат хеле мушкил ва душвор буд. Масалан, раиси комиссияи илми тоҷик Нисор Муҳаммад 24 октябри соли 1925 дар маърӯзаи худ чунин гуфта буд: «Дар шароити ҳозира дар Тоҷикистон ба коркунони соҳаи маданӣ талаботи зиёде ҳис карда мешавад, бинобар он ҳам, бисёртар одамонро ба мактабҳо ҷалб кардан лозим аст. Аммо чунон ки маълум аст, дар худи Тоҷикистон ғайр аз мактабҳои ибтидоӣ, ки дар онҳо саводнокшавиро меомӯзанд, дигар мактабҳо нестанд. Мо медонем, ки аз халқи маҳаллӣ тайёр кардани коркунони ҳизбӣ ва давлатӣ ин ғалаба бар зидди босмачиён аст. Аз ҳамин сабаб, Ҳукумати Ӯзбекистон вазифадор буд, ки дар мактаб ва донишкадаҳои худ барои тоҷикон ва Тоҷикистон фоизи муайяни ҷой намояд». Номбурда дар бобати ташкил намудани «Ҷамъияти илмии омӯзиши Тоҷикистон ва халқҳои эроннажоди берун аз ҳудуди он», ки 9 январи соли 1925 дар шаҳри Тошканд таъсис ёфта буд, инчунин, дар таъсиси Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд низ саҳми арзанда дорад. Дар вақтҳои аввали Тоҷикистон дар масъалаи ҷамъ кардан ва ба Дорулмуаллимин

фиристодани талабагон бисёр душвориҳо мекашид. Бинобар он, вай талабагонро аз байни тоҷикони Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд ва водии Фарғона ба хондан ҷалб мекард.

Дар кори ташкилу мустаҳкам намудани Дорулмуаллимини тоҷик дар радифи хидматҳои Г. Чичерин, В. Бартолд, А. Лоҳутӣ хидмати Н. Муҳаммад низ бағоят калон аст. Моҳи октябри соли 1925, дар соли дуюми таъсиси Комиссариати халқии маорифи ҶМШС Тоҷикистон Нисор Муҳаммад ба вазифаи муовини комиссари халқии маорифи ҷумҳурӣ интихоб мегардад. Ҳайати мушовараи Вазорати маорифи ҶМШС Тоҷикистон Нисор Муҳаммадро ба узвияти худ мепазирад ва ӯро ба ҳайси мудири масъули рӯзномаи «Бедории тоҷик» таъйин менамояд. Дар аксар маҷлисҳое, ки оид ба фаҳмондадиҳии моҳияти сиёсати ҳизби коммунист гузаронида мешуд, ӯ бо маърӯзаву лексияҳои пурмазмун баромад менамуд.

Нақши Нисор Муҳаммад ҳамчун узви мушовараи Комиссариати халқии маорифи ҶШС Ӯзбекистон дар бобати ташкил намудани шабакаи васеи мактабҳои маълумоти умумӣ, бо дастурҳои таълимӣ таъмин намудани онҳо ва дар маҳви бесаводии аҳолии калонсол ҳам хеле арзишманд мебошад. Ба забони тоҷикӣ мавҷуд набудани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методию таълимӣ дар ривоҷу равнақи таҳсилоти умумии ҳатмӣ ва маҳви бесаводии аҳолии калонсол монеаи ҷиддӣ мавҷуд буд.

Дар натиҷаи талошу кӯшишҳои Нисор Муҳаммад як силсила китобҳои дарсӣ барои мактабҳои тоҷикӣ, ба монанди «Мухтасари раҳнамои ҳисоб»-и Н. Муҳаммадов (1923), «Соли нахуст»-и Саидризо Ализода (1924), «Алифбои забони тоҷикӣ»-и Н. Муҳаммадов (1924), «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ»-и Саидризо Ализода (1924 нашри якум), «Алифбои тоҷикӣ»-и Мазҳар Махдум Бурҳонов ва Садриддин Кином (1925), «Роҳбари бесаводон»-и Исматулло Раҳматуллозода ва Ҳоҷимуъмин Шукруллозода (1925), китоби хониши «Калиди дониш»-и Манофзода (1926), «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ»-и С. Ализода (1926 нашри дуюм), «Омӯзиш»-и В. Маҳмудӣ ва Т. Зеҳнӣ (қисми I-III.(1928) ба табъ расиданд.

Нисор Муҳаммад ба таҳсили духтарон низ диққати хосса медод. Муаллифони китоби «Муаллимони сурх» қайд намудаанд, ки Нисор Муҳаммад, махсусан, дар ташкили мактабҳои духтарона саҳми ниҳоят калон гузоштааст. Ӯ ба маҳалҳо рафта, ба аҳолии бумӣ моҳияти таҳсили духтарон дар мактаб ва оқибатҳои он-барҳам додани маҳви бесаводӣ, саводнокшавии занони тоҷикро мефаҳмонид ва бо тарғибу ташвиқ шумораи зиёди духтаронро ба мактаб меовард. Аз охирҳои солҳои 20-ум ва аввали 30-юм сар карда, баробари афзудани шумораи мактабҳо, курсҳои педагогӣ ва омӯзишгоҳҳо таълиф ва нашри китобҳои дарсӣ торафт зиёд шуда, сифати онҳо низ беҳтар мегардид. Нисор Муҳаммад кӯшиш мекард, ки қоидаҳои забони тоҷикӣ риоя карда шуда, он таҳким ва такмил ёбад. Пас аз ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон Нисор Муҳаммад ду маротиба солҳои 1928-1929 ва 1930-1932 ба вазифаи Комиссари халқии маорифи Тоҷикистон таъйин гардид. Дар ин давра шумораи мактабҳо, омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои олии бозшуда зиёд шуд. Аввалин бор дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Душанбе таъсиси мактабҳо ба роҳ монда шуданд.

Ӯ соли 1932 бо мақсади такмили дониши худ ба шуъбаи аспирантураи Институти шарқшиносии ба номи Наримонови шаҳри Москва дохил ва ҳамзамон, дар ин даргоҳ аз забонҳои урду ва пашту дарс мегуфт. Баъди хатми аспирантура ӯ дар шаҳри Москва монд ва солҳои 1932-1937 зиндагияш дар шаҳри Масква гузашт.

Нисор Муҳаммад муаллифи 11 асари илмӣ буда, муҳимтарини онҳо: «Роҳнамои ҳисоб» (1923), «Алифбо» (1924), «Масъалаи баромади тоҷикон» (1929), «Тоҷикон дар роҳи ҳақиқат», инчунин, 130 мақолаву гузоришҳояш дар матбуоти даврӣ нашр гардидааст.

Ин марди фидоӣ дар роҳи пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз корҳои зиёди илмию маънавӣ карда метавонист, вале тақдир амри дигар кард. Ӯ соли 1937 ба ҳабс гирифта шуд ва дере нагузашта, қурбонии беадолатию бадкирдориҳои таъқиботи Сталинӣ гардид. Зиндагиномаи ин марди шариф сазовори омӯзиши зиёд аст, зеро фаъолияти ӯ серҷабҳа буда, махсусан, дар самти низоми маориф корҳои мондагор анҷом додааст, ки барои ҷавонони Тоҷикистон метавонад, намунаи ибрат бошад.

## САЙҚАЛИ ЗЕҲН

**Мураттиб: Ҳотами ҲОМИД**

## МУАММОИ «ОЛИМ»

**Аз боло ба поён:**
1. «Сар медиҳаму намедиҳам ***» (Камоли Хуҷандӣ). 2. Зарфи сафолӣ ё филизӣ барои об ва шароб гирифтан, кӯза. 3. Онро самак ҳам мегӯянд. 4. Тахаллуси шоираи тоҷик. 5. Дараҷаи маълумот. 6. Ҷалолиддини Балхӣ ва ё ***. 8.Муассисаи ҳисобу китоби рақамҳо. 12. Шамоли форам. 13. Шахси ба дил наздик. 15. *** Адҳам, шоир ва тарҷумони фақиди тоҷик. 16. «*** ба амал чу ёр гардад» (Низомии Ганҷавӣ). 20. Охиратро гӯянд, дунёи дигар. 22. «Ақл дар гӯши танам гуфт, ки *** адаб аст» (Мавлавӣ). 23. «Қомати хамгаштаи пирон нишони *** нест». 24. «Бад-ӯ гуфтам, ки мушкӣ ё ***ӣ? 25. Муродифи рӯй, чеҳра. 27. Нидо. 29. Дину ***.

**Аз чап ба рост:**
6. Галаи чорпоёнро гӯянд. 7. Давлат дар қитъаи Осиё. 9. Муқобили «наздик». 10. Фасли сол. 11. ***ву ишора. 12. Асосгузори шеъри сафед. 14. «Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад ***». 17. Оҳанг, овоз. 18. Донишмандро ҳамин тавр мегӯянд. 19. Як навъи қаланфур. 21. Шакли кӯтоҳшудаи исми муассисаи илмии мамлакат. 26. Шакли қадимии пешоянди «бо». 28. Азим, кабир, бузург. 29. Ихтисораи русии ҶДММ. 30. Моддае, ки аз гарди орди гандум, ҷуворимакка ва ғайра барои шах ва ҷилодор шудани матоъ тайёр мекунанд. 31. Исми маъмулии мардона. 32. Ҳайвони ёбой, даштӣ.



### ҶАВОБИ МУАММОИ «МАОРИФ»

**Аз боло ба поён:**
1. Сиҳат. 2. Рубоб. 3. Сокит. 4. Донак. 6. Рунӣ. 7. Арча. 10. Асло. 12. Имло. 14. Лекин. 15. Амроз. 16. Тулод. 18. Модар. 20. Роҳ. 22. Рим. 23. Элок. 25. Агар. 29. Аммо. 30. Амак. 31. Истон. 32. Марко. 33. Намак. 34. Иблис.

**Аз чап ба рост:**
1. Саҳар. 3. Сабад. 5. Бур. 7. Арк. 8. Умр. 9. Таноб. 11. Тоҷик. 13. Тирак. 14. Лол. 17. Лом. 19. Ором. 21. Узро. 23. Эҳдо. 24. Олма. 26. Нил. 27. Гар. 28. Намад. 31. Икром. 33. Назрӣ. 35. Маа. 36. Рео. 37. Кам. 38. Наҷво. 39. Ковус.

# МУНДАРИҶА


**СУХАНИ ПЕШВО**

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибихтиёр санади ифодагари истиқлолу озодии халқи мост......1

**16-УМИ НОЯБР - РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

С. ЯТИМОВ. Нақши шахс дар таърих..................................................................................7

**СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ**

Н. САЙФИДДИНЗОДА. Афзалиятҳои шакли идораи президентӣ дар низоми идоракунии давлатӣ.........................................................................................................................12

**БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ**

М. МУЗАФФАРЗОДА. Асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ................15

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

М. ЯҲЁЕВА. Нақши одоби муошират дар фаъолияти кормандони кӯдакистонҳо....................17

**ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ**

С. ҲАЛИМОВА. Магар ҷалби хонанда ба дарс осон аст?.......................................................20

**КИТОБҲОИ ДАРСӢ**

А. ШАРИФЗОДА., А. РАҲИМЗОДА. Маводи дарсии ба салоҳиятнокӣ асосёфта.................22

**ГЕОМЕТРИЯ**

Ш. АХМЕДОВА. Ҳалли масъалаҳои геометрӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ.........28

**РИЁЗӢ**

Н. БАРОТОВА. Бозиҳои математикӣ магар шавқоваранд?......................................................34

**БИОЛОГИЯ**

Д. МАҲМАДОВ. Илмат ба амал чу ёр гардад.........................................................................36

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**

М. КАРИМОВ. Таҷрибаи лабораторӣ ҳамчун методи махсус ва самараноки таълими химия..38

**РАВОНШИНОСӢ**

А. ЮСУФБЕКОВ. Хушунат дар оила рукуди зеҳнии фарзанд аст...........................................41

**ПАЖУҲИШ**

Ш. РАҲМОН. Ҷустуҷӯйи осор ва ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ...............................................42

**РОБИТАИ МАКТАБ, ОИЛА ВА ҶОМЕА**

С. ЮСУФОВ. Маҷлиси падару модарон ва рушди ҳамкории омӯзгор бо волидон.................46

**ОМӮЗГОРИ ХИМИЯ**

И. НАБИЕВ. Ҳар як дарси муаллим озмоишгоҳи эҷодии омӯзгорони ҷавон аст........................49

**ҲИФЗИ ТАБИАТ**

С. БАДИХОВА. Аҳаммияти пиряххои минтақаи Зарафшон дар экосистемаи маҳал...............51

**БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

М. ҒАЙБУЛЛОЕВА. Таърихи парчамдории тоҷикон...................................................................54

**ЗУҲУРОТИ НАНГИН**

И. ХОМӮШОВ. Коррупсия- амали номатлубу шармовар............................................................56

**ДАР ПАҲНОИ ҲАМКОРИҲО**

Д. ҚУРБОНЗОДА. Инъикоси дастовардҳои маориф дар рӯзномаи “Бадахшон”.......................57

**МАОРИФ ВА ЗАМОН**

Б. ТЕМИРЗОДА. Нисор Муҳаммад кӣ буд ва барои рушди маорифи Тоҷикистон чӣ корҳоеро анҷом додааст?..............................................................................................................59

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИД. Муаммои «Олим».................................................................................................62

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-тадқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.
**М. АТОЗОДА,** муҳаррир.
**Қосимхуҷа НАЗАРОВ,** тарроҳ.
**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- ➢ Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- ➢ Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- ➢ Чопи матолиби нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- ➢ Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x841/8.**
**Адади нашр 6410 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**